**МАСТОН ШЕРАЛӢ**

# МЕРОСИ ДИЛ

**ДУШАНБЕ**
**«АДИБ»**
**2005**

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ш-95

***Ин китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба табъ расидааст.***

Мураттиб ***Хуршед Шералӣ***

Муаллифи пешгуфтор ва муҳаррир
***Сайидалӣ Маъмур***

Ш-95 ***Мастон Шералӣ***. **Мероси дил**. *Шеърҳо*.
— Душанбе: «Адиб», 2005. 192 саҳ.

Мастон Шералӣ аз шоирони навҷӯ ва навпардоз буд. «Мероси дил» гулчини ашъор буда, дар он беҳтарин навиштаҳои шоир ҷой дода шудаанд. Китоб ба муносибати 70-солагии суханвари зиндаёд Мастон Шералӣ нашр мешавад.

**Ш $\frac{\text{470240202-3}}{\text{М - 503}}$ - 2005**

**© Мураттиб Х. Шералӣ, 2005**

# СУХАНИ ЁДГОР

Ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта ба майдони адабиёти тоҷик як гурӯҳ шоирони ҷавон ворид шуданд, ки шеърҳои нахустини онҳо аз навиштаҳои пешинагон бо тару тозагии худ, қабл аз ҳама бо мӯъҷазбаёнӣ фарқ мекарданд. Онҳо давомдиҳандагони бевоситаи роҳи устоди зиндаёд Мирзо Турсунзода ва шоирони баркамоли онвақта Ғаффор Мирзову Аминҷон Шукӯҳӣ буданд. Маҳз аз ҳамин давра сар карда Қутбӣ Киром, Мӯъмин Қаноат ва андаке дертар Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ғоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва чанди дигар тез-тез дар матбуот шеър чоп мекунонданду маҷмӯаҳои нахустинашонро ба табъ мерасонданд.

Мастон Шералӣ аз зумраи чунин қаламкашон буд. Ӯ нигоҳи тоза ба зиндагӣ дошт, каломи шоириро муқаддас медонист. Бо нахустин навиштаҳояш хонанда пайдо карда буд.

Ёд дорам, солҳои 1963 ва 1964 нахустин маҷмӯаҳои ашъори шоирони ҷавон Қутбӣ Киром ва Мастон Шералӣ бо пешгуфтори устод Мирсаид Миршакар тавассути нашриёти «Ирфон» аз силсилаи «Навниҳолони боғи адабиёт» ба табъ расид. Яке «Парвози меҳр»

ном дошту дигаре «Мавҷҳои Зарафшон». Нашри ин ду маҷмӯа барои дӯстдорони шеъри нави тоҷик чун воқеаи фараҳбахш маҳсуб мешуд. Он солҳо донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро ҳар тирамоҳ ба ноҳияи Шаҳртӯс ба пахтачинӣ мефиристоданд. Мо, донишҷӯёни факултаи таъриху филология дар хоҷагии овозадори ба номи Ломоносов, ки раисаш Талбак Садриддинов буд, пахта мечидем. Боре аз радио шунидем, ки китобҳои шоирони ҷавон Қутбӣ Киром ва Мастон Шералӣ нашр шудааст. Баробари дигар шарикдарсон, ки он солҳо аксар ба таълифи шеъру ҳикоя машғул буданд, ману Гулназар низ изҳори шодмонӣ кардем ва бисёр мехостем, ки он китобҳоро ҳарчӣ зудтар дастрас намоем. Аммо Шаҳртӯс аз Душанбе дар масофаи дур воқеъ буд. Рӯзе як шарикдарсамон бо коре ба Душанбе мерафтагӣ шуд. Аз ӯ хоҳиш кардем, ки бе китобҳои Қутбӣ Кирому Мастон Шералӣ барнагардад. Ҳамин тавр ҳам кард. Аз ҳарду китоб ба ману Гулназар ҳам якнусхагӣ ҳадя овард. Чун имкон меёфтам, ҳар шеъри маҷмӯаро баргашта мехондам, дар ҷӯякҳои пахтазор пахтачинон азбар мекардам. То имрӯз чанд шеъри ин шоирон дар ёду хотирам нақш бастааст. Маҷмӯаҳояшонро бошад то ҳол дар китобхонаи шахсиам нигоҳ медорам. Ин аввалин шиносоиям бо Мастон Шералӣ набуд. Ӯро бори нахуст соли 1961, вақти донишҷӯи соли якум буданам дар идораи рӯзномаи «Маориф ва маданият» дидаам. Он вақт Мастон Шералӣ мудири шӯъбаи адабиёти

рӯзнома буд. Ба ӯ чанд навиштаи навқаламонаамро пешниҳод кардам. Ҳамаашро қабул кард. Баъди чанде яке аз онҳоро бо таҳрир таҳти унвони «Ганҷи бетаг» аз саҳифаҳои «Маориф ва маданият» хондам. Ин нахустин шиносоӣ бо Мастон Шералӣ буд. Баътдар ҳам дар идораи рӯзнома ва ҳам дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ», ки чанд муддат кор карда буд, борҳо ҳамсӯҳбат шудам, аз маслиҳатҳои судмандаш баҳравар гаштам. Алалхусус, вақте ӯ ба нашриёти «Ирфон» ба кор гузашт, тез-тез медидагӣ шудам. Ман баъди хатми Донишгоҳ дар радиои тоҷик кор мекардам. Адибонро бо навбат ба меҳмонӣ мехондем, ҳамроҳашон сӯҳбат мееоростем, аз навиштаҳояшон намунаҳо мешунавондем. Мастон Шералӣ ҳам муаллифи фаъоли мо буд. Ӯ, ки даҳ сол аз ман калонтар буд, гоҳе чун бародар маслиҳатҳояшро аз банда дареғ намедошт.

Як пагоҳӣ чун ҳаво боронӣ буд, кулоҳ ба сар карда сӯи бинои радио, ки дар кӯчаи Орҷоникидзе воқеъ буд, равона шудам. Аз пас садое шунидам ва дидам, ки Мастон Шералӣ меомад. Ӯ бо ман баъди вохӯрӣ маслиҳат дод, ки алҳол синну солам ба кулоҳпӯшӣ нарасидааст, бояд аз он худдорӣ намоям. Аз рӯзи дигар дигар кулоҳ ба сар накардам. Солҳои зиёд сипарӣ шуданд. Синни банда ҳам ба ҷое расид. Мо ҳамсояҳои ҳамошён шудем. Боре боз маро кулоҳбасар дид. Гуфт, ки акнун кулоҳзеб шудаӣ.

Баъдҳо низ аз меҳрубонию маслиҳатҳои Мастон Шералӣ бенасиб намондам. Ҳар шеърамро аз рӯзномаву

маҷаллаҳо мехонд, роҷеъ ба ҳусну қубҳи онҳо изҳори ақида мекард. Қариб ҳамеша ба маслиҳатҳояш гӯш медодам. Вақте манзумаи «Умеди зинда», ки аз навиштаҳои пештараам ҳаҷман калонтар буду дар ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» нашр шуд, Мастон Шералӣ баъди хондан эроде нагирифт, хурсандӣ кард, ки чизи хонданисту бозёфтҳои тозае дорад. Ӯ вақти таҳрири китоби шеърҳоям «Розӣ дарё» низ чун муҳаррир маслиҳатҳояшро дареғ надошт. Ин буд, ки шеърҳо нисбатан пухта гардиданд ва маҳз барои ҳамин китоб сазовори ҷоизаи Созмони ҷавонони Тоҷикистон шудам. Мастон Шералӣ натанҳо шоир, балки мутарҷими номваре буд. Ӯ осори манзуми бисёр адибони ҷаҳониро ба тоҷикӣ гардондааст. Тарҷумаҳояш чун нусхаи асл хонда мешаванд. Ин аст, ки як шеъри Расул Ғамзатовро дар тарҷумаи Мастон Шералӣ ҳофизе оҳанг даровардааст, ки ҳар замон тавассути радио садо медиҳад. Дар воқеъ, Расул Ғамзатов ҳам барои тарҷумаи маҷмӯаи ашъораш «Суруди авул» аз мутарҷими худ миннатдор буд.

Вақте чанд сол муқаддам дар Доғистон Рӯзҳои адабиёти тоҷик баргузор гардид, дар кушодашавии он дар толори Донишгоҳи давлатии Махачқалъа Расул Ғамзатов қабл аз ба Мастон Шералӣ сухан додан бо лутфи ба худ хос гуфт:

— Бинед, нусхаи асл ба нусхаи тарҷума чӣ қадар монанд аст? Ӯ ин лаҳзаҳо ба мӯҳои сафеди сари худу Мастон Шералӣ ишора мекард.

Мастон Шералӣ ба ҷуз осори Расул Ғамзатов боз маҷмӯаҳои ашъори В. Сосюра, О. Кешоков, Д. Кугултинов, Ш. Петефӣ, Лорка ва дигаронро хуб тарҷума карда буд.

Ӯ солҳои охир ба тарҷумаи шоҳасари Г. Гейне «Фауст» машғул буд. Афсӯс, ки ин кори ӯ нотамом монд.

Мастон Шералӣ донандаи хуби адабиёти классикии форсу тоҷик буд. Ӯ бисёр ғазалу шоҳбайтҳои бузургонро аз ёд медонист. Боре дар хонаи ҳамсоямон, шоир ва нависандаи маъруф Аъзам Сидқӣ нишасте шуд. Мастон Шералӣ он шаб он қадар шоҳбайт хонд, ки аҳли нишаст қоил шудем. А. Сидқӣ ба М. Шералӣ маслиҳат дод, ки агар китоби шоҳбайтҳо тартиб диҳад, кори савоб хоҳад шуд. Мастон Шералӣ ваъда дод, вале умр вафо накард.

Мастон Шералӣ ба ҷуз шоирӣ, тарҷумонӣ, драмнависӣ, боз овозхони хуб ҳам буд. Овози ширадоре дошту ғазалҳои обдоре мехонд. Ҳарчанд қисмат ба банда ношодиҳои зиёде овард, боз шодам, ки солиёни дароз бо Мастон Шералӣ ҳамсӯҳбат, ҳамкор (дар нашриётҳои «Ирфон» ва «Адиб») ҳамнишаст ва ҳамсоя будам.

Маъзарат мехоҳам, ки аз нашрии Мастон Шералӣ ҳарфе нагуфтам. Он чӣ аён аст, ҳоҷат ба баён нест. Агар аксар китобҳои классикону шоирони муосирро кушоед, дар аввал ё охири онҳо номи муҳаррир Мастон Шералиро мехонед. Заҳмати ноширӣ фақат ба ношир хубтар маълум аст. Ман ҳам вақте ба нашриёт ба кор

омадам, баъд беҳтару хубтар аз пешаи пурмашаққати ноширон огаҳӣ ёфтам.

Мастон Шералӣ бешубҳа, шоири тавоно буд. Аз ӯ шеърҳои зиёд ба ёдгор мондаанд. Саҳми ӯ дар инкишофи назми муосири тоҷик кам нест. Дар зодгоҳаш деҳаи Зериҳисори Панҷакат мактаб ба номаш гузошта шудаасту саҳни онро нимпайкарааш зебу оро медиҳад.

Аммо пурқадртарин ёдгори шоир шеъру сухани ӯст, ки номашро зинда медорад. Ба ин маънӣ Соиб фармудааст:

*Ёдгоре к-аз одамизод аст,*
*Сухан аст он, дигар ҳама бод аст.*

Мастон Шералӣ барҳақ аз шоирони зиндаёду зинданом аст.

***САЙИДАЛӢ МАЪМУР.***

# ШЕЪРҲО

## МЕРОС

Ҳангоми танҳоӣ басе
Бо ман хаёле мерасад.
Он сон, ки аз роғи даре
Ногаҳ шамоле мерасад...

Дил мекунад аз ман суол —
Ман кӣ будам, ман кистам?
Дирӯз будам тифли кӯҳ,
Имрӯз як шаҳристам.

Модар, падар буд бар сарам
Хуршеду моҳе доштам.
Парвои рӯзу шаб набуд,
Пушту паноҳе доштам.

Модар, падар ду пора нур,
Ду тӯшаи ҳар роҳи дур,
Ду шаҳпули дарёи тез,
Ду олами бахту сурур.

Ногаҳ чу рафтанд аз сарам,
Сӯзе ба ҷонам хона монд.
Гӯё, ки дар рӯи замин
Чун ман касе танҳо намонд.

Бо ин ҳама танҳоиям,
Бо сӯзи пинҳон сӯхтам,
Бар зиндагию зиндагон
Чашми дигар андохтам...

Аз рӯи андарзи падар
Чун аз падар ҷустам паноҳ,
Гар дигарон зар кофтанд,
Ман аз ҳунар ҷустам паноҳ.

Ман дар Ватан баҳри Ватан
Бисёр фан омӯхтам,
Ҳамсози сӯзам бештар
Шеъру сухан омӯхтам.

Сӯзе дигар аз ин ҳунар,
Дар ҷисму ҷонам даргирифт.
Дардам тасаллобахш ёфт,
Гардам раҳи ахтар гирифт.

Ба ин фани беминнатам
Ман зиндагӣ сар кардаам.
Хишт аз суханҳо рехта,
Ман хонаву дар кардаам.

Ман ташнагӣ нашкастаам
Аз оби чашми бекасон.
Теғи камолам тез буд,
Дар асл бе санги фасон.

Ҳарчанд ман дар роҳи умр
Бас чоҳ дидам, ҷоҳ не.
Кошона равшан кардаам
Аз нури дил, аз моҳ не.

Дар соли бад пинҳон набуд
Аз ман нигоҳи Офтоб,
Аз бепаноҳӣ ҷо будам
Ман дар паноҳи Офтоб!

Бо аҳли деҳ аз тири ҷанг
Мемурдаму мезистам.
Ханданд, хандон мешудам,
Гирянд, мегирйистам.

Ҳар неку бад, ки дидаам,
Нодида метобад маро.
Онро намеёбам дигар,
Он ҳам намеёбад маро!

Чилсола умрам гӯиё
Чил пора ях буд, об шуд.
Ҳар дидаю нодидаам
Дар зери он ноёб шуд.

Танҳо ҳамон ду сӯз монд,
Дар ҷисму ҷону ёди ман.
Ман суғдаму оташпараст
Сӯзу ҳунар ҳамзоди ман.

Танҳо ҳамон ду сӯз монд,
Сӯзи падар, сӯзи ҳунар.
Чун беҳтарин мероси дил
Онро гузорам бо писар!

## ҲАЙКАЛИ ВОСЕЪ

Шамшер ба каф,
шарора дар чашм
Гирдобсифат ба изтироб аст.
Хуршед шароре аз дили ӯст,
Худ кӯраи нори инқилоб аст.

Абрӯй ба мисли абри баҳман,
Ду чашм кушанда чун ду тир аст.
Ҳар миҷҷа чу найзаи хазида
Бар ҷониби молику амир аст.

Кӯҳест дилаш, ки оташафшон,
Даштест қадаш ки беканор аст.
Ҳар даст калиди кохи иқбол,
Ҳар пой сутуни устувор аст.

Бо ҷумла салобату шаҳомат,
Рӯи кафи хок сарбаланд аст.
Ҳар қасри баланду тахти мирӣ,
Пеши сари ӯ чи нописанд аст,

Гардун ба тамоми бори аҷром
Гӯё ки ба рӯи дӯши ӯяст.
Сарманшаи инқилоби мардум
Дар зери лаби хамӯши ӯяст.

Гулпардаи нилгуни ҳайкал
Хокистари оташи азимест.
Ин тӯшаи роҳ тоҷиконро
Инъоми замона аз қадимест.

Пешонии паҳни муттафаккир
Пурчин шуда чун замини киштаст.
Ё бо хати зар шиори исён
Хуршед ба зоданаш навиштаст.

Имрӯз ки хоки мардхезаш,
Осуда ба зери осмон аст,
Дар сурати ҳайкали азиме,
Восеи далер посбон аст!

## БОЛИ ОТАШ

Самои Панҷакент аз тобиши тайёра шуд пурнур,
Фузуд ин нур барқи оташи оташпарастонро.
Фурӯзон бод ҳар оташ, ки дилро мекунад равшан,
Сафои тоза мебахшад чароғи неккасдонро.

Зи боли мурғи рӯинбол поён бингарам бар шаҳр,
Ҳазорон накш зиннат медиҳад рӯи заминашро.
Ба ҳар сӯ сар ба сар хобидаву бедор мебинам
Раҳу пайроҳа — хатҳои намоёни ҷабинашро.

Сафои офтобашрову ҳар ранги хушобашро
Саропои вуҷуди ташнаам чун об мебинад.
Тапиданҳои ҷонамро, ки меболад зи дидораш,
Зи пушти пардаи вақт ахтару маҳтоб мебинад.

Сари ҳар кӯю барзанро ба пои дида паймоям,
Ба ҳар як дар, ба ҳар манзар бидӯзам
чашми пазмонӣ.
Дилам гӯяд: зи ту рафтам, ки ҷӯям қисмату ёбам,
Ҳар он чи ёфтам, дидам, надидам ҷуз пушаймонӣ.

Ту, эй шаҳри дилам, обу гилам аз обу хоки туст,
Чу сатри Рӯдакӣ ҳар роҳу пайроҳат бувад дар ёд.
Нигоҳам дар канори гарми ту умрест мегӯяд
Баланду сода чун шеъри баландаш ҳайкали устод!

Бубинам оби Қайнарро ба мисли риштаву сӯзан
Кашида нақши гулрезе ба даври домани сабзат.
Аз ин як ришта гулпӯшанд духтарҳои оташрӯй,
Фурӯзон чун пари товусҳо пероҳани сабзат!

Дили огандаи ёди ниёгони парешонам
Зи ҳар як хона мегирад суроғи оташи Суғдон.
Дар ин оташкада ёбам, ки як ахгар намесӯзад,
Чу суғди охирин мирам ба доғи оташи Суғдон...

...Зи хоки суғдаму оташпарасти оташи Ишқам,
Аз ин оташ давад сурхӣ ба рӯи пухтаю хомам.
Маро ин оташу оташкада тобу тавон дода,
Ҳамин оташ бувад дар зиндагӣ оғозу анҷомам!

## АСКАРИ СУЛҲ

***Барои писарам Парвез***

Тифли ман баски расидаст чу фарзанди Ватан
Арзи хидмат бикунад мисли ҷигарбанди Ватан,
Пардаи субҳ зи барқи нигаҳаш боз шавад,
Хок зери қадамаш оинапардоз шавад.

Пой кӯбад ба замин дар сафи бас Аскари Сулҳ,
Ба умеде, ки расад муждаи нав аз дари Сулҳ.
Сулҳ дар мактаби ӯ ҳарфи нахусти сабақаш,
Сафҳагардон шавад ин ҳарф ба ҳар як варақаш.

Сулҳ фаннест ки ӯ чун Ватан омӯхтааст,
Рамзи ахтар ба кулоҳи сари худ дӯхтааст.
Сулҳ дар тозагии обу гилу донаи мост,
Сулҳ чун тифли гаҳи ид сари шонаи мост.

Ба дифои алами Сулҳи парафшони сарам,
Чун наболам, ки сарафроз равон шуд писарам.
Ман ба хидматгаҳи ӯ рафтаму гуфтам: — писарам,
Бод имдодгарат рӯҳи бузурги падарам.

Дар замин, ҷуз ба дили пок, ягон гом мазан,
Зин ба андешаи чун курраи нором мазан,
Ҳама ҷо чун писари содиқу ҷонии Ватан,
Гарчи дурӣ зи Ватан, бош чу бонии Ватан!

Ҳама ҷо пурҳунару пурҷигару пурдил бош,
Манзили туст Замин, ҳомии ин манзил бош.
Тоҷ аз меҳр куну тоҷи сари ёрон бош,
Мазраи сӯхтаро дар гарави борон бош!

Ҳамчу посух зи сару рӯю нигоҳи писарам
Хонд чашмони сарам аз хати роҳи писарам:
«Бош осуда, падар, эй падари хомакашам,
Сулҳ гар нома бувад, ман ба ҷаҳон номакашам.

Сулҳ бар мост чу мероси талоши падарон,
Ҳифзи он сабт бувад дар қасами мо писарон!
То бувад қатра зи хуни падарон дар баданам,
Ҳомии Сулҳаму сарбози далери Ватанам!»

## ГУВОҲИИ ДИЛ

Боз анбӯҳи абрҳои сиёҳ
Бар сарам аз само ҳамоил шуд.
Қисмати бадасос бо ҳама вазн
Бор бар тори нозуки дил шуд.

Ҳамл кардан магар тавонам ман
Бори сангини зиндагониро.
Чун гузорам ба рӯ ба рӯи он
Сари болои навҷавониро?!

Хаста аз ҳодисоти ҳаррӯза,
Гӯиё дар канори тӯфонам.
Чун ғариқи умедҷӯёе
Соҳили дастгир ҷӯёнам.

Аз ҷудоӣ гувоҳ медиҳадам
Дили пуризтиробу нокомам,
Хоҳам, эй нозанин, лабонатро
Дами охир чу бода ошомам.

Эй ҳамида, фариштаи шоир,
Нигаҳ аз рӯи хок боло гир.
Аз нигоҳат умедворам ман
Нақши тоза ба лавҳаи тақдир.

Аз шарори назораи покат
Дил умеди мудом мекобад.
Ифтихору ҷавонии навро
Дар ҳамин як нигоҳ меёбад.

## ПАНҶАХТАРОН

***Барои панҷ нафар хоҳари азизам***

Шукр кунам, к-аз падару модарам
Монда ба ман панҷ нафар хоҳарам.

Панҷ дилу ҷону ҷигарбанди ман,
Шоха ба шоха ҳама пайванди ман.

Панҷ нафар модари ғамхори ман,
Зору тавонхаста ба дидори ман.

Панҷ маҳал занги телефони ман,
Ҷон ба гарав дар гарави ҷони ман.

Панҷ замин боғи гулободи ман
Обталаб, сӯхта бо ёди ман...

Панҷ варақ номаи пурсӯзи ман,
Панҷ дуогӯи шабу рӯзи ман...

...Рӯзу шаб аз зодгаҳам носабур,
Ёд кунанд аз мани шаҳрии дур...

«Эй ту кучоӣ, ки ба ҷонем мо,
Монда зи худ, бе ту намонем мо.

Эй дили пур, эй сари болои мо,
Бош ҳаме дар паи додои мо...

Аз нафасе, ки зи падар мондаем,
Дар гираҳи ёди ту дармондаем...

Ою хабар гир, ки мо хоҳарем,
Ёварӣ кун, гарчи не беёварем...

Умр, аён нест, чи сон меравад,
Лек чу ҳар оби равон меравад...

Бехабариро зи дилат дур кун,
Рӯзи ахир, ою худат гӯр кун...

«Гӯр» чи ҳарфест, ки бад мерасад,
Умр агарчанд ба сад мерасад...

Хоҳаракон, панҷ нафар хоҳарам,
Нусхаи бекосу ками модарам,

Дидаи ҳақбини фалак кӯр не,
Панҷи Шумо аз дили ман дур не.

Панҷи Шумо, панҷ баланд ахтарам,
Рӯзу шабон нурфишон бар сарам.

Чархи пурахтар, чи кунам, бар надод,
Ғайри Шумо ахтари дигар надод.

Шукр ба ҳар панҷи Шумо, ахтарон,
Шукр ба ҳар панҷи Шумо, хоҳарон.

Сӯи Шумо, панҷ баланд ахтарам,
Бо дили пур ман ба фазо мепарам...

## БА ЁДИ ОФТОБ

***Барои набераам Довар***

Доварам яксола шуд,
ҳамчун ниҳоле сабз гашт,
Ин баҳор аз рӯи ӯ
гулҳои армон чидаам.
Ӯ забони модарӣ чид аз ману
Ман аз пояш
Резаи нон чидаам,
Ё решаи ҷон чидаам.
Ӯ забон омӯхт аз ман,
Ман ҷаҳон омӯхтам,
То бубинам — ин ҷаҳон
бо ӯ чӣ бозӣ мекунад...
Аз сияҳкорон сияҳпӯш аст
Ин дунёи пир,
Рахти шаб худ гарчи бар қаддаш дарозӣ мекунад.

Ин ҷаҳон холӣ нашуд
аз дору аз кушторҳо,
Гушнаи зар, дар паи зар,
ҳар куҷо сар мехӯрад.
Кӯдаке зору ятим
дар хоки офатдидааш
Тири ноҳақро ба ҷои
шири модар мехӯрад.
Ин ҷаҳон холӣ нашуд
аз мору аз аждорҳо,
Обҳо дар ҷӯяҳо огандаи
хун гаштаанд.
Ҷоҳилон дар киштани
тухми адоват оқиланд,
Оқилон дар куштани ин
дона маҷнун гаштаанд.
Оташе дар кӯраи як зумра
оташбозҳост,
Он наметобад магар дар
чашми кӯри осмон?!
Тарси он дорам, ки аз ин оташи
навхоста
Нони меҳру маҳ бисӯзад
дар танӯри осмон.
Зиндагӣ чун киштии дарёи тӯфондидае
Мехӯрад аз зарбу лат
бисёр печутобҳо.
То ба соҳил роҳи мо
дур асту дарё пурхурӯш

Хунталаб гардида ҳарсӯ
мавҷҳою обҳо...
Ҳар саҳар аз хоб бархезам
ба ёди Офтоб
То дарояд аз дарам,
рахшанда гардад хонаам.
Тифли ман ҳамчун ниҳоли
боҳавас парвардаам
Нашв ёбад аз нигоҳаш сабз гардад донаам.
Ҳар саҳар аз хоб бархезам
ба ёди Офтоб,
Сӯи ӯ аз номи тифли хеш ово мекунам.
Дида дар нураш ҳазорон
торҳои зиндагӣ
Доварамро дар паноҳаш мебарам, ҷо мекунам.
Офтоб — он рахши зарринёли
Рустампаҳлавон
То чарад дар осмонҳо,
ин бувад манзури ман;
Ман, ки Рустамзодаам,
рӯҳи Таҳамтан бо ман аст,
Мерасад бар душмани
сулҳу амонӣ зӯри ман!

## ЗАМИНИ ХАСТА

Замин ҷунбид, оре, сахт ҷунбид,
Таконе хӯрдам андар ҷисму ҷонам.

Чунон бархостам бо тарс аз хоб,
Гумон кардам — фурӯ рафт ошёнам!

Назад дар дидаам ҷуз гоҳвора...
Фиғони ҷоншикан зад тифли хобам,
Зи қалби бадгумонам мешунидам —
«Тулӯъ нокарда биншаст Офтобам»!

Замин ором шуд... дар фарши хона
Набера дар бағал бедор хуфтам...
Нигоҳаш сӯи ман тарсӯю ҳайрон...
Ба дилдорӣ навозиш карда гуфтам:

«Натарс, эй ҷони ман, Модар-заминро
Батадриҷ иддае безор карданд.
Ба дасташ ҷои он ки гул супоранд,
Камону тӯпу оҳан бор карданд...

Замин шуд хаста зери тӯпу танкон,
Замин шуд хаста аз оҳанкашонӣ.
Ба ҷунбишу такон шояд, ки хоҳад
Наҷот аз тӯпу танк, аз ҳар гаронӣ!..

Ва шояд ҷони ӯ баҳри ту ларзад,
Ки оё чун шавадояндаи ту...
Ҷаҳон бо ҷумлаи гулзору боғаш,
Биёбоне бувад бе хандаи ту!..

Заминро, ҷони ман, бояд амон дод
Зи ранҷи оҳану аз тӯпу танкаш...
Замин чун модари яктои дунёст,
Ба дунё мерасад ҳар ному нангаш!

## СУРУДИ ШАВҚ

Дигар ман шод хоҳам буд,
Дигар озод хоҳам буд аз зиндони ҳасратҳо.
Дигар дар хилвати шабҳои танҳоӣ
Нахоҳам кард ёди ҷилваи наҷми масарратҳо,
Ки онро ёфтам дар кавкаби чашми фурӯзонат.
Дигар дар тирароҳи зиндагӣ машъал намеҷӯям,
Дигар аз дафтари андӯҳ пеши кас намехонам,
Зи ғам ҳарфе намегӯям,
Раҳи ҳасрат намепӯям,
Парешон будаму дигар намебинӣ парешонам,
Ки худро ҷамъ дидам дар сари мӯи парешонат.

Ман акнун шод хоҳам буд,
Бе андӯҳ хоҳам зист,
Сабукболона монанди уқоби кӯҳ хоҳам зист.
Ман акнун дар сукути дарраҳои жарф
Туро чун наргиси ваҳшӣ намеҷӯям.
Ман акнун чун ниҳоли кӯчаки худрӯй
Ба ҳар водӣ намесабзам,
Ба ҳар боғе намерӯям,
Чу дидам, кӯчатам кардӣ бари сарви хиромонат.

Ман акнун об хоҳам хӯрд
Аз чашму нигоҳи ту,
Суруди шавқ хоҳам хонд акнун дар паноҳи ту.
Ба олам мужда хоҳам дод,
Хоҳам гуфт бе парда,
Савоби ман савоби ту
Гуноҳи ман, гуноҳи ту.
Чу донистам, ки бо ман будаӣ дар мулки армонат,
Дигар, бигзор, бебокона гӯям ман
Ба мардум достонатро,
Ба оби дида шӯям ман,
Ғубори остонатро.

Ба дасти бӯса чинам боз
Гулханди лабонатро,
Ки мерӯяд зи меҳри пок дар гулзори рухсорат.
Ту, эй гаҳвораи фарзанди тақдирам,
Маро умри абад бахшидаӣ,
Ҳаргиз намемирам,
Дигар дар сарзамини ҷовидон озод хоҳам зист,
Ҳамеша шод хоҳам зист!

## ЧАШМАИ ЭЛОК

Дил мекашадам-хона дар Элок кунам,
Ҷонро ба ҳавои чашмааш пок кунам.
Бар қолини сабза рӯ ба боло хобам,
То субҳ ҳисоби наҷми афлок кунам.

Ин чашма, ки марасад чу ганҷ аз дили кӯҳ,
Бас боғ кунад ба рӯи санг аз гили кӯҳ.
Аз бахти ҳамешасабзи худ меболад
Чун духтари бахтдидаи манзили кӯҳ!

Эй бахт, биё, ба сурати дилбаракам,
Ё аз асарат ба номае деҳ даракам.
Раҳгум задам ба дашти шабҳои дароз,
Хуршеди манӣ, бишин ба бому даракам!

Ҳар банда ба мулки худ худое будаст,
Дар киштии хеш нохудое будаст.
Дар зери самои хештан бо ҳама хеш
Ҳар зарра чу хуршеди самое будаст.

Ҳар дил, ки кушода мешавад, манзили мост,
Ҳар гил, ки суроғи дил кунад, дар дили мост,
Мо гармдилони зиндагонии хушем,
Хуршед сабақ гирифта аз маҳфили мост!

Имшаб шаби беҳтарини ман хоҳад буд,
Дилбурдаи ман қарини ман хоҳад буд!
Бар аспи само саворам аз бахти баланд,
Зарринаҳилол зини ман хоҳад буд!..

Биншин ба лаби чашма дили об бубин,
Дар косаи чашма нони маҳтоб бубин.

Бо ёди нигори дури худ хоб бикун,
Чун моҳ дар об рӯи ӯ хоб бубин!

Биншаста бар ин чашма чу мо бисёре,
Бишкаста ҳазор шишаи хамморе.
Бас шиша шикасту эбас армон нашикаст
Дар синаи доғдида аз дилдоре!

Рӯ дид нигори мо дар оинаи об
Бикшод сари сина сари синаи об.
Обаш ба канор гарчи печонд басе,
Бекинаварӣ раҳо шуд аз кинаи об!

То бонафасӣ, ҳамнафасӣ бояд кард,
Бо додталаб додрасӣ бояд кард.
Озодии худ бубин ба озодии кас,
Андеша зи мурғи қафасӣ бояд кард.

Лаб бар лаби чашма бурдам аз ғояти оз,
Кӯтоҳ намуд ба гӯшам ин нақли дароз.
«Аз чашмаи Ишқ агар чунин об хӯрӣ,
Ҳамвор намоядат ҳама шебу фароз»!

Хуштар чи бувад зи сайри перомани Кӯҳ,
Ҷонбахш бувад ҳавои пероҳани Кӯҳ.
Чун зодаи кӯҳ даст кӯтаҳ накунем
Аз домани чашмасору аз домани Кӯҳ!

## ДАРАХТИ БЕХАЗОН

Шабе дар кулбаи дарёнаварде,
Шунидам аз забони некмарде...

— Якеро мавҷи баҳри зиндагонӣ
Ба соҳил мисли чӯб афканда дидам.
Фурӯ рафта ба лойандози дарё,
Асиру нотавону банда дидам...

Нигоҳаш сӯи ман имдодҷӯ буд,
Ба сарвақтӣ ба имдодаш расидам...
Варо дар завраќи ҳиммат нишондам,
Зи нав бар ҷӯши дарёяш кашидам...

Чу подоши накӯӣ, панди нодир
Ба гӯшам аз лаби дарё шунидам:
— Дарахти дастгирон бехазон аст,
Мурод аз дастгирӣ, некномист...

Накӯӣ кун, накӯӣ кун, накӯӣ...
Бадӣ, гарчӣ парӣ зояд, ҳаромист!

## КАБӮТАРҲО

Дунёи кабӯтарони озод
Дунёи ягона бениёзист.
Пурсанд — кабӯтарат бисозам,
Ҳар дил, ба гумони ман, ки розист.

Охир, сари боми ҳар иморат
Пайваста дар ихтиёри онҳост.
Айвони зи дону резанон пур
Гӯё бари киштзори онҳост.

Аҳлона нишаста дона чинанд,
Аҳлона паранд пар кушода...
Аҳлона нишастану паридан
Танҳо ба дили башар надода...

Шояд ба ҳамин сабаб, ки онҳо
Аз ман ба ҳарос мегурезанд,
Парвозкунон ба саҳни айвон
Гарду хасу чангу хок безанд.

Гӯё ки маро ба ҷони онҳо
Дар сина камингирифта қасдест.
Чун қасд ба ҷони муштипарҳо
Аз ҷумлаи кори паст пастест.

Бо чашми талаб ба сӯи онҳо
Дон рехтаву ишора кардам.
Бо ин амалам ба матлаби хеш
Оҳиставу соз чора кардам.

Омад яку ду ба навбат омад,
Як чашм ба ман, дигар ба дона.

Мечиду рамида дур мерафт
Чун марди раҳи хатар шабона...

Медид, ки ман ситода ором,
Мечид зи ман ду чашм канда,
З-ин бозии гиру дор дар ман
Мезад чу алав забона ханда...

Фарҷом кабӯтарони ваҳшӣ
Бо ман чи анису ром гаштанд.
Ҳам лона ба боми ман ниҳоданд,
Ҳам риштаи эътимод бастанд.

Акнун ҳама беҳаросу бебок
Шинанд ба сар, ба дасту дӯшам.
Аз қум-қуму аз суруди онҳо
Як нағмаи тоза ёфт гӯшам...

## СИТОРАҲО

Иқболи ман зи рӯзи азал нек будааст,
Аз санги кӯҳсор бино гашта хонаам.
Дастам ба моҳ мерасад, ар азми маҳ кунам.
Ман бо ситораи фалак ҳамошёнаам.

Ҳар шом чун фаро расад, бар тори қуллаҳо
Чашми ману талиаи чашми ситораҳост.
Байни ману ситораҳо савдои пухтанист,
Байни ману ситораҳо эҳ бас ишораҳост!

Эй покбин ситораҳо,
Рахшон ситораҳо
Ин қадр дур аз замин доман кашидаед.
Аз хокиён, ки дар раҳи мулки Шумо шуданд,
Оё чӣ дидаед!

Оё ба хокдони мо чашми шумо чӣ дид,
Ин ҷо ки ҳар як одамӣ худ як ситораест.
Ин ҷо ки ҳар як одамӣ бо азму ҷазми худ
Дар сурати ситораю хуршедкораест!

Ин ҷо ки ҳар хате кашад ҳар марди роҳҷӯ
Танҳо барои одаму аз баҳри олам аст.
Дунё барои одаму одам барои ӯст,
Дунё бидуни одамӣ як гӯшаи ғам аст.

Эй ахгарони равшани зулмоти осмон,
Вомондае зи оташи дилҳои кистед?!
Фарзанди ақли мо раҳи хуршеду маҳ гирифт,
Аз наҷми бахти ӯ магар огоҳ нестед?!

## БОРОН

Рехт, борон рехт имрӯз,
Он қадар бисёр рехт,
Аз саҳар то бегаҳӣ
даркору нодаркор рехт.
Шуд замини бекарон то домани маҳтоб тар,
Баҳр агар буд ғаллазоре, мешудӣ шодобтар!

Оббозон аз лаби соҳил ба дар бигрехтанд,
Мавҷҳои одамӣ бар хона аз дар рехтанд!
Ҳар куҷое обканде,
хандақе буд, кӯл шуд,
Баҳраёб аз об ҳам нахли канори чӯл шуд!

Кокулони беди маҷнун гарми шуд намёфта,
Монд як сон мисли мӯи аз зал нобофта.
Қошуқи барги дарахтон пур зи дурри ноб шуд,
Зери чатри шохсорон мурғи даштӣ хоб шуд!

Шуст борон чанги раҳро,
гарди баргу шохро,
Хилъате бахшид тоза сокинони боғро.
Ман зи пушти панҷара рӯ сӯи саҳро доштам,
Тозакориҳои боронро тамошо доштам.

Тоза шуд болои бому тоза шуд рӯи замин,
Роҳу пайраҳ мавҷзан ҳар сӯй чун ҷӯи замин!
Зери борон як нафар сар то қадам тар мегузашт,
Руст зери остин бинмуда ханҷар мегузашт.

Ранг канда, аз нигоҳаш гӯиё хун мечакид,
Ҷои об аз тори мӯяш захр берун мечакид!
Пурғазаб, бадхоҳ, бадкирдору баддил мегузашт,
Буд маълум — баҳри худ
аз баҳри манзил мегузашт.

Мегузашт ӯ ҳамчу тири дар камон ҷо кардае,
Бахри сайди бегуноҳе рӯ ба саҳро кардае?
Мегузашт ӯ, аз сари мӯ то кафи поҳош тар,
Пеши бар тар, шона тар, рӯ тар, тамоми ҷош тар!

Сими борон аз сараш, аз устухонаш мегузашт,
Об баҳри шустушӯ аз мағзи ҷонаш мегузашт.
Дасти борон роҳ меҷуст аз дили бадкинааш,
То ғубор аз ӯ бишӯяд, тоза гардад синааш.

Лек ӯ чун санги беҷогаштае аз кӯҳсор
Мешитобад, то ниҳоле бишканад аз рангу бор.
Дил ҳамон дар синааш ифлоскорӣ мекунад,
Ӯ ба зери шохборон, раҳсипорӣ мекунад...

Шуст борон хокро, бар қалби ӯ бесуд рехт,
Аз саҳар то шом бар тарбузи заҳролуд рехт...
Абрҳо дар осмон чун дастёрони дигар
Мефиристонанд бар мо боз борони дигар.

## БА ПАДАРАМ

Уқоби кӯҳ будӣ,
Қуллаи кӯҳ лонаи поку баландат буд,
Ба пастӣ орамидан нописандат буд,
Само дар ихтиёрат буд,
Сарат бар осмон месуд.

Гулистони ситора, гулшани Парвин
Ба мурғони заминӣ дастнорас як баҳорат буд.
Канори кӯҳсорон хушҳаво буд аз ҳавои ту,
Ба ҳар ҷо чашма мечӯшид аз ҷӯши садои ту.
Дара оинадори сояи шахболҳоят буд,
Сари харсанг миннатдор буд аз нақши пои ту.
Зи боми Каҳкашон наззора мекардӣ:
Замин буд зери поят бо ҳама паҳнои саҳроҳо.
Баландиҳою пастиҳо,
Хурӯшон баҳру дарёҳо,
Ҷаҳони мурғу моҳиҳо,
Сафедию сиёҳиҳо...
Ба ҳар як зарра чашми розҷӯят боз мекардӣ,
Зи пастикориҳои мардумони паст,
Зи дасти зишткорони замона,
Қанот афшондаю боло зи нав парвоз мекардӣ,
Зи пастӣ буд ори ту,
Баландӣ буд шиори ту...
Намедонам, кӣ шуд имрӯз дар қасди шикори ту,
Ки мебинам чу мурғи паршикаста,
Асо дар дасти ногирою хаста,
Хамида коматат чун доси афсурда?
Чӣ мечӯӣ?
Чӣ мекобӣ зи хоки тираю сангин,
Ҷавониро ва ё тири камонатро,
Камони қомати хамгашта зору нотавонатро?
Куҷо шуд чашмҳои шӯълабори ту,
Ки акнун об мерезад?

Куҷо шуд қомати чун нахли зӯру устувори ту,
Ки акнун бо асою такяи девор мехезад?
Ку муштоқони кори ту,
Ку мавҷи ғаллазори ту?
Ку доси чун маҳи нав нурбори ту?
Дарав мекардӣ бо сабқат.
Гарав мебурдӣ бо ҳиммат,
Ку шасти хезу шини ту,
Ку бозуи матини ту?
Куҷо шуд кӯҳҳои хирману банди калони ту,
Куҷо шуд соябони ту?
Ки дар зераш нишаста як нафас ором мегаштӣ,
Зи хуфтан ор мекардӣ,
Зи нав шерона меҷастию зери оташи хуршед
Тани мисрангро дода ба ҳиммат кор мекардӣ.
Куҷо шуд нӯшафкан бар сари кӯҳсор овозат?
Куҷо шуд дилбариҳои суруди дурпарвозат?
Суруд андохта, кори даравро ҷӯш медодӣ,
Сукут андӯхта чун кӯҳ
Ҷаранги акси овози дилатро гӯш медодӣ.
Куҷо рафтанд онҳо,
Туро партофта дар кунҷи танҳоӣ?!
Туро дигар намеҷӯянд,
Туро дигар намепурсанд,
Ки дар кунҷе асо дар даст оё чанд мепоӣ?
Туро дигар намепурсанд,
Умеди офият дорӣ,
Туро дигар намеҷӯянд —

Ҷӯёи надорӣ ту.
Туро хуршеди дар коми уфуқ наздик меҷӯяд.
Ба ҳукми ашки миҷгониву абри навбаҳорӣ ту,
Машав навмед, дунё боумед аст.
Сари ҳар қулла, бо ёдат сафед аст.
Ғанимат дон нафасҳои ғаниматро,
Фурӯзон вопасин нури дилатро,
Ба ёди он ки вақте
Уқоби кӯҳ будӣ,
Лонаи поку баландат буд,
Ба пастӣ орамидан announcing

## ДАР РОҲИ ПАЙМОН

Бо сахтраҳи дароз рафтӣ,
Шеронаю бениёз рафтӣ.
Асбоби раҳи ту буд мардӣ
Аз роҳ нагашта роҳгарӣ
Ҳиммат ба мисоли маст тое
Дар зери ту дошт бодпоӣ.
Ғайрат зи ду чашми барқборат,
Мекард туро ба пеш ишорат.
Аз рӯд гирифта беқарорӣ,
Аз кӯҳ рабуда устуворӣ,
Мерафтию банд мешикастӣ,
Дар роҳи сафар наменишастӣ.
«Дар роҳи сафар нишастани мард
Паймони зафар шикастани мард».

Мехондию мепаридӣ аз ҷар
Аз додари марг — кӯҳи кафтар.
Аз бешаю дашти паҳндомон
Аз сою камаргаҳи фаровон,
Аз мавҷи ҳазор рӯди тезоб
Аз авҷи ҳазор шӯхи дар хоб,
Аз ҷӯю ҷари ба марг ҳамдаст,
Аз зовияҳои зови хунмаст,
Аз пуштаи лайси пойпарто,
Аз ағбаи ҳамҷивор бо Моҳ...
Наншаста ба фармуди гапи худ
Рафтӣ ба қарибӣ матлаби худ.
Он банд ки буд дар раҳи халқ,
Бишкастӣ чу марди огаҳи халқ.
Ором шудӣ даме нишастӣ,
Гуё ҳама бандро шикастӣ.
Чун ғунчаи шохи орзӯят
Гулранг бишуд бари ду рӯят,
Аммо бирасад ба гӯшат аз дур
Овози диле чу сози танбӯр;
Фарзанди азиз, дар сафар бош,
Аз матлаби халқ бохабар бош,
Осуда машин зи кардаи хеш,
Бархез, ки бандҳост дар пеш!

## МОДАР

Дар либоси кории вазнин аз чангу ғубор,
Рӯй хаста,
Мӯй хаста.
Хаста мижгони қатор,
Аз сараш то пой баста хастагӣ аз чанг бор,
Модари тоҷик омад берун аз майдони кор,
Ғарқ андар баҳри фикри бешумор.
Фикри ӯ чун донаҳо ҳар сӯ парешон мешавад,
Ҳар тараф дар чашми ӯ мазраъ намоён мешавад.
Мавҷи ғалла ҳамчу мавҷи Вахш ғелон мешавад,
Рӯи модар аз тамошо меҳри тобон мешавад,
Мулки дил чун субҳ рахшон мешавад.
Сӯи рӯди Вахш дӯзад дидаи наззорааш,
Мавҷи он дар чашм тобад мисли гавҳарпорааш,
Бингарад — шохобҳо чун мӯйҳои торааш,
Рӯдро чун хеш бинад,
Гул кунад рухсорааш
Чун ниҳоли қомати ширхорааш.
Орзӯро нақш гаҳ дар рӯи соҳил мекунад —
Лаб-лаби дарё, ба дил,
сад боғу манзил мекунад.
Вахшро дарёи нур,
Аз мавҷ қандил мекунад,
Даштро бар ҷаннати афсона табдил мекунад,
Меҳри онро ҷо бар ҳар дил мекунад...
Мекунад аз нав шино модар зи баҳри пахтазор,

Ӯ — савори завраќи нусрат,
ду рўяш нурбор.
Дида ганҷи ранҷи дасти хешро бо ифтихор,
Завқ гирад, завқ дар дил, аз насими рўзгор,
Аз насими рўзгори чун баҳор!
Мерасад ин дам садое, гўиё аз хонааш,
Мепарад чун боз сўи чўҷаҳои лонааш,
Ёд, ёди тифл, зўри бозувону шонааш
Нақш мебандад чу нақши чин дар пешонааш,
Медавад бо ёди шамъи хонааш...
Сабрро афканда, тифли хеш дар бар мекашад,
Ташнае гўё сабўи об бар сар мекашад,
Хастагиро аз вуҷуди хаста бар дар мекашад...
Кам бувад ҳар кас, ки нақши меҳри модар
мекашад,
Дар сафобахшӣ чу ховар мекашад.

## СУБҲИ БЕБАДАЛ

Шоиро, чашмони сар охир фиребат медиҳанд,
Чашми дилро боз кун,
Бо навои хуфтае, к-он ҳаст дар сози ҳаёт,
Сози худ анбоз кун,
Нағмаҳои хуфтаро бедор кун.
Аз навои кўҳна андак ор кун.
Нағмаи навро ба қалби мардум аксандоз кун.
Субҳро дидӣ,
Магӯ танҳо, ки он субҳасту бас,

Нек бингар субҳро,
Дар замираш рӯз дорад —
— Лек поёнаш шаб аст...
Шомро бинӣ,
Машав монанди рангаш тирадил,
Модари субҳ аст он
Ҳамчу тифле ноаён
Мешавад тавлид субҳу медарояд аз дарат —
Нур пошад бар сарат...
Ханда бинӣ, нектар бин,
Дар замираш гиряест,
Гиря бинӣ, бештар бин,
Дар замираш хандаест...
Лек ҳар ҷо ки каломи ҳак дурахшон мешавад,
Ҳамчу субҳи навбаҳор,
Субҳ хонаш, зинҳор,
Субҳ танҳо субҳ хонаш
Он надорад шоми тор...
Ханда донаш зинҳор,
Ханда оре, ханда донаш, к-он надорад дар канор
Ҳеҷ ашки сӯздор.
Рӯд хонаш, рӯд,
Рӯде, к-он намегардад ба пас,
Меравад ҳамвора пеш
Бо раҳи рахшони хеш,
Ҳамраҳи даврони мо худро ба манзил мебарад,
Як ҷаҳон дилро ба сӯи сад ҷаҳон дил мебарад!

## МАВҶҲО

Бо дили осудаву лабрези ишқу орзӯ
Менишинам ман ба рӯи тахтасанги соҳиле.
Дар хаёлам, ки ба ҳар як мавҷ дорам гуфтугӯ,
Шояд ӯ фаҳмад диламро мисли ҳар соҳибдиле.

Лек фориғ аз дили ман, мавҷҳои беқарор
Аз паи тороҷ гӯё турктозӣ мекунанд.
Гоҳ ҳамчун лашкарони ғолиб андар корзор,
Дар ҳавои сози фатҳи хеш бозӣ мекунад.

Гоҳ дар домони чун саҳрои баҳри беканор
Ҳамчу уштурбаччаҳои маст ҷавлон мезананд.
Гоҳ ҳамчун шерҳои гушна андар бешазор,
Кафк бар лаб,
дар хаёли сайд дандон мезананд.

Гоҳ гӯё ҳамчунон паррандагони осмон
Дар назар парвоз бинмоянд шӯр андохта.
Гоҳ ҳамчун тӯдаи бебоку шӯхи баччагон
Шавқ ангезанд, аз сӯе ба сӯе тохта.

Гоҳ ҳамчун тифлакони раҳравӣ омӯхта
Мавҷ худро аз канори баҳр бар дар мекашад.
Баҳр гӯё шамъи меҳри модарӣ афрӯхта,
Мавҷро бигрифтаву чун тифл
дар бар мекашад.

Дар хаёлам, баҳр ҳам монанди дигар модарон
Мавҷҳоро менавозад, меҳрубонӣ мекунад,
Аз ҷаҳони шоди онҳо, чун зи бахти баччагон,
Баҳр меболад чу модар,
шодмонӣ мекунад.

Мавҷҳо, эй тӯдаи пуршӯр, мисли баччагон,
Аз ҳасад ҳаргиз мапиндоред, тасвири маро.
Ман ҳасуде нестам — охир, чаро хоҳам зиён,
Балки мехоҳам, ки бошам дар ҷаҳон мисли шумо.

Балки мехоҳам, ки номи давр аз домони меҳр
Н-афканад манрову монанди шумо бонӣ кунад.
Зиндагӣ хандон ба мисли рӯи хандони сипеҳр, —
Меҳр ҳам, чун меҳри модар, партавафшонӣ кунад.

## КИШТИНИШАСТАГОНЕМ

*Киштишикастагонем, эй боди шурта бархез,*
*Бошад, ки боз бинем дидори ошноро.*
***(Ҳофиз)***

Киштинишастагонем, эй ошнои соҳил,
Осуда кун фурӯзон шамъи хаёли моро,
Бо баҳр ҳамнабардем, аз фавҷи ӯ нагардем,
Омӯхтем бисёр оини мавҷҳоро.

Ҳар мавҷ, ки ситезад, в-аз ҷо чу кӯҳ хезад,
Аз дасти мо гурезад, гум карда дасту поро!
Дарё куҷо тавонад моро ба банд гирад.
Дарёву шӯриши он хуб ошност моро.
Аз ҷазру madди дарё бикшодаем, оре,
Асрори зиндагии пасту баландҳоро!
Домони ҳиммати мо чун осмон кушодаст,
Ҷавлонгаҳест бехавф ин баҳр нохудоро.
Эй сокинони соҳил, нодида баҳри ҳоил,
Афсӯс метавон хӯрд ояндаи шуморо!

## ШАМШЕРИ СУХАН

Дар маҳфили дӯстони ҷонӣ,
Пири хираде ба нуктадонӣ
Медод либоси нав суханро,
Афрӯхта шамъи анҷуманро...
Дар гӯшаи дилкушои раста
Наҷҷор ба ғӯлае нишаста,
Аз санг ниҳода зеркунда,
Бе он ки шавад зи кор хаста,
То рафт далеру тез мешуд,
З-ӯ хастагӣ дар гурез мешуд.
Аз он ки ба зеркундаи санг
Як мӯ нарасида тешаи ӯ,
Ҳар сония кори чӯб мекард,
Афзуда ба ҳусни пешаи ӯ.
Мардум ҳама чашми боз буданд,

Бо ҳам чу гиреҳи роз буданд,
«Бас чӯбтароши хуб дидем,
Аммо на ба ин ҳунарнамоӣ...
Аҳсант ба модаре ки овард
Ӯро ба ҷаҳони рӯшноӣ.
Иқбол ҳамеша дар бари ӯст,
Хушҳол зане,
ки ҳамсари ӯст»...
Овозаи ин ҳунарнамоӣ
Мерафт, ба ҳар куҷо ки хоҳӣ —
Ному насабу утоқи наҷҷор
Донист сарои подшоҳӣ...
Наҷҷор ба тахти подшаҳ рафт,
Афсӯс, ба ҳамсари чу маҳ рафт.
Шаҳ дид ҷамоли нозанинро:
Ду рӯи зи ҳусн оташинро,
«Ҳамхона ба-дин фаришта будан
Беҳ з-он ки саросари заминро
Гирию ягона шоҳ бошӣ,
Ҳоким ба замину моҳ бошӣ...»
Шаҳро маҳи пур хаёл бурдаст,
Охир хати ошиқӣ супурдаст.
«Наҷҷор куҷову шоҳи олам?!»
Зан пеши дил ин суол бурдаст,
Бо посухи дил шудаст розӣ —
«Ҳар чист ба пеши аспи тозӣ!»
Хуршед, ки дар танӯри гардун
Будаст чу пухта нони гандум,

Аз дасти хаёли зан фитодаст,
Бар шом мақоми хеш додаст...
Наҷҷор ба коргоҳи шоҳӣ
Биншаст ба кор як пагоҳӣ.
Ғофил, ки ба завҷааш нигоҳе
Шаҳ дошт чу шаст баҳри моҳӣ.
Наҷҷор ба чӯб теша мебурд,
Бар чӯб занад, ба санг мехӯрд.
Ҳайрон шуда зеркундаро рост
Бардошт, ба ҷои соз бигзошт.
Чун теша баланд карда, бо зарб
Мехост занад ба чӯб, нохост
Бар санг расиду теша бишкаст,
Наҷҷор карахт гашту биншаст...
Биншасту ба фикри худ фурӯ раст,
Бо хеш басе ба гуфтугӯ раст.
«Ё даргаҳи шаҳ ба наҳс монда,
Ё бахт маро зи хеш ронда.
Ё дар ҳунарам зи тахти шоҳӣ
Афтод нигоҳи каҷнигоҳе,
Ё омаданам ба даргаҳи шоҳ
Монанди фиреб кард гумроҳ...
Ё назди худо зи чусткорӣ
Аз ман гунаҳе гузашт боре...»
Ин гуфту бихонд ҳамсарашро,
Дар умр ягона ҳампарашро.
— Ку, оби таҳорат ор, эй ҷон,
Озод шавам зи қарзи яздон».

Зан кӯзачаро зи об лабрез
Бинмуду ба дасти шавҳараш дод,
Он кӯзача ҳам зи нобарорӣ
Ногоҳ ба рӯи санг афтод.
Афтоду бигашт пора-пора...
Наҷҷор ба ашки шашқатора:
— Э вой, чӣ кор мекунам ман!
— Мардак нашаве, ки ашк борӣ
Аз баҳри сафолпорае ҳам...
— Не, не на ба кӯза, ҳуш дорӣ.
Кам нею, зиёд-бист сол аст,
Ин кӯза маро шарики ҳол аст.
Он гуна ба вай гирифтаам хӯ,
То даст гирифта рӯ нашӯям,
Ҳар субҳ ба об агар шавам гӯр,
Гуё ки бувад нашуста рӯям,
То одати дил ба кӯзаи нав
Даҳ соли дигар бизист бояд...
Фардо саҳарӣ наметавон гуфт
Хуршед чи ранг мебарояд...
Кардаст занак хаёли дуре,
Наздиктар омада ба наҷҷор:
— Бишкаст, бимон ки ҳар балое
Бо он биравад, ба ман нигаҳ дор?..
Гуфтасту канори меҳр додаст,
Якбора гиреҳи дил кушодаст...
— Наҷҷор ҳамон зи даргаҳи шоҳ
Рафтаст ба бар гирифта он моҳ

Дигар на хаёли шоҳ кардаст,
Не ёди висоли ҷоҳ кардаст...
Дар гӯшаи дилкушои раста
Наҷҷор ба кори худ нишаста...
Бар ҷазби ҳунар зи пардаи абр,
Берун зада хешро маҳи бадр,
Олам ҳама пурзиё намудаст,
Ришханд ба подшо намудаст...
Ин қисса чу гуфт он хирадманд,
В-ин панд бар он намуд пайванд:
Донед, сухан ба ҷои шамшер,
Бошад ба миёни ҳар ҷаҳонгир,
Шамшерзанӣ агар тавонӣ,
Худро ба диёри дил расонӣ,
Гар чашми ту нест з-ин ҳунар сер,
Қаттоли ту нест ғайри шамшер!

## ВАСИЯТИ ШАҒОЛ

Шағоли мурғдузди деҳаравро,
Зи рӯбаҳ бурда дар дуздӣ гаравро.
Аҷал дар шакли пирӣ рӯ ба рӯ шуд,
Дигар гум карда чолокию давро.

Чу дар чанги аҷал бардорузан кард,
Суроғи баччагони хештан кард.
Расиданд аз куҷое зодагонаш,
Яке з-онҳо ба модар ин сухан кард:
— Ту бас мушкил кушодӣ, охирин бор
Ҳамин як укда бикшо, модари ҷон —
Ба дуздӣ аз чи роҳе рафт бояд,
Саломат боз бояд гашт, фаҳмон?!

...Сагонро пеши чашм оварда модар
Кашид аз синаи пурдард оҳе...
— Агар бошад илоҷаш, — гуфт, — зинҳор,
Набояд рафт дуздӣ ҳеҷ гоҳе!

## НАВРӮЗ

Наврӯз чу кӯҳнасӯз омад
Дарзии қуроқдӯз омад.
Рассоми ҳазорранг омад,
Асбоби ҳунар ба чанг омад.

Дар зарҳали рангдони хуршед

Тар карду кашид килки уммед —
Нақше ба рухи гилу ваҳал зад,
Бар чашми адошунав масал зад:

Эй, ақли ба хобрафта, бархез,
Рафт аз даҳи умр ҳафта, бархез!
Бархез, ки оламе дигар шуд,
Ҳар гӯша ки шом буд, саҳар шуд.

Айём наваштанист, ҷонон,
Ҳар шох шикастанист, ҷонон,
Чашмони ҳавас ба майса во кун,
Ёрони бааҳдро садо кун.

Созеду тараб кунеду болед,
Рухсора ба рӯи сабза молед.
Печед баизтироб бо ҳам,
Ҷӯшед чу мавҷи об бо ҳам!

Шукронагузори бахт бошед,
Садшоха ба як дарахт бошед.
Шукрона кунед дӯстонро,
Осоиши мардуми ҷаҳонро!

Шукронаи хоку оби тоҷик,
Шукронаи офтоби тоҷик!
Шукронаи обшори Варзоб,
Шукронаи навбаҳори Варзоб!

## ШАНДОР ПЕТЕФИ

**Шоири ҷавонмарги маҷорӣ Патефи дар ҳимояти Ватан кушта шуд, ки наъшашро наёфтанд, то ёдгори хокӣ аз ӯ бимонад.**

Дил ранҷа макун, ки наъши ӯ ёфт нашуд,
То гул ба зиёраташ барад душману дӯст.
Ҳарҷо ба ният гул бинихӣ, мақбул аст,
Зеро ки замини бекарон мадфани ӯст!

## ДУРРИ ЯГОНА

Дар лаб тарона
Дарё равона...
Рӯи кафи санг
Дурри ягона.

Ёре нишаста
Бар санги соҳил,
Мӯҳои заррин
Ҳамранги соҳил.

Чун мавҷи дарёст
Мавҷи хаёлаш.
Оинаи об
Гӯёи ҳолаш —

Дарёи фикраш
Соҳил надорад...
Ё дил рабудаст,
Ё дил надорад.

Дарё самоӣ,
Соҳил тилоӣ,
Ёрон, набинед
Ҳаргиз ҷудоӣ!..

Дар лаб тарона
Дарё равона...
Рӯи кафи санг
Дурри ягона...

## ЁРИ ДЕРИН

Ёри ман ранҷида аз ман
Ёри ҷонӣ, ёри дерин.
Баъд аз ин фаҳмидаам ман
Зиндагӣ талх асту ширин.

Берафоқат, бесадоқат
Зиндагӣ маъно надорад.
Бо ҳама давлат, фароғат
Одами танҳо надорад.

Дидаам — мурғе ки танҳоят,
Менамояд сӯи лона.
Умри хуш гар обу дон аст,
Ҳар кучо пур обу дона...

Умри кӯтоҳе, ки дорем,
Арзиши ранҷе надорад.
Ҳар кӣ дил ҷӯяд, зи дилҳо
Дар дилаш ганҷина дорад!

Чашм дар роҳи ту дорам,
Ёри дерин, ёри ширин.
Гар ту бошӣ дар канорам,
Зиндагӣ хубасту рангин!

## СУРУДИ УҚОБ

Ман уқобам, ман уқоби кӯҳсор,
Боли парвозам бувад номи Ватан.
Мезанам паҳлӯ ба моҳу офтоб,
Аз сари ҳар қуллаи боми Ватан.

Ошён дорам ба тори кӯҳсор,
Аз баландӣ бингарам сӯи замин.
Осмон ҳарчанд сабзу дилрабост,
Дилработар нест чун рӯи замин.

Аз замин рӯзӣ ҳамеҷӯям, вале
Осмони сабз ҷавлонгоҳи ман.
Мешикофам синаи абри сиёҳ
Соя андозад агар дар роҳи ман.

Ошиқам бар осмони беғубор,
Ошиқам бар сабзаи поки замин.
Чун замин хоҳад самои софро
Такя дорам ман ба идроки замин.

Ман уқобам, ман уқоби кӯҳсор,
Байзаи хуршед зери боли ман.
То замин сабз асту гардун беғубор
Пар барорад ҷӯҷаи иқболи ман.

## КИСТ ОН?

Кист он, ки чу бинадат хушҳол,
Аз ту хушҳолу шодтар гардад.
Бишкуфад аз насими дидорат,
Аз табассум гули саҳар гардад?

Кист он ки туро ба қимати ҷон
Бихарад ҳар куҷову нафрӯшад.
Дари айбат ба рӯт бикшояд,
Лек дар ғайби ту варо пӯшад?

Кист он, ки ба пот хор халад,
Берун орад ба сӯзани мижгон,
В-ар ба фатҳе ту дастёб шавӣ,
Мужда гардад ба ҷумлаи ёрон?

Кист он, ки ба азми дидорат
Ба дарат гоҳ-гоҳ мушт занад,
Бидарояд чу додари ҷонӣ
Дар бари тифлҳот такя кунад?!

Бӯсад аз рӯю мӯи фарзандат,
Лутф гӯяд ба лутфу хандонад.
Сер хезад зи хони холии ту,
Гушна мирад ба рӯи чун нонат?

Ҳар куҷо, ки равад дар ин олам,
Тӯша гирад ба худ хаёли туро.
Бо ҳамин тӯша боз баргардад,
То кунад пурсупос ҳоли туро.

Кист он зоти пок, эй мардум,
Аз куҷо нақши пои ӯ ёбам?
Рӯз меҷӯямаш, намебинам,
Хоб мебинамаш, агар хобам...

## КИРМАКИ ШАБТОБ

Шабе аз тангное мегузаштам,
Ки роҳи пурхатар ҳамроҳи ман буд.
Чароғе аз таваккал доштам ман,
Ки ҳамчун шомхӯрда Моҳи ман буд.
Сияҳтар буд шаб аз дудаи дег,
Ягона кирми шаб огоҳи ман буд.

Ки дар паҳлӯи санге сӯхтан дошт,
Хаёли роҳи ман афрӯхтан дошт.

Бад-ӯ гуфтам, ки бо ин нури ночиз
Чи ранге роҳи моро мефурӯзӣ?
Чу нӯки риштае гум гашту бинмуд
Матои посух ин сон бахядӯзӣ:
Ту бе ман мерасӣ бар манзили Субҳ,
Вале аз он ҳаметарсам, ки рӯзе

Нагӯӣ то чароғашро панаҳ кард,
Хаёле ҳамчу дилҳои сияҳ кард.

## БОДАИ ХУРШЕД

Маро шабҳои бехобӣ хумори бода мегирад,
Хумори бодаи дилҷӯ ба рӯи сода мегирад...
Хумори бодае ки ман намебинам ба ҳар ҷоме,
На андар токи ангуре,
на дар чашмони махмуре,

На дар субҳи сабӯҳие,
на андар косаи шоме,
На дар созеву овозе, на дар тореву танбуре...
На дар хумхонаи соқӣ,
на дар кошонаи боқӣ,
На дар базме, на дар разме,
на андар хони алвоне,
На дар қуттии атторе, на дар дӯкону бозоре
На дар таҳхонаи ину,
на болохонаи оне...
Чӣ бода?
Бодае ки мекунад ҳушёр мастонро
Диҳад ҳусни баҳорон рӯи беранги зимистонро.
Замонро медиҳад равнақ,
ҷаҳонро мекунад рангин,
Паи таъмири олам оламеро медиҳад тамрин.
Чӣ бода?
Бодае, ки аз Замони Одаму Ҳавво
Гаҳе пинҳон,
Гаҳе пайдо,
Ба зарфи нилгуни осмон ҳар рӯз меҷӯшад
Ва чун тифле ки
аз пистони модар шир хоҳад хӯрд,
Замини пурхумор онро ба ҳирсу оз менӯшад.
Мани саргарми ин бода ҳаметарсам зи анҷомаш
Даме ки тира мебинам булӯрин зарфашу ҷомаш
Даме ки мепарад кайҳоннаварде ҷониби кайҳон,
Таконе мехурам дар ҷон —

Ки бо он суръати парвози барқияш
Мабодо аз шитоб онро кунад вожун,
Чӣ хоҳад шуд ба инсонҳо
Чӣ хоҳад гашт бо гардун?!
Агар кайҳоннаварде
                    аз Замин боло шавад ҳар бор,
Таваллову тазарро мекунам дар дил —
Нарезад бодаи уммедро дар гил,
Ки бо садҳо табибе ҳамчу Сино
Илоҷи дарди кулли бодапаймо мешавад
                                        мушкил!
...Маро шабҳои бехобӣ хумори бода мегирад,
Хумори бодаи фардо,
                    хумори бодаи хуршед,
Садои гиряи тифлон ҳамегӯяд ба гӯши ман —
«Манам ҳамзодаи фардо,
                    Манам дилдодаи хуршед»!

## КӮҲҲО

Кӯҳҳо хомӯш, аммо пурсуҷӯе мекунам,
Пурсуҷӯе мекунам, то гуфтугӯе мекунам...
— Сахтҷонию баландиро зи кӣ омӯхтед?
— Аз сари сангу баланди мардумони кӯҳсор.
— Покдомонӣ чаро танҳо ба домони шумост?
— Аз азал дорем шустушӯ ба оби чашмасор.
— Ресмони рӯд аз кай шуд каманди поятон?
— То ки дил бастем дар оҳанги рӯди создор.

— Кокулони шаршара то чанд дар дасти шумост?
— То ки бошад духтари кӯҳсор моро дар канор.
— Хомӯширо пешаи беҳтар зи кай донистаед?
— То саре дидем аз дасти забон шуд рӯи дор.
— Кӯҳҳо, эй бозувони сахту пурзӯри замин,
Нест оё осмони мо шуморо дӯшбор?
— Дӯшбори мост танҳо синаи пурганҷи мо,
Ганҷ хоҳӣ, ков хоки хомӯшони хоксор!

## АКСИ ОВОЗ

Ассалом, эй рӯди Киштуди азиз,
Ассалом, эй кӯҳсори кишварам,
Гарм бӯседам, ки пазмон гаштаам
Бар шумо ҳамчун ба рӯи модарам.

Ассалом, эй шӯх дарёи Уреч,
Эй рафиқи солҳои наврасӣ,
Омадам бо роҳи ёду меҳри ту,
Ҳеҷ нагзаштам зи роҳи нокасӣ.

Ассалом, эй посутуни осмон,
Пири пурасрор қурғони деҳа,
Эй ки ҳамчун путки Рустам-паҳлавон
Асрҳо маҳкам ба дастони деҳа.

Омадам аз шаҳр бо ёди шумо,
Аз камоли меҳр оғӯшам кунед.

Резаи санги шумоям, кӯҳҳо
Он мабодо, ки фаромӯшам кунед!

Ман на чун бегона овоз омадам,
Омадам чун акси овози шумо.
Рӯдҳо созед бо сӯзи дилам,
Нағмаам, барҷаста аз сози шумо!

Нестам ман нахли гулзори дигар,
Дар ҳамин хок аст маҳкам пояам.
Модари кӯҳсор тавлидам намуд,
Ин ҳисор, ин кӯҳ бошад доям.

Дар ҳамин ҷо ман фитодам, ҳестам,
Дар ҳамин ҷо рехт ашки дидаам.
Хандаҳои аввалини бахтро
Дар ҳамин ҷо дидаам, бишнидаам.

Дар ҳамин ҷо аз ҳамин пайроҳае
Рӯ ба сӯи шоҳроҳам боз шуд.
Чӯҷаи бебол буд иқболи ман,
Дар ҳамин ҷо қобили парвоз шуд.

Дар ҳамин ҷо аз сари кӯҳи баланд
Ҳусни мулкамро тамошо кардаам.
Ҳар деҳу ҳар шаҳри мулки хешро
Ҳамчу дил дар синаам ҷо кардаам.

Дар ҳамин ҷо нек дидам, ки ҳаёт
Ҳамчу роҳи кӯҳҳо ҳамвор нест.
Дӯстиву ишқ бахти безавол
Чун матое дар сари бозор нест...

Дар ҳамин ҷо солҳои ҷанги шум
Дар чу чашмони падар хун дидаам,
Дар ҳамин кӯҳсор андар ёди нон
Қайсу Лайлӣ ҳар ду Маҷнун дидаам.

Ман магар аз ёд берун мекунам
Кӯҳсоре ки равонам додааст.
То шавам ғолиб ба ҷанги гушнагӣ,
Сучу тотин ҷои нонам додааст...

Не, нахоҳам зист бе ёди шумо,
Рӯдҳои нурбори кишварам.
Не, нахоҳам бурд як дам аз хаёл
Ман туро, эй кӯҳсорам, модарам.

Омадам аз шаҳр бо ёди шумо
Аз камоли меҳр оғӯшам кунед.
Резаи санги шумоям, кӯҳҳо,
Он мабодо, ки фаромӯшам кунед.

Ман на чун бегона овоз омадам,
Омадам чун акси овози шумо.
Рӯдҳо, созед бо сӯзи дилам,
Нағмаам, барҷаста аз сози шумо.

## НИЁЗ

Эй арусӣ шеър, эй зоти парӣ,
Духтари моми суханҳои дарӣ.
Ошиқам, дилдодаи рӯи туам,
Дар дами шамшери абрӯи туам.
Сар занӣ, инак, сару савдои ман.
Дар раҳат ҳаргиз нағеҷад пои ман.
Аз вафо байту баёзат оварам,
То куҷо нозӣ, ниёзат оварам.
Рӯзҳо бо ёди ту дам мезанам,
Шаб ба ёдат хоб барҳам мезанам.
Ошиқам, аз ошиқон кам нестам,
Фориғ аз ёди ту як дам нестам.
Рӯ матоб аз ман, ки ман ёри туам,
Ҷон гаравгонат, харидори туам.
Рӯ матоб аз ман, ки шоирпешаам,
Ҷуз ту нақше нест дар андешаам.
Ҳарчи дорам ё ки ҳарчи доштам,
Ҳарчи дар як умри худ анбоштам
Ҷазбаи меҳри худододи ту буд,
Давлатам дар ин ҷаҳон ёди ту буд,
Рӯ матоб аз ман, ки ман ҳамчун сухан
Боз дорам дар бағал меҳри Ватан...
Ман аз ин ду меҳри модарзодаам
Дил ба рӯи оламе бикшодаам.
Деҳқон гар донаафшонӣ кунад,
Хомаи ман шеър арзонӣ кунад.

Рӯ матоб аз ман, ки ман гил нестам,
Ҷуз саропо оташи дил нестам.
Шеър чун дил узви пайванди ман аст,
Шоирӣ дар банд, дар банди ман аст.
Рӯ матоб аз ман, ки рӯят оламест,
Олами рангини шодию ғамест.
Эй ғамат дар ҷони ман, шодам бикун,
Хонаат обод, ободам бикун!

## ДАР СОҲИЛИ РӮДИ КӮҲӢ

Боз мебинам, ки чашмони ҳавас
Ман ба рӯди ошно бикшодаам.
Рӯи пойандози сабзи соҳилаш
Такя бар марзи чу болиш додаам.

Боз мебинам ҳамон рӯди равон
Сила месозад сари ҳар сангро.
Мекунад такрор бо сози дигар
Боз оҳанги ҳамон оҳангро!..

Танбараҳна кӯдакони ношинос
Дар канораш оббозӣ мекунанд.
Гоҳ меҷангaнд бо амвоҷи об,
Гаҳ ба рафти об бозӣ мекунанд!

Духтари кӯҳсор сӯи обгир,
Мехиромад кӯзаро бардошта.

Мехиромад, мехиромад раҳ ба раҳ
Донаи ҳусну малоҳат кошта.

Менишинад дар лаби рӯду ба ноз
Мекашад бар рӯй оби софро.
Аз ҷамоли хеш эҳё мекунад
Шаҳпарии пушти кӯҳи қофро.

Бо тааммул дида медӯзад бар об,
Роз меҷӯяд магар аз сози рӯд.
Даври гӯшаш мисли зулфони каҷаш
Печ-печак мезанад овози рӯд:

— Эй ки монанди ниҳоли тозае
Дар канорам, дар барам сабзидаӣ,
Гарчи огоҳӣ ту аз оғози ман,
Лек анҷоми маро кай дидаӣ?!

Ман аз ин сарчашмаҳои ноаён,
Ибтидо мегираму сар машавам.
Бо талоши баҳр дар анҷоми хеш
Беназир дунёи дигар мешавам!..

...Мисли оби соф андар кӯзааш
Духтарак армон ба дил ҷо мекунад.
Хезу шини синааш баҳри ҳаёт
Олами зебо таманно мекунад!

## ДАР ОҒӮШИ КӮҲСОР

Гардиш ба канори кӯҳсорон
Як олами завқу рӯҳ дорад.
Водии кушод дорад оё
Ин манзараҳо, ки кӯҳ дорад.

Як сӯ гули лолаи шукуфта,
Чун байрақи дасти баччагон аст.
Як сӯ ба паноҳи бутта хуфта
Заргӯш зи чашми бад ниҳон аст.

Як сӯй зи қалби сахти харсанг
Як чашма ба хеш раҳ кушода,
Нотарс, ба роҳ медарояд
Чун баччаи дар сафар пиёда.

Як сӯй ба шохи буттахоре
Булбул бари хеш лона монда,
Монанди муаллим омӯзонад
Ӯ дарси суруд, хонда-хонда:

Як сӯй ба зери арчаи сабз,
Чӯпонбачае алоб кардаст.
Дар паҳлуи ӯ саги вафодор
Сар рӯи ду даст хоб кардаст.

Як сӯ ба лаби бунафша гӯё,
Борон шабадонае ниҳода,
Бар омади рӯд интизор аст
Ҳар сӯй дара бағал кушода.

Як сӯй насими шӯхи кӯҳӣ
Атри гули кӯҳ мефишонад.
Аз домани ту кашад ба шӯхӣ,
Гарде ба либоси ту намонад!

Як сӯй зи шавқи хандаи барқ,
Бишкуфта ҳазор қӯзақандӣ.
Чун баччаякони телпакпӯш
Ҳар сӯй ситода чанд-чандӣ.

Овози бара расад ба гӯшат
Аз дур чу нағмаи рубобе...
То чанд кунам ҳикояти кӯҳ,
Беҳ он ки ба рӯзи офтобӣ

Оиву ба чашми хеш бинӣ
Ҳусни гулу сози навбаҳорон...
Ин қадр ба ҷон ҳузур бахшад
Гардиш ба канори кӯҳсорон!

# НИДОИ ҶАВОНӢ

Ҷавонам, орзу бисёр дорам,
Яке бахшӣ, талаб бар чор дорам,
Наям аз ғофилони роҳи ҳастӣ,
Ба роҳи худ дили бедор дорам.

Маҷӯям дар нигоҳи он ҷавоне,
Ки сози чашмаро бе роз бинад.
Раҳи кӯтоҳи дунё нестам ман,
Ки ӯ дар охиру оғоз бинад.

Маро дар кунҷи расвоӣ наҷӯед,
Ки расвоипарастӣ нест корам.
Ҷавонӣ қуллаи номи баландест,
Ба ёди он, ба пастӣ нест корам.

Матарсонед аз боди ҳаводис
Ки «не хокам, ки андар раҳгузорам».
Шиори ман, ки сарсабзист доим,
Ҷаҳон то ҳаст, ҳамдасти баҳорам.

Маро ҷӯед дар дилҳои пурҷӯш,
Ба ҳалли мушкилу тадбир ҷӯед,
Ба ёди ҷумла побандам, ки манро
Ба пора кардани занҷир ҷӯед.

Маро дар партави хуршед ҷӯед,
Ки роҳи зулматӣ ҳамроҳи ман нест.
Маҷӯедам зи моҳи шомхӯрда,
Агар ҳар шаб натобад, моҳи ман нест.

Маро дар олами ҷовид ҷӯед,
Ки он ҷо мебарад роҳам, шиорам.
Замин гулгун зи ранги орзуҳост,
Ҷавонам, орзу бисёр дорам.

## МАРДУМИ КӮҲСОР

Ба ҳукми қисмат ар саргашта гардӣ
Ба ногоҳе ба мулки кӯҳсорӣ,
Ту худро ҳеҷ гаҳ бегона машмор,
Гар ин ҷо ошное ҳам надорӣ.

Туро бинанд агар ҳамчун мусофир,
Чу шаҳрӣ чашм аз рӯят напӯшанд.
Ба мисли рӯдҳо аз синаи кӯҳ
Ба дидори ту, аз шодӣ хурӯшанд.

Нагӯянд аз куҷоӣ, кистӣ ту,
Туро чун ошное халқа гиранд.
Ҳама, аз ҳафт то ҳафтодсола,
Ба хайри мақдамат ҳар лаҳза «миранд».

Хушомад мекунандат бе хушомад,
Ки гардӣ сери дастурхони онҳо.
Набофӣ то ба номи шавкати кӯҳ
Зи баъди рафтани худ бӯҳтонҳо.

Агар аз ҷой хезӣ баҳри ҳурмат
Ҳама ду даст пеши бар бихезанд.
Нишинӣ, баъди ту бар чорзону
Нишинанд аз бароят чой резанд.

Туро бо дасти пеши бар гирифта
Гуселонанд то домони кӯҳсор.
Раҳи хайру ҳавои соф хоҳанд,
Нагирад доманат то гарди озор!

Сипас гарданд розию сарафроз
Ба мисли қуллаҳои кӯҳсорон,
Ки ҳамчун панди аҷдодони номӣ
Ба ҷо оранд шаъни раҳгузорон!

## АГАР СОҲИЛ НАБОШАД...

Хурӯсон он қадар фарёд карданд,
Ки хоб аз чашмҳоям бор бардошт.
Сари вазнин рафтам ҷониби баҳр,
Диламро баҳр ҳамчун ёр бардошт!

— Чи хусбӣ, — гуфт, — хоби субҳгоҳӣ
Агарчи хуш бувад, ғафлатпараст аст,
Ҷадал кун, роҳи дарё аз саҳар гир,
Ки моҳӣ интизори чанги шаст аст!

Ғубори хастагӣ, бедорхобӣ
Ба як дам шуста шуд аз пайкари ман,
Ба мисли лӯлаболиш буд ҳар мавҷ
Ҳаловатбахш дар зери сари ман.

Ба рӯи бистари нарми гулобӣ
Канори мавҷҳо бедор хуфтам.
Суруди баҳр асроре ниҳон дошт,
Зи ҳар як мавҷ розе мешунуфтам.

Зи ҳар як мавҷ меомад садое —
Сафои зиндагонӣ дар талош аст.
Чу растанҳои тифл аз гоҳвора
Атои нолаҳои дилхарош аст!

Зи ҳар як мавҷ меомад садое,
Ки ҷуз дарё маро ҷавлонгаҳе нест.
Раҳи дарёдилон бо роҳи дарёст,
Ба зери осмон дигар раҳе нест.

Талоши мо на баҳри зиндагонист,
Ки дарёзодаю дарёпарастем,
Нафас дар сина бе дарё ҳаром аст,
Ки то дарё хурӯшон аст, ҳастем.

Хурӯше хест аз баҳри даманда,
Зи рӯи бистараш бархестам ман,
— Чаро, — гуфтам, — ба соҳил мезанӣ?
Гуфт:
— Агар соҳил набошад, нестам ман!

## ЛУТФИ СУХАН

Шоиреро раҳзане дар хилвате
Ёфт шабҳангом ҳамчун давлате.

Як назар ӯро зи сар то пой кард,
Матлабашро дар нигоҳаш ҷой кард:

«Рост бояд гуфт, — ҳамён медиҳӣ,
Ё чу оҳан тан ба сандон медиҳӣ?!»

— Ман на танҳо, — гуфт, — ҳамён медиҳам,
Бар туе чун дӯст ман ҷон медиҳам.

Чунки умре рафту ин ҳамёни ман
Монд он сон, ки тиҳӣ буд, ҷони ман.

То ба ҳол онро талабгоре набуд,
Он маро ҷуз бори сарборӣ набуд...

Нарм аз лутфи сухан оҳанг рехт,
Мор заҳри хешро бар санг рехт...

## КАБК

Раҳо шуд кабк аз чанголи бозе
Ба имдоду талоши тирсозе.

Варо дигар қафас шуд ошёна —
Фиғон мекард дар рамзи тарона,

К-аз ин маҳбас, ки озодӣ надорад,
Ҳамон беҳ буд, ки бозам ҷон барорад.

## МИЗОНИ ЗИНДАГӢ

Дарёдилему шӯриши дарё надидаем,
Ҳоло сафина ҷониби ҷӯбор мебарем,
Биншастаем дар раҳи селоби ҳодиса,
Ё мебарад, ва ё варо бо кор мебарем!

Аз по гусастаем мо занҷири бандагӣ,
Кайҳо нишастаем ба киштии зиндагӣ.
Бо мавҷҳои неку бад печида меравем,
Бо нек некӣ кардаву бо ганда-гандагӣ.

Ҷуз шеър нест тӯшае дар кӯлвори мо,
Ҷуз гул самар намедиҳад боғи баҳори мо.
Хушбахт мешавем мо,
бедор агар кунад
Ҳангоми субҳ хуфтаро бонги ҳазори мо.

Эй, ки чу шеъри тозае моро нахондаӣ,
Бар мо баҳои носазо беҳуда мондаӣ.
Ҳамчун ниҳоли навгулу навшоху навбарем,
Нопухта хоммеваи моро фишондаӣ.

Дар мо сияҳ мабин, ки мо чун субҳи содиқем,
Акнун кушода дидаву акнун дамидаем,
Бо нурҳои тозаи хуршеди бомдод
Сар ҷониби ситораи Парвин кашидаем.

Пастӣ маҷӯ зи мо, ки мо худ кӯҳзодаем,
Чун кӯҳ кони симу зар аз дил кушодаем,
Ҳар ҷо, ки мебарад Ватан, мо кӯҳ мебарем,
Хоҳе савор дар сафар, хоҳе пиёдаем.

Моро дағал мабин, ки мо бисёр суфтаем,
Байти навему хешро ҳоло нагуфтаем,
Чун сатрҳои гумшудаи шеъри Рӯдакӣ
Дар хилвати ниҳони худ бедор хуфтаем.

Асри навин, ки ҳар нафас хатти зафар кашад,
Оянда рахт ҷониби шамсу қамар кашад,
Дар ин сафар, ки шеъри мо посанги вазни мост,
Моро тарозуи замон пайваста баркашад!

## ОҲУ

Ғизолеро паланги тезчанге
Ҳамепоид, ки ногаҳ резасанге

Фитод аз тори кӯҳу оҳу рам хӯрд,
Ба як он нест шуд, аз кӯҳ ҳам хӯрд.

Ман ин манзар ба чашми хеш дидам,
В-аз он ин риштаи маънӣ кашидам.

Ки бо тадбир битвонад ҳақире,
Амон бахшад ба ҷони бас кабире!

## ЧӮПОН
### (ду рубоӣ)

Чӯпон, ки баинсофу диёнат бошад,
Андар рамааш амну амонат бошад.
Зинҳор зи болои асояш магузар,
Ин шева барои ӯ хиёнат бошад.

Маҳтоб чароғи хонаи чӯпон аст,
Овози рама таронаи чӯпон аст.
Ӯ як тану сӯи ӯ басе чашми умед,
Бас бори гарон ба шонаи чӯпон аст.

# РОҲҲО

Бар сари чорроҳаи сокит
Менишинам, хаёл мебарадам,
Ин яке мебарад маро ба ҷануб
В-он дигар бар шимол мебарадам,

Роҳ хомӯш гӯш медорад
Гӯиё қиссаи ниҳонамро,
Мекушоям бар ӯ чу бар пире
Достони дили ҷавонамро.

Роҳҳо, роҳҳои пурмеҳнат
Меҳнати оламе ба дӯши шумост,
Аз азал қисмати шумо ин аст
Ё гуноҳи лаби хамӯши шумост?!

Мераванд аз шумову меоянд,
Низ хоҳанд рафту боз омад,
Кист он ки зи ҳолатон боре
Сӯятон бахри пурсупос омад?

Бо шумо бас пиёда меояд
Аз шумо бас савор мегузарад.
Бо суруру ғурури беҳамто
Корвони қатор мегузарад.

Китф бар китф монда чун додар
Ҳар тараф бурдбор мегузаред.
Ба ҳама, ҳар кӣ рафту боз омад,
Бо забони хамӯш менигаред.

Чинҳои қатори рӯи шумо
Нақши пои ҳазор раҳгузар аст.
Дар ҷаҳони кушод бо уммед
Боз садҳо ҳазор дар сафар аст.

## ЗАРАФШОН

Зарафшон аз фарози кӯҳсорон меравад умре,
Чу деҳқон босалобат роҳ рафта, дона
афшонда,
Суруде хонда аз девони аҷдодони суғдияш,
Заминро файз бахшида, раҳорах боғ сабзонда.
Ду соҳил файзёб аз донаҳои гавҳари покаш,
Ду соҳил аз ду бар огоҳ аз тағйиру тақдираш,
Ду соҳил, ду рафиқ, ду ҳамнишин,
ду ҳамсафар як умр
Ду марди қиссахон
аз дафтари тадвиру тадбираш...

На аз банде ҳазар дорад,
на дар дил фикри шар дорад,
Ба ҳиммат аз канори кӯҳсорон роҳ бикшояд.

Гаҳе солору пуртамкин,
гаҳе пуршӯру пуртаҳчин,
Ба чашми меҳру маҳ ҳудро
ба садҳо ранг бинмояд.

Гаҳе чун тири ғурранда,
гаҳе шамшери бурранда,
Гаҳе оҳуи бозингар, гаҳе бабрест девона.
Гаҳе чун соғари пурмай
ба дасти кӯҳсори хеш,
Гаҳе чун ношинос ояд ба чашми хешу бегона.

Раҳораҳ рӯдҳоро мисли фарзандони ботадбир
Ба бар гирад, ба дафъи ҳар
хатар чун ҳамсафар гирад,
Набард орад ба ҳар банде,
ки хоҳад баст роҳашро,
Шабонгоҳон намехобад,
ки домони саҳар гирад!
Зи қаъри тангно берун барорад
хешро бо зӯр,
Бигирад домани паҳнову бинад даштзоронро.
Чу марди ғолиби майдон нафас
оромтар гирад
Шунида аввалин табрики мурғони
баҳоронро.
Дигар солор паймояд раҳи мулки
Бухороро,

Ки он ҷо ташнагон истода андар
роҳи дидораш,
Паём орад,
салом орад зи кӯҳу барзани тоҷик
Ҳикоятҳо кунад —
дар роҳ аз иқболу идбораш...
Сипас ором гардад шоду аз дидор хотирҷамъ,
Ту гӯӣ матлабаш
дар зиндагӣ мулки Бухоро буд.
Зарафшон аз фарози кӯҳсорон меравад умре,
Ба аҳди Рӯдакӣ ҳам роҳакӣ
ин гуна дарё буд!

## ПОСБОН

Ин пирдарахти гӯшаи боғ
Як вақт ниҳоли тозарас буд.
Як вақт ба шохи навбари худ
Дар дидаи эътибори кас буд.

Як вақт насими хушнафас буд
Дилдодаи шохаи тари ӯ,
Мурғони чаман буданд эмин
Дар сояи барги чун пари ӯ.

Як вақт ҳар он, ки аз бари ӯ
Аз баҳри набард роҳ мебурд,
Аз оташи офтоби сӯзон
Дар сояи он паноҳ мебурд.

Як вақт даруни шоху баргаш
Аскарбачаро ниҳон намудаст,
Гуфтаст ба ӯ зи макри душман,
Пайдост, ки безабон набудаст.

Имрӯз зиёда сарбаланд аст
Дар оғӯши файзи навбаҳорон,
Шодаст, ки то ҳанӯз подор
Истода ба ҷанги рӯзгорон!

Имрӯз чу посбон ситодаст,
Ҳарчанд расида шоми умраш,
Шодаст, ки навдаҳои пайванд
Бурданд аз ӯ давоми умраш!

## ДИЛ ДУШМАН АСТ...

«Дил душман аст»-ин лафзро
Бишнидаам ман борҳо.
Аз душманиҳои дилам
Озурдаам бисёрҳо.

Ман бо дилам бо душманам
Роҳи гарон биспурдаам.
То зиндагӣ бахшад маро,
Дар пеши пояш мурдаам.

Ҳар ҷо равам дар рӯи даҳр,
Ман бо ҳамин дил меравам.
Гаҳ бурда, гоҳе бохта,
Манзил ба манзил меравам...

Дил мерасад, ҳар кӯ равад,
Дил номаи нобурда нест.
Ҳар ҷо расад, равшан кунад,
Ҳаргиз чароғаш мурда нест.

Ман аз дили равшангарам
Субҳи сафо дидам басе.
Аммо ба роҳи дури умр
Шояд хато дидам басе.

Гуфто: — Фалонӣ душманаст,
Ранҷи ту аз иғвои ӯст.
Доғе ба лавҳи номи ту
Мактуби беимзои ӯст.

Гуфтам: — Дило, осуда бош!
(Ҳарчанд дар осудагӣ
Гоҳо парешон мекунад
Моро шамоли зиндагӣ).

Бо ман чи битвонад кунад
Бадхоҳи ноогоҳи ман,
Чун то ба манзил мустақим
Бошад аз аввал роҳи ман.

Бо ҷумла бӯҳтонаш рақиб
Гарде ба чашмам беш нест,
Тарсам зи хешони худӣ,
Бегонатар аз хеш нест.

Аз асри даҳ то асри бист
Афтону хезон омадам.
Чун зодаи сомониён
Бар Тоҷикистон омадам.

Роҳе пас аз ин роҳ чист,
Бо як нафас тай мекунам.
Сели балоро пешбанд
Бо ҷуръае май мекунам.

Як даст бо ҷоми шароб,
Як даст бо зулфи нигор...
Ингуна бар сар мебарам,
То бод бо ман рӯзгор!

## ОШИҚ

Имшаб зи ҳабси ёди ту танҳо гурехтам,
Аз хилватам ба домани дарё гурехтам.
Дарё ситода менамуд, аммо равона буд,
Аз мавҷи об ҳар тараф мавҷи тарона буд.
Олам пур аз садо буду ман бесадо будам,
Бо худ чу соя ҳамраҳу аз худ ҷудо будам,

Соҳил ситоразор буд,
ё пурчароғ буд?!
Ё оламе зи дасти ту пурдарду доғ буд?!
Ҳар зарра чун хаёли ту пурдард мерасад,
Ишқат чу оташ асту чаро сард мерасад?
Рӯи гилеми сабзаҳо чанде қадам задам,
Биншастаму зи дасти ту бо об дам задам.
Омад садо зи об, ки мо низ ошиқем,
Бар ҳусни боғу сабзаи навхез ошиқем.
Бе ишқ ҳеҷ заррае тобандагӣ наёфт,
Нуру сафо ба зиндагӣ худ зиндагӣ наёфт.
То дил насӯхт аз нигаҳе сохтан набуд,
Чун офтоб сар ба арш афрохтан набуд...
Обам, вале зи ишқи гул ман барқ мезанам,
Байроқи нур бар ҷаҳон чун шарқ мезанам.
Фориғ чӣ гуна мешавад аз ҷустуҷӯи ту,
Моҳ аз канори абр баромад чу рӯи ту.
Сангиндило, ба соҳили сангин қадам кушо!
Армони зерхӯрдаи боби дилам кушо,
Имшаб зи ҳабси ёди ту танҳо гурехтам,
Аз хилватам ба домани дарё гурехтам.

## РОҲИ ВАТАН

Гар гуноҳе буд моро ё гуноҳе мекунем,
Дар паноҳи шеъри ҳассон, бепаноҳе мекунем.
Бо ҳама фарзонагию бо ҳама девонагӣ
Шоириро таркашу омоҷгоҳе мекунем.

Шеър оҳан буд агар, оҳангаре будем мо,
Шеър сарбози Ватан буд,
сарваре будем мо.
Шеър аз дунёи дилҳо гар паёме н-оварад,
Бе забон, бе гӯш, бе чашму саре будем мо!

Аз каломи обнорас тир месозем мо,
Аз гули теғи нигаҳ шамшер месозем мо.
Дар дили пиру ҷавон завқи ҷавонӣ медиҳем,
Хешро гарчӣ ба зоҳир пир месозем мо.

Нахли моро осмон баҳри самар биншондааст,
Реша дар қаъри замин, сардарқамар биншондааст.
Боду бӯронҳои олам беш бар мо бигзаранд,
Лек бахт ин пояро истодагар биншондааст.

Синаи мо ошёни халқу кони дардҳост,
Кинаи мо интиқом аз нокасу номардҳост.
Гармҷӯшиҳои мо дар зиндагонӣ сард нест,
Зиндагӣ берангу сард аз сардии дилсардҳост.

Ғофилонро мо хабар аз кинадорон медиҳем,
Марзбонро огаҳӣ аз селборон медиҳем.
Ошиқонро муждаи фасли баҳорон медиҳем,
Ахтаронро шеваи шабзиндадорон медиҳем.

Поси барқи дидаи бедори ахтаргири мо,
Поси хуни хомаи мо, ҷилваи шамшери мо.

Поси пайконе ки он ҷуз шеъри оламгир нест,
Поси он сайде ки нозад бо камону тири мо.

Меҳрубонӣ мерасад моро зи даргоҳи Ватан,
Ҷонфишониҳо зи мо бодо ба огоҳи Ватан.
Роҳҳои кишвари мо сатрҳои шеъри мост,
Ҷамъ то орем, афтодем дар роҳи Ватан.

## РӮДИ КӮҲӢ

Дар бари гоҳвораи кӯҳсор
Шӯх монанди тифли навзодаст.
Ман чӣ донам чаро ба зодани худ
Ин қадар беқарор афтодаст.
Ё ки дар тангно бишуд дилгир,
Дар таманнои вусъатободаст?
Ё чу ҳар кӯҳнишин ин хислат
Худи модар — табиаташ додаст?!

## ИШҚ

Деҳқони гули баҳор Ишқ аст,
Туғёни дили қарор Ишқ аст.
Чашми дили интизор Ишқ аст,
Боғу чамани ҳазор Ишқ аст.

Ишқ аст шарори хонаи дил,
Ишқ аст мадори шонаи дил.

То ишқ ниҳон бувад ба сина,
Олам шунавад таронаи дил.

Бе ишқ маҳи само ниҳон буд,
Дунё кару кӯру безабон буд.
Аз рӯзи азал ба дасти ёрон
Ишқ оинадори ошиқон буд.

Бе ишқ сухан асар надорад,
Як дил ба диле гузар надорад.
Ишқ аст калиди мушкили мо,
Ҳар хона вагарна дар надорад.

То ишқ бувад садоқатомӯз,
Шом аст асири панҷаи рӯз,
То ишқ нахи кабуд дорад,
Борони баҳор — сӯзанидӯз.

Ишқ аст, ки дил ҳаёт дорад,
Гаҳ ғуссаю гаҳ нишот дорад.
То манзили умри ҷовидонӣ
Дар даст хати наҷот дорад.

Одам ба паноҳи ишқ зебост,
Олам ба нигоҳи ишқ зебост!
Ошиқ, ки ба асл бегуноҳ аст
Маҳкум ба гуноҳи ишқ зебост!

То умри равони роҳ бошад,
То арзу самою моҳ бошад,
Бар зулфи сиёҳи олучашмон
Ошиқ нашудан гуноҳ бошад!

Умрест, ки ман асири ишқам,
Дар хок нахӯрда тири ишқам.
Панде бигиред, эй ҷавонон,
Аз ман, ки ҷавону пири ишқам!

## БАХТ

***Барои шоири афгон Бориқ Шафеӣ***

Ту умре Бахт мегуфтӣ,
                    вале бебахт мегаштӣ,
Ту истиқлол мегуфтӣ,
                    валекин лол мегаштӣ,
Ба ҳар хилват ҳамегаштӣ,
                    ба ҳар сурат ҳамебастӣ.
Чу шоҳин дар канори кӯҳҳо
                              бебол мегаштӣ.
Ба зери боли чашмонат
                    ҷаҳон метофт бепаҳно.
Ҳама кӯҳу даманҳои Ватан
                    чун тангно метофт,
Ватан оинае буд хира дар чашмат,
                              Ватанбон низ,

Агарчи сангу чӯбаш дар нигоҳат
ошно метофт.
Ту худро аз Ватан мекофтӣ,
то беш ёбияш,
Туро мекофт ӯ дар сурати марду
зани афғон.
Туро мекофт ӯ дар сурати
вассофи истиқлол,
Туро мекофт ӯ дар сурати
ҳар кӯдаки гирён.
Туро мекофт чун фарзанди Кобул
тифли наврӯяш,
Чу марди сарбаланди кӯҳсори
сарбаландаш низ!
Туро мекофт чун хуршеди пинҳон
дар канори абр,
Туро мекофт монанди чароғи
шӯълахандаш низ!
Ту мегуфтӣ Ватан,
аз обшорон
нола бармехест,
Ту мегуфтӣ Ватан, акси садо
аз кӯҳ меомад,
Ту мегуфтӣ Ватан,
ҳар зарра чун хуршед меафрӯхт,
Ту мегуфтӣ Ватан, лек аз Ватан
андӯҳ меомад.
Ватан гуфтиву ҷон додӣ, гирифтӣ
дар баҳояш ҷон,

Ватан гуфтиву бахшидӣ саратро
дар раҳи паймон
Ба нерӯи тую чун ту басе
фарзонаи миллат
Фурӯзон гашт наҷми Бахт,
рух дод ахтари афғон!
Фурӯзон гашт аз чашми ҳақиқат,
аз нигоҳи ту
Фурӯзон гашт аз дилҳои сӯзон
дар раҳи армон...
Давоми нек бод озодиву Иқболу
Бахтатро,
Зиҳӣ, эй миллати афғон,
зиҳӣ, эй ахтари тобон!

## ШОҲ ВА ШОИР

Сарбаландии Самарқанди куҳан
Аз баландии маноронаш набуд.
Аз азал номи баланди ин диёр
Ҷуз зи номи номдоронаш набуд...

Пеш аз оне ки бигирад шаҳрро
Ланги Темур рӯи дунёро гирифт.
Ёфт то дасте ба фатҳи ин замин
Об аз оташ,
мум аз хоро гирифт.

Ташнаи хун,
                рӯи киштии ғазаб
Шаҳрро дарёи пургирдоб кард.
Саркашонро сар зада, хун рехта,
Рӯйболо бо хаёле хоб кард.

Дар нигоҳаш абри анбӯҳи равон
Тофт ҳамчун лашкари анбошта.
Сӯи ӯ ангез дорад пурғазаб
Моҳро ҳамчун сипар бардошта.

Ҷасту шамшер аз наёмаш баркашид,
Дид шаҳр ором, худ ором шуд,
Рӯҳи ваҳшӣ аз фиреби дидааш
Муддате ҳамчун паланге ром шуд.

Нақшае ин лаҳза аз ёдаш гузашт,
Ранги дигар дод бояд шаҳрро.
Ҷилвае, ки аз баландии ҳунар
Мот гардонад тамоми даҳрро...»

Шаҳрро бори дигар наззора кард
Менаомад ҷуз садои ҷӯйбор...
Гуфт: чун рамзи мақоми кишварам
Дар канори шаҳр месозам манор

Ончунон ки ҳар яке ҳамбар шавад
Моҳрову ахтари бедорро»...

Бо ҳамин дил дар Самарқанди куҳан
Гирд овард аз ҷаҳон меъморро...

То маноре рост шуд чун хонае
Сад манори каллаҳо барбод рафт.
То манори дигаре қомат кашид,
Номи бас меъморҳо аз ёд рафт.

То садое хост аз анҷоми кор
Сад ҷаҳон фарёд то афлок рафт,
Пухта шуд то хишти хоме аз гиле,
Пухтаю хоми башар дар хок рафт.

Рост шуд то аз маноре зинае
Зина-зина халқ кин андӯхтанд,
Ҳар нафас бе расмону сӯзане
Бар қади Темур кафан медӯхтанд.

Як шабе бофахр, масти дастбурд
Давр мезад шоҳ даври ҳар манор.
Ногаҳон дар хамгаҳи пайроҳае
Жандапӯше,
шоире омад дучор.

Сарфиканда, бесалому бекалом
Булбуле аз ҳалқаи доме гузашт.
Шеър дар дил бо ҷабини нурбор
Мисли субҳ аз паҳлӯи шоме гузашт.

— Кистӣ! — фарёд зад шоҳи ғазаб
Бар манорон бигзарӣ бе эътибор?!
— Шоирам, болотар аз ин бурҷҳо
Дар бағал дорам зи шеъри обдор!

Пурғазаб, дар як мурури чашмзад
Даст зад аз дастаи ханҷар гирифт.
Рӯ ба рӯи лахти пашме пунбае
Дар назар кӯҳи азиме даргирифт.

Шоир аз тадбир девони ғазал
Мисли шамшер аз бағал боло гирифт.
Шоҳ аз рамзи балогардони ӯ
Панд аз як қатра чун дарё гирифт.

Дасти ханҷардори болобурдааш
Ҳамчу шохи тар шикасту паст шуд,
Чеҳрааш коҳидаву тағйир ёфт,
Гӯиё аз ҷоми маънӣ маст шуд.

Рӯ ба рӯи шоири бебокдил
Муддате истод гарчи боғазаб,
Лек ҳоло мисли бозибохта
Мот буд ӯ бониёзу боталаб...

Муддате гарчи зи даргоҳи амир
Шоири бебок дигар ҷо нарафт,
Лек ҷуз тавсифи шаҳраш дар ҷаҳон
Номи дигар ҳеҷ як боло нарафт.

Шоҳ шуд пайгири шоир, чунки ӯ
Восифи ӯву маноронаш набуд...
Сарбаландии Самарқанди куҳан
Ҷуз зи номи номдоронаш набуд.

## ҚАРЗ

Модари меҳнатиям рафт зи ташвиши ҷаҳон,
Рафту як зарра набурд аз ҳама андӯхтааш.
Ҳарчи мондаст аз ӯ, дар назарам чизе нест,
Ғайри он ҷомаи бо меҳр ба ман дӯхтааш.

Ғайри он ҷома, ки ҳар бор варо пӯшам агар,
Гармии меҳр диҳад, нур диҳад, зеб диҳад.
Ба хаёлам, ки варо гар зи танам дур кунам,
Зиндагӣ сард шавад бар ману осеб диҳад.

Ҳар гаҳе пӯшам агар, дар назарам зинда шуда
Модарам бо ҳама уммед ба ман менигарад.
Чашми ӯ софтарин чашмаи кӯҳсори Ватан,
Балки ӯ сӯи ман аз чашми Ватан менигарад?!

Ҷомаи зирагии сабз диҳад ҷилва ба чашм
Сабзаи домани кӯҳсори сафобахши диёр,
Ҳар раҳу риштаи он мисли раҳу пайраҳаест,
Ки ба ҳар сӯй аз он рафта басе нақши диёр.

Ҳар раҳу риштаи он чун раҳи армону умед
Сари ҳар чоку руфӯ аз дили модар гузарад.
Сари ҳар чоку руфӯ баҳри ҳама фарзандон,
Риштаву сӯзани ҳар нақш баробар гузарад.

Ҷилваи ранги раҳу ришта ба дил роҳ барад,
Модарам гӯӣ ба ман роҳи дил омӯхтааст.
Нақши дилҷӯи ҷаҳонест ба ҳар нақшу нахаш,
Ё варо рамзи ҳама рӯи замин дӯхтааст?

Балки он рамзи самоест, ки сабзасту кушод,
Зери он ҷумла ба уммед нафас мегирем?!
...Ҳамаи қарзи ҷаҳонро битавон дод, вале
Қарздори абад аз модари худ мемирем!

## РӮДИ РӮЗ

Сипосу шукри ту эй,
                    рӯди Рӯзам,
Ки сабзидам ман аз обу гили ту.
Барои ман зи соҳилҳои заррин
Басо хуштар битобад соҳили ту.

На беҷо номи ту Рӯз аст, эй рӯд,
Ту ҳамчун рӯзи равшан об дорӣ.
Сафо мепарварӣ дар кӯҳсорон,
Ба ҳар мавҷат дусад маҳтоб дорӣ!

Наҷустам ман канора аз канорат,
Зи оби ҷонфазоят нӯш кардам.
Кушодам ғунчасон асрори ҳастӣ,
Чу бар овози мавҷат гӯш кардам.

Аз он рӯзе ки қисмат кард кӯчат,
Маро дар боғи шаҳр аз соҳили ту.
Агарчи реша дар обам, валекин
Мудомам ташнаи обу гили ту.

Гумон дорам, ки бе ёди ту дар шаҳр
Надорад рангу бӯе баргу борам.
Гумон дорам, ки бе ёди ту ҳаргиз
Намехандад гуле дар шохсорам.

Гумон дорам, ки бе ёдат шавад хушк
Ба ҳар ҷо решаю шохи тари ман.
Ту модарвор будӣ сарпарастам,
Зи меҳрат сабзу боло шуд сари ман.

Гумон дорам маро роҳи ту омӯхт,
Ки ҷустам роҳи паҳнои Ватанро.
Шавад то мазрае обод, чун ту
Басе паймудаам дашту даманро.

Зи ту дурам, чи дурӣ ин ки доим
Ба пиндорам, ки ҳастам дар канорат.
Надорам бок аз тӯфону бӯрон,
Ки дорам шира аз ишқи баҳорат.

Ба ҳар ҷоям, умедам ин ки мурғон
Баҳорон дар паноҳам лона монанд.
Ба созу шева аз субҳи сафобахш
Ба ҳар як гӯша пайғоме расонанд.

Умедам ин ки то ман бошаму ту,
Миёни мо намегунҷад ҷудоӣ.
Ба ёди ту фурӯзон шоху баргам,
Фидои ту, чӣ рӯди пурсафоӣ!

Фидои ту, аҷаб гулкорӣ, эй Рӯз,
Ки умре раҳ ба раҳ гул мефишонӣ.
Умедам ин, ки бо дарёдилият
Ба дарёҳо расидан метавонӣ!

## ДИЛ МАРО ОГОҲ КАРД...

Дил маро огоҳ кард!
— Эй ошнои ҳамтарик,
Умрҳо шуд мекашам бори ғаму шодии ту.
Хаста гардидам дигар,
Андак сабук кун борро,
Баъд аз ин пурранҷ метобад раҳи ҳодии ту.

Баъд аз ин ҳар зина раҳ чун кӯҳ метобад маро,
Баъд аз ин пайроҳае тобад чу дори дорбоз,
Баъд аз ин ҳар рӯд дарёе шавад касногузар
Баъд аз ин ҳар як ваҷаб раҳ мешавад роҳи дароз,

Баъд аз ин бояд сабук буд, аз гаронӣ дил гирифт,
Аз ғами суду зиёни зиндагонӣ дил гирифт.

Баъд аз ин озодтар бояд, ки «мӯ аз шона» рафт,
Шоҳбозе, ки ҷавонӣ ном дошт, аз лона рафт...

Баъд аз ин бояд ба даври дӯстон буд бештар,
Файзи рӯи дӯст танҳо боли дармон асту бас.
Дӯст хоҳад шуд асои дӯст дар роҳи гарон,
Душманонро душманишон марги эшон асту бас!

Баъд аз ин бояд зи дӯш афканд чандин борро,
Гар бақои бом мехоҳӣ, бубин деворро...
Зиндагӣ дар ҳар замон ҳарранг мепӯшад либос,
Хубтар бояд шинохт аз ёр то ағёрро...

Зиндагӣ гар беша бошад, зираку ҳушёр бош,
Ҷои гул гул бош, ҷои хоркорон хор бош.
Гар нахоҳӣ ҳеҷ озоре, мадеҳ озори кас,
Дод хоҳӣ, доди хубӣ овару додор бош!

Баъд аз-ин оҳиста бош, оҳиста бош, оҳиста бош,
Ҳар қадамро бо нигоҳи дил бубину роҳ гард...
Роҳи ман осон набуд, ё худ, гаронтар шуд кунун,
Дил маро огоҳ кард, огоҳ кард, огоҳ кард?!

# САНГИ НИШОН

Санг мехоҳам гузорам бар сари гӯри падар,
То нишони марқадаш ҳаргиз нагардад бенишон.
Дар хаёлам, нест санге, ки сазовораш бувад
Дар миёни санглоху сангзорони ҷаҳон.

Баски ӯ бисёр хӯрда санг аз сангиндилон,
Баски ӯ бисёр дида ҷабр аз ҷабборҳо.
Санг мебояд, ки аз сангиндилон гирад қасос,
То раҳад рӯҳи падар аз ҷумлаи озорҳо.

Баски ӯ бисёр дида оташи тӯпу туфанг,
Баски ӯ бисёр бар сар тирборон дидааст,
Бо умеди зиндагӣ дилғеҷ раҳ паймудааст,
Дар намуди одамӣ бисёр морон дидааст.

Санг мебояд, ки бошад абргиру барқҷаҳ,
Санг мебояд ба мисли Офтоби оташин,
Дида нобино шавад аз оташи ҷавволааш,
Ҳар куҷо гар толиби ҷангест дар рӯи Замин.

Санг меҷӯям чунин аз соати маргаш ҳанӯз,
Санг меҷӯям чунин аз сангзори манзилам,
Инчунин санге надидам,
гарчи судам сангҳо,
Ҷуз ҳамин як пораи санги шарарбори дилам.

Ҷуз ҳамин як пора санги оташине ки варо
Ёфтам аз барқи чашми меҳрварзои падар.
Гӯиё онро ба ман ҳамчун амонат дода буд,
Бехиёнат бурдаму мондам ба болои падар!

## ВАТАН

Бахр рӯзону шабон ҳеҷ нагирад ором,
Магар аз неку бади даҳр сухан мегӯяд?!
Дили ман болзанон дар лаби дарёи дамон
Гашта баргашта ба такрор Ватан мегӯяд.

Боз ёди Ватан аз домани ман доштааст,
Ёди он ҷо, ки ба ҳам омадааст обу гилам.
Ёди кӯҳе ки бувад шаҳсутуни боми само,
Ёди деҳе ки бувад дар бағалаш мисли дилам.

Ёди он рӯд, ки шуд баччагиям дар бари он
Мавҷро зин задаву бар сари он тохтанам,
«Гузари умр надида ба лаби оби равон»
Бо ҳавас хона барандохтану сохтанам.

Ёди он гӯша кунам, ки ба дили хоки баланд
Рафта дар хоби биҳиштӣ падару модари ман.
Аз дари боғи падар то ба сари гӯри падар
Роҳи нав бозшуда аз қадами хоҳари ман.

Ёди саҳрои кабудҷомаи зархез кунам,
Ки ба нирӯи кафи даст диҳад ганҷи сафед.
Пири деҳқон ба сари пахта чу хуршед ба абр
Нигарад ҷониби ҳар қитъа ба чашмони умед.

Ёди дарёи Душанбе, ғазали кӯҳнаву нав,
Ки ба ҳар гӯша равам, замзамаи роҳи ман аст.
Ҳар қадар оби зулолаш бихурам, ташнатарам,
Магар он шохаи дарёи азими Ватан аст?!

Магар аз соҳили гулрезу сафопарвари он
Мани пазмони Ватан, накди Ватан ёфтаам,
Зи сари мавҷи парешону ба ҳам печонаш
Сару сарриштаи печони сухан ёфтаам?!

Ё Ватан ёфтаам ман зи мазори падарам.
Ки ба ҳар ҷо, ки равам, дур нашуд аз назарам?!
Ё сари зонуи модар Ватани асли ман аст,
Ки хумораш наравад, ҳеҷ замоне зи сарам?!

Тоҷикистон, ҳама ҷо оинаи дасти манӣ,
Ҳама ҷо акси ту дар дидаи ман ҷилвагар аст,
Моҳ яктост, вале моҳи ту зебост маро,
Шамс яктост, вале шамси ту пурнуртар аст.

Ватанам, як нафас аз ёди ту фориғ нашавам,
Фориғӣ дар раҳи ту меҳри туро бохтан аст.
Беватан нест ғарибе, ки кунад ёди Ватан,
Дар Ватан будаи бе ёди Ватан беватан аст!

# ТОРИ ҶӮРАБЕК

***Барои ҳофизи мумтоз Ҷӯрабек Муродов***

Лаззат барам, зи дидани дидори Ҷӯрабек,
Гул мерасад ба дидаам ҳар хори Ҷӯрабек!

Бо нола об мекунад дилҳои сангро,
Санг об кардан аст магар кори Ҷӯрабек?!

Ҷуз сози дилгудоз зи бозори ӯ маҷӯ,
Пурҷӯш бод доимо бозори Ҷӯрабек!

Ёрӣ зи тор ҷуставу ёрони беш ёфт,
Ҳарчанд ғайри тор набуд ёри Ҷӯрабек!

Дарди дилаш сабук шавад бо шеъри Рӯдакӣ,
Ашъори Рӯдакӣ бувад ашъори Ҷӯрабек!

Номи Куруд дар азал шояд Суруд буд,
Ислоҳ гашт ин хато бо тори Ҷӯрабек.

Бишнидаам, ки шоирон гӯянд бо алам—
«Хушдорҳои шеъри мо хушдори Ҷӯрабек!»

Озоркаш барои ӯ озори ӯ надод,
Озурдани ҳунар бувад озори Ҷӯрабек.

Бори гарон ба риштаи як тор мекашад,
Нозук расад ба манзили худ бори Ҷӯрабек.

Бикшод табъи аҳли дард аз сози ӯ чу гул,
Бодо шукуфта ҳар гули гулзори Ҷӯрабек!

## ХОБИ БЕВАЗАН

Бевазан хоб дид, хоби аҷиб
Шавҳари ӯ зи ҷанг меояд.
Гоҳ танҳову гоҳ танҳо не—
Бо нигоре фаранг меояд.

Аз бараш бо хиром он танноз
Бо рухони шукуфта раҳгир аст.
Бевазан музтару парешонҳол
Ё ки ин як фиреби тақдир аст?!

Кист он зан, ки инчунин озод
Меравад аз канори шавҳари ӯ.
Гоҳ хам гашта меканад бо ноз
Гули рангобаранг аз сари ҷӯ.

Ҳар ду чун ошиқони масти висол
Дар канори баҳори хандонанд.
Дар бари лолазор пеши назар
Гоҳ пайдову гоҳ пинҳонанд.

Гоҳ дастобадасту гул дар бар
Ҷониби бевазан давонастанд.
Ҳарду омехта ба якдигар,
Он чунон ки таневу ҷонастанд.

Дашти пурсабза аз насими баҳор
Мезанад мавҷ мисли баҳри кабуд.
Медавад ҷуфти ошиқу маъшуқ
Мисли афсонаҳои буду набуд...

Сӯи ӯ медаванду ин аҷаб аст
Дуртар мешаванд аз назараш...
Ногаҳон карда ҳардуро пинҳон
Мавҷи дарёи чашмҳои тараш...

Бевазан сӯхта дар оташи рашк,
Сӯяшон тохт, ҳарчи дошт мадор...
Аз гулӯи зани фаранг гирифт,
Муштболо зи хоб шуд бедор...

Муштҳои гиреҳи худ во кард,
Хест аз ҷову шамъро афрӯхт.
Ҳама хобанду оламе хомӯш,
Сурате сӯи ӯ назар медӯхт.

Рӯ ба рӯ дида акси ёрашро,
Боз ёде зи навҷавонӣ кард.
То саҳар шиста бар сари ҷогаҳ,
Бо дилаш ҳасрати ниҳонӣ кард:

«Ту, ки ошиқ будӣ ба рӯи баҳор,
Гул зи рӯяш начидаӣ бо ман.
Гули ночидаи ту бо ман монд,
То манам зинда, зиндаӣ бо ман!»

Зиндаӣ ту ба қаҳрамоният,
Ватанат номи ту ҳамегирад.
Ҷонфишони Ватан будӣ, ҷонам,
Ҷонфишони Ватан намемирад!

## ЁДИ АНСОРӢ

Ӯ чу рӯде ба ҳама шӯру шари дарёӣ
То ба дарё бирасад, ҷониби шаҳр омада буд,
Дар дилаш буд ҳама дарду ғаму шодии кӯҳ
Гарчи бас санги кӯҳистон, ки зи роҳаш зада буд.

Бо ҳама шавқи мудому ба ҳама меҳри тамом
«Кӯҳ» мегуфт ба ёди деҳааш шому саҳар.
Кӯҳ мегуфту зи кӯҳсор садо меомад:
«Марҳабо, ҷону ҷигар, бар дару даргоҳи падар»!

Кӯҳ мегуфт ба ёди деҳи Ҳуснободаш
Ки дар он Рӯдакӣ аз шеър ҷаҳон сохта буд.
Шеърро пояи маҳ дод ба алфози дарӣ,
Зи ҷаҳонаш ба ҷаҳон шӯру шар андохта буд...

Кӯҳ мегуфт ба сидқе, ки ба гуфтору амал
Қадри як кӯҳи Ватан ганҷи ҷаҳоне нагирифт.
Баҳри ин сидқ, ки ӯ дошт ба кӯҳсори диёр,
Синааш зеби нишон буду нишоне нагирифт.

Кӯҳ мегуфту Ватанро зи Сибир то Помир
Бо нигоҳи дили бинош тамошо мекард.
Ҳамаҷо, дар сафари хеш ба паҳнои Ватан,
Баҳри ҳар кӯҳ дари кишвари дил во мекард.

Як саҳар бо ҳаваси кӯҳ дар оғози баҳор
Аз дили шаҳр, раҳи хеш ба кӯҳсор кашид.
Ишқбозӣ ба гулу лола ҳавас буд варо,
Зиндагӣ лек ба пеши назараш тор кашид.

Кӯҳи Аглуқ, варо дар бағалат хор макун,
Ӯ ки худ хории бисёр кашидаст ба даҳр.
Нест бод оташи он ҷанги ҷаҳонсӯз, ки ӯ
Монд аз модару ҳам серӣ надидаст падар.

Зи сараш сояи дасти сила барвақт гурехт,
Соябони сари ӯ буд фақат дуди сигор...
Кӯҳ мегуфт ба ёди падару модари хеш,
Кӯҳ мегуфт ба ҳар қулла чу як ошиқи зор...

Он қадар буд ба кӯҳ ошиқи дилбохтае
Бӯи кӯҳу дара мекард саропо суханаш.
Ҳар бино дар назараш буд чу як кӯҳ ба шаҳр,
Кӯҳ метофт ҳама дашту дамони Ватанаш!

Кӯҳ мегуфт паи рӯдаки Шабмондаи худ,
Ки равон аст ҳаме аз шафати хонаи ӯ...
Баъд аз ин қиссаи ӯ аз лаби рӯдаш шунавед,
Бохабар аз дилашу аз ҳама афсонаи ӯ!

## ЭЪҶОЗ

Осмон то сиёҳкирдор аст,
Корвонкуш ситора бисёр аст,
Эй басо корвон, ки раҳгум зад,
Доғ дар синаҳои мардум зад.
Гарчи боли шикаста боле нест,
Ҳеҷ дил аз умед холӣ нест.
Як замон аз самои тору сиёҳ
Тофт ногаҳ Ситорае дилхоҳ.
Кам-кам аз нури пок оро ёфт,
Тобише дар ҳама Бухоро ёфт.
Барқи он то ба рӯи Балх омад,
Балх баҳри ҷавоне талх омад.
Ҳамраҳи корвони дилхоҳе
Ҷониби шаҳри дур шуд роҳӣ,
Зери нури Ситораи дилхоҳ
То Бухоро расид Абдуллоҳ.
Афшана нақши пои ӯро дид,
Дар канораш Ситораҷӯро дид.
Чун Ситора аз ӯ ишора гирифт,
Ишқ аз домани Ситора гирифт.
Дар ду дил ошиқӣ баланд омад,
З-он ду тан тифли дилписанд омад.
Дафтари фоли нек бикшоданд,
Ном ӯро Ҳусайн бинҳоданд.
Кӯдаке буд зи кӯдакон мумтоз,
Ё ки ишқи Ситора кард эъҷоз?!
Пой то сар сиришти нуре буд,

Нигаҳаш бо самои дуре буд.
Гӯӣ, офоқи тоза ҷӯё буд,
Безабониш забони гӯё буд.
Худ чу як пораи шикастаи нур
Даст мебурд сӯи дастаи нур.
Гиряи ӯ на гиря буд, дар дил
Балки меҷуст ҳалли бас мушкил!
Модар аз рӯи гоҳвораи ӯ
Фикр мекард аз ситораи ӯ.
Шод буд, ки чи одаме зодаст!
Балки як тоза оламе зодаст!
Шод буд ӯ, ки қаҳрамонӣ кард,
Номи тоҷикро ҷаҳонӣ кард.
Шод буд ӯ, ки кард эъҷозе—
Дар ҷаҳон дод фарди мумтозе.
Ҳамадоне, ки бас китоб овард,
Дар ҷаҳони дил офтоб овард.
Бенаво даврро наво овард,
Аз самак то само даво овард.
Ишқи поку баланд эъҷоз аст,
Ҳар ки эъҷоз кард, мумтоз аст!

## ВАТАН

То ҷилваи ситораҳои осмони ту
Ҳамроҳи меҳру моҳи фалак ҷовидона бод,
То кӯдакони бегунаҳи нӯшханди ту
Бо мурғи бахту зиндагӣ ҳамошёна бод,

Бори ҳимоятат, Ватан, бар дӯш меравам,
Панду ҳикоятат, Ватан, дар гӯш меравам.

Аз ту намеравам, Ватан,
Аз як канори ту,
Аз як канори кӯҳсори пойдори ту
Монанди чашмасор сарозер рафта ман,
Сар мениҳам ба синаи ҳамчун баҳори ту.

Ҳар ҷо ки пои ман расад гулпӯш мекунам,
Ҳар сабзаро ба роҳи худ оғӯш мекунам.
Ишқи туву муҳаббати ҷӯшони модарӣ,
Аз бар намуда, хеш фаромӯш мекунам.

Дар васфи дашту водию кӯҳҳои сарбаланд,
Дар васфи ҳар табассуми ширини ҳамчу канд,
Дар васфи боғи орзу, тифлони ширмаст,
Дар васфи аскарони ту,
сафҳои бешикаст.

Хонда суруди ишқро такрор меравам.
Дар поси ёди хуфтагон бедор меравам.

Гурзи гарони Рустамӣ дар дасти ман бувад,
Сабру сукути кӯҳҳо бар дӯши ман бувад,
Чун ишқи ту, Ватан, дар оғӯши ман бувад,
Кист он, ки дар паи туву дар қасди ман бувад?!

Бо ин силоҳ ҳар куҷо як зарра хоки туст,
Бетарсу бедаранг далерона меравам,
Ҷо мешаванд рӯбаҳон дар мушхонаҳо
Бинанд агар ки ман чӣ сон шерона меравам!

Эй чашмаи ҳаёти ман,
Буду набуди ман,
Эй дар ҷаҳони пурзиён танҳо ту суди ман,
Будӣ чу гаҳвораам,
Хоҳам, ки баъди марг
Бошад зи сабзгӯшаи ту колбуди ман.

Бори ҳимоятат, Ватан, бар дӯш меравам,
Панду ҳикоятат Ватан, дар гӯш меравам,

*Калининград, августи 1967*

## ДАСТҲО ВА ЧАШМҲО

Аз сукути роздори абри пуркин,
Аз намуди фитнакори
чархи рангин,
Наъра мезад баҳр,
Наъра мезад бод бехуд
гашта хашмин.
Аз паси чилпардаи абри сияҳ
То набинад боз ин зебозаминро
Офтоби бегунаҳ,

Бар зада домони хешу остинро
Дасти борон тӯр мебофт,
Тӯри симин.
Ҳар дарахту ҳар ниҳоли зеби раста
Аз нахустин барф бар сар қарс баста.
Бо забони баргҳои хушку хаста
Дошт аз сардӣ фиғон.
Дашт ҷавлонгоҳ буд,
Ҷавлонгаҳи боди вазон.
Бод механдиду меомад ба худ
Аз фиғони рафтани боди хазон
Аз миёни барфу борон
Аз миёни тӯри сардӣ,
Тофт чашми меҳрафшон,
Пеш омад дасти марде
Ҳалқа шуд дар гардани дӯст,
Халқаҳои озарӣ,
Тофт аз ҳар чашми тобон
Лафзи тобони дарӣ
Аз фишори дастҳо,
Аз шарори чашмҳо,
Оташе боло гирифт,
Дар фазо маъво гирифт.
Аз само чун меҳри олам
　　　　　　　　　　заррахои нур рехт.
Гул баромад аз замину бар сари ёрон бирехт
Бод нолон,

Абр ҳайрон,
Дӯст хандон,
Дашт тобон гашт дар пеши назар
Дар лаби баҳри Ҳазар!

*Шаҳри Боку, 16.X—65*

## КИТОБИ НИМХОНДА

***Ба хотираи П. Толис***

Чу субҳе буд субҳи навдамида
Куҷо шуд ғунчаашро нокушуда?
Чи шуд бо он суруди тозаи давр,
Ки шуд хомӯш гӯё носуруда?
Варо ҳар лаҳза меҷӯем он ҷо
Ки доим завқ бошад, ханда бошад.
Дили бекина меҳри соф чун меҳр
Ба маҳфил нури худ афканда бошад.
Варо ҳар лаҳза меҷӯем он ҷо,
Ки ғайбат не, рафоқат дастболост.
Туву ман нест, сад оҳанги ҷӯр аст,
Сад оҳанге, ки аз сад соз пайдост.
Варо аз хонае ҷӯем доим,
Ки ҷои кори ӯ буда замоне.
Ду сад фарзини кацрав банд мешуд,
Чу ӯ буд рост андар донаронӣ...
Сиёҳӣ хушк, килкаш монда ҳайрон,
Сияҳпӯшанд авроқи парешон.
Сукути ҷумлаҳои сафкашида

Чу мардум аз паси тобути эшон...
Варақҳои китоби нимхонда
Ту гӯӣ зор меҷӯянд ӯро,
Гуле байни варақҳою варақҳо
Ба ёди рӯи ӯ бӯянд ӯро.
Вале аз гулбуни аз байни гулзор
Ҷудо гардидаву берӯҳ гашта.
Куҷо бӯе?
Шамоли дард ояд
Чу акси нолаи аз кӯҳ гашта...

## ЁДАШ БАХАЙР

Рафт,
Кайҳо рафту ёдаш мекунам,
Ёди тарҳи ҳуснзодаш мекунам...
...Рӯй не,
як пораи хуршед буд,
Мӯй не,
чавгони маҷнунбед буд.
Чашм не,
дар роҳи дилҳо дом дошт,
Рӯзи неку шоми бадфарҷом дошт,
Ғунча буд лаб?
Не, чу оташпора буд,
Лаъл буд,
бечорагонро чора буд,
Лаъли ӯ гар нурафшонӣ кунад,

Хирагӣ лаъли бадахшонӣ кунад.
Олами покӣ ба фармони рухаш,
Оламе буд гушнаи нони рухаш,
Ёд аз он мӯи миёнаш мекунам,
Дод аз абрӯи камонаш мекунам,
Соқи пояш санъати Беҳзод буд,
Балки ӯ Беҳзодро устод буд!
Дар ҳузури ҳар ду лимӯи бараш
Дошт кобин ошиқ аз ҷону сараш.
Дар садояш буд сози дилфигор,
Дар ҳавояш буд бӯи навбаҳор,
Ман дар оғӯши
                    ҳамин сон як баҳор
Маст будам,
                    маст умре чун ҳазор.
Лек ҳайронам кай омад,
                              кай гузашт,
Умр буд оё ки дигар барнагашт? —
Рафт,
    Кайҳо рафту ёдаш мекунам,
Шикваҳо аз устодаш мекунам,
Ин ки шогирдаш ба мактаб мондааст,
Аз китоби меҳр кам хонондааст.
Ёди ӯ кардам зи устодаш ба хайр,
То куҷо ёдаш кунам,
                              ёдаш бахайр!

## ДАСТИ ҒОЛИБ

Гӯш бар сози мавҷҳо дода,
Ман ба соҳил чу кӯҳ хомӯшам.
Баҳр чун тифли шӯхи чашмкабуд
Дасту по мезанад дар оғӯшам.

Гаҳ зи дасти хаёли шоириям
Осмонро чу боғ мебинам.
Бо дили соф ҳар як ахтарро
Чун гули зарду сурх мечинам.

Пуштаҳои кабуди соҳилҳо
Гоҳ чун ҷомаи баҳоронанд.
Баҳр майдони зӯрсанҷияст,
Мавҷҳо ҳамчу боксёронанд.

Офтоби ягонаи ҳақбин
Доваре дар миёни гардун аст.
Муштзанҳо ба ҳам дарафтода
Зӯр шоду заиф маҳзун аст!..

Довар аз нав ду кӯҳпайкарро
Рӯ ба рӯ дар канори майдон кард.
Бозии ин ду пили хашмолуд
Баҳри пуршӯрро ҳаросон кард!

Бо ҳама зарбу зӯри бозуҳо
Ба сару рӯи ҳам ҳамекӯбанд.

Ҳар ду дар пеши зӯри якдигар
Гоҳ ғолибу гоҳ мағлубанд...

Довари ҳақшиору равшандил
Ҳар дуро аз талош кард ҷудо...
Ҳар ду уммедвор буд, шояд,
Дасти ғолиби кӣ шавад боло!..

Дидаи бози ҳар тамошогар
Ҷониби дасти зӯр оин буд...
Дасти боло ягона дар ҳайкал
Пеши ҳар дида дасти Ленин буд!

## ДУ РӮБОҲ
## (Масал)

Рӯбаҳе аз тале гузар мекард,
Рӯбаҳи дигаре аён омад.
Рӯ ба рӯ омаданд, пиндорӣ,
Ҷамъ як себи ду кафон омад.

Ҳар ду монанд, он чунон монанд,
Ҳеҷ фарқе ба қадри холе не.
Сархаму пурсукут буд ҳар ду,
Ҳар ду ҳам аз хаёл холӣ не.

Ҳар ду якрангу яклиқо буданд,
Зардпӯшанду фӯкҳо моҷук,

Думҳо чун хиёри тухминанд,
Мӯйҳо тезу рост ҳамчун сӯк!

Бо як оҳангу як баму як зер
Ҳам ба як он салом бинмуданд.
Фукҳоро ба ҳамдигар бурда
Пурсупосу калом бинмуданд:

— Аз куҷо, аз куҷо, бародарҷон?
— Аз ту пурсам,
                    бародари ҷонӣ?
— Ман зи меҳмониям ба хона равон,
— Ман ба хона равон зи меҳмонӣ!

Хайрухуш кардаву ҷудо гаштанд,
Бо ҳамон як хаёлу як армон...
Тира шуд ақли осмони кабуд
Аз фиреби ду ҷонвари пурдон.

Ҳар ду бо як ният равон буданд,
Сӯи як боғ ҷазми мевахӯрӣ.
Мурғхона чу қисае метофт,
Дошт ҳарду хаёли кисабурӣ.

Ҳар ду аз дур якдигарро дид,
Ҳар ду ҳам ғел зад ба хокистар,
То ки нашносад ин яке ӯро,
Низ инро як он палиди дигар.

## ДИЛИ ДЕҲҚОН

Чу пайки нур пеш аз субҳи содиқ
Баромад деҳқон аз хонаи худ.
Ҳаворо дид — борониву тира,
Фишоре ёфт рӯи шонаи худ.

Саропо абр домон паҳн карда,
Ниҳон медошт рӯи осмонро,
Ту гӯӣ имтиҳон мекард гардун
Дили ин хокпоши кордонро.

Ба мисли пунбадона аз кафи абр
Фурӯ мерехт ҳар дам қатраборон...
Нигоҳи пирамарди кордида
Хати раҳ бурд сӯи пахтазорон...

Дилаш болид аз парвардаи хеш —
Саросар хок хандону шукуфта,
Ба зери рӯйпӯши дасти деҳқон
Замин осудаву бедор хуфта...

«Магар, — гуфто ба дил, — монам,
ки борон
Газанд орад ба кишту ҳосили ман.
Сари ман сабз аз саҳрои сабз аст,
Ниҳоле нест берун аз дили ман...

Манам дилдодаву ин кишту саҳро
Бувад пайваста ёру дилбари ман.
Хаёли минбари боло надорам,
Фарози кӯҳи пахта минбари ман...

Баногаҳ аз канори кӯҳсорон
Баромад офтоби оламро...
Дурахши тозае омад ба гардун,
Дигаргун ёфт авзои ҳаворо...

Хати ожангҳои рӯи деҳқон
Чу хатти нур омад пуршарора.
Надонам аз само ё аз рухи пир
Ба саҳро рехт дарёи ситора...

Ба як дам деҳқон гӯё ҷавон шуд,
Дилаш болид аз хуршеди тобон.
Раҳи саҳро гирифт он сон ки гӯӣ
Баҳори пурсафо ояд ба ёбон!

Дилаш болид чун марди музаффар,
Музаффар дар набарди барфу борон.
Музаффар бар ҳавои тираву тор,
Музаффар дар тамоми рӯзгорон!

## КӮЧАТ

Соҳибдиле зи ҳалқаи майхорагон бирафт.
З-ин боғ канд гӯиё нахлу ниҳоли хеш...
Бишнидаам, ки мекунад гоҳо ба эҳтироз
Изҳор аз надомату ранҷу малоли хеш...

...Аз ҷанги ҷоми бодаву аз сулҳи дӯстон
Ҷонам ба лаб расидаву дилгир гаштаам.
Завқе намонда дар дилам з-ин турфа маърака
Гӯё ба ҷои наврасӣ ман пир гаштаам.

Дигар дилам ба бодаи гулгун намеравад
Чун ман варо бихӯрдаму ӯ-вақти қиматам.
Хуршеди умри ман магар бар тори кӯҳ шуд,
Бо охирин сафои худ оё ғаниматам?!..

Дидам, ки дӯстони ман пайваста нозарур,
Чун барра вақти нақдро беҳуда мекушанд.
Аз мастиҳои ҳамдигар ҳушёр мешаванд,
В-аз бӯсаҳои бешарар дилгиру дилхушанд.

Дидам, ки баҳри «домоне», доман ба кас диҳанд,
Домони дил ба соғаре маҳзуз тар кунанд.
Аз бода не, зи бозии ин базму бурду бохт
Беҳуда дод гуфтаву шӯру шарар кунанд.

Дидам, ки дар само ба ҷуз Маҳтобу Офтоб,
Истораҳои ноаён камтар бимондааст,

Анбӯҳи абрҳои балоҷӯй мисли оҳ
Андар гулӯи давраи мо дарбимондааст.

Дидам, ки зиндагӣ дигар ҳамчун зани баноз,
Бо ишвае дили маро камшод мекунад.
Дар марзае, ки толиби кишту дарав будам,
Имрӯз панҷшохагар каҳ бод мекунад...

Гуфтам, — биё, ки дигарам вақти «нишот» нест,
Вақти «ҳаётро зи нишот об додан аст»
Як коса об хӯрдаву чун рӯд хестан
Як пора нур дидаву маҳтоб додан аст.

Ҳар лаҳза тунд меравад чун лаҳзаҳои умр,
Умре ки дар замони мо чандон дароз нест.
Бе бода гарчӣ нест нишоте ба базмҳо,
Маъзур, ки ба бодаам дигар ниёз нест...

Аз бода дил гирифтаам аз бодахор не,
Ман бо шумо ҳамешаам,
эй бодахорҳо,
Аз рангу ҷӯши бодаҳо ман завқ мебарам
Чун булбулони маст зи ранги баҳорҳо!

Гар об тунд хезаду боди мурод не,
Осудагӣ ба соҳилу дар пои лангар аст.
Гар бода боди сар шаваду сар диҳад ба бод,
Аз кулли тавба дар ҷаҳон ин тавба беҳтар аст.

# НИМИ ШАБ

Шаб ором асту гирду пеш хомӯш,
Ту, гӯӣ гулшани садранг хоб аст.
Гулеро мисли ҷон бигрифта оғӯш,
Дар он ҷо булбули дилтанг хоб аст.

Бунафша такя бар себарга дода,
Бароҳат дар канори ҷӯй хоб аст.
Ба болини пари қӯ сар ниҳода,
Қамар чун духтари хушрӯй хоб аст.

Тамоми кӯчаҳои суфтаву тахт
Ба ҳар сӯ сар ба сар бинҳода хобанд.
Арӯсони Ватан болида аз бахт,
Ба ёрони ба ҳам дилдода хобанд.

Намеомад на савти мурғи хушхон,
На оҳанги хуши ҷонбахши рӯде:
На ҳуштоки шамоли тезтайрон,
На як шарфа зи таҳриқи вуҷуде.

На чак-чак аз чакиданҳои шабнам,
На завқи хандаҳои ғунчаи тар.
Фақат аз дур меомад ба гӯшам
Садои аллагӯиҳои модар.

Намеомад на сози нои чӯпон
На овозе зи кӯҳи нуқрабарсар.
Фақат омад тамоми шаб ба як соз
Садои аллагӯиҳои модар.

## ОРЗУ

Маро бо хеш умре гуфтугӯест,
Ки умрам бастаи ҳар тори мӯест.
Ба зарби шона бинам мӯй резад,
Дилам музтар зи дасти шоначӯест.

Кунун дар домани гулзори ҳастӣ,
Ки ҳардам чун нафас гул мефурӯшам,
Хамӯш истодаам, фарёд дорам
Даруни синаи фарёдҷӯшам.

Чи фарёде, ки аз фарёди пасташ
Ба парвози баландам орзӯест,
Чи фарёде, ки аз шавқи баёнаш
Маро бо Маҳ хаёли гуфтугӯест.

Чи фарёде, ки орад бар хурӯшам —
Бароям нардбони Каҳкашонро.
Ба рақс оям ба сози чанги Зӯҳра,
Сароям маҳвашони осмонро.

Агар дастам расад,
В-аз дастам ояд,
Кашам аз чашмаи хуршед ҷӯе.
Барои ташнакомони заминӣ,
Ки маҳро дошта ҳамчун сабӯе.

Канам аз домани гулзори гардун
Гули ноҷойрасти ҳар ситора.
Нишонам ҳар якеро дар мақомаш,
Бар инам мекашад дасти ишора.

Нахустин нақши по монам дар олам
Ба рӯи зинаҳои осмонҳо.
Битобад аз фурӯғи нусрати ман
Замонам бар сари боми замонҳо.

Ба пои киштзори сабзи Парвин
Нишинам фориғ аз ғам,
                    хӯша чинам.
Ба ёди рӯи фарзандони хокӣ
Кашад аз доманам меҳри Заминам.

Зи дасти боғбони орзуям,
Маро ҳар дам ниҳоле дар нумӯест.
Ба ёди меваи шохи баландам
Маро бо хеш умре гуфтугӯест.

## КӮҲИ БУЛБУЛОН

Аз Бухоро бо дусад ранҷу азоб,
Дар дами пирии худ,
Рӯдакӣ баргашт сӯи Панҷрӯд,
Буд ҳамроҳаш суруд.

Омаду назди диёри хештан
Рӯди худро ҷӯр кард,
Рӯ ба сӯи ҳамдиёрони азиз
Нолаи пуршӯр кард,
Об гашта қалби кӯҳ аз нолааш
Зуд берун омадаст,
Ҳамчу рӯд он бо ҳазорон нағмаву
Савти мавзун омадаст,
Булбулон бишнида сози рӯдро
Дил ба савташ бастаанд,
Бо тавозӯъ бар сараш беихтиёр
Рафтаву биншастаанд,
Аз ҳамон дам номи кӯҳи Панҷрӯд
Булбулон гардидааст,
Оби кӯҳӣ шӯҳравар бо номи рӯд
Дар ҷаҳон гардидааст.

## ЗАРРЕЗАҲОИ ХАЁЛ

Шеъре, ки нахезад аз дили гарм,
Ногуфтаву носуруда беҳтар.
Ҳар гул,
ки шарики рангу бӯ нест,
Аз боғи ҷаҳон дуруда беҳтар.

❁ ❁ ❁

Дарде, ки давопазир бошад,
Дар синаи шоирон кам омад.
Он ҷо,
ки ба зар нишот ҷӯянд,
Дар синаи шоирон ғам омад.

❁ ❁ ❁

Даврони пур аз ҳаводиси мо,
Бо чархи фалак ситеза дорад.
Зиндони ҷаҳони номуросо
Ҳар рӯз дусад
гуреза дорад.

❁ ❁ ❁

Аз бодсарии бодсорон
Олам ҳама пур зи ҷангу ҷӯш аст.
Ҳар санги мазор нола дорад,
Ҳарчанд, ки дар назар хамӯш аст.

✿ ✿ ✿

Ҷоне, ки раҳи Ватан напӯяд,
Ҷуз бори зиёдатии тан нест.
Гар дар Ватанат Ватан наёбӣ,
Ҳар ҷо, ки Ватан кунӣ,
Ватан нест.

✿ ✿ ✿

Хокистари оташе, ки хуфтаст,
Бедор кунаш, ки ахгаре дошт.
Берун зи ҳисори тан нарафтӣ,
Ин қалъа ба ҳар тараф даре дошт.

## КИТОБИ ТУСТ ДАР ДАСТАМ

Хаёлам мебарад,
Худро ба назди остони посбондорат
Чу дузди беҳунар ночор мебинам,
Саропо чашм мегардам,
ба занҷири хамӯши дар
Ба уммеди садое зор мебинам,
Ки чашмони гурезоҳанги сомонсӯз,
Кулоҳи мӯи бо ҳар зеб зебомӯз,
Рухи дар чашмаи хуршед таркарда,
Қаду басти ду лимӯ пеши бар карда,
Бароянд аз дару бинанд акси хешро дар ман,
Ки ман чун оина,

Оинаи ҳусну ҷамоли ту
Лаби раҳ чун ҷавоб истодаам
бо ҳар саволи ту...
Ҷавоби ман на дар зӯриву зар буд,
Ҷавобам ғунчаи боғи ҳунар буд.
Ҳунар дар чашми серам буд,
дар қалби далерам буд,
Ҳунар дар ғайратам, дар ғайрати монанди
шерам буд.
Ҳунар дар ҷилваҳои субҳи фардои кабирам буд.
Ҳунар дар тори ҳар мӯи сафеди мисли ширам буд.
Ҳунар дар шӯълаи сӯзи ҷигар буд,
Вале ин шӯъла оё беасар буд,
Ки не занҷири дар ҷунбид,
не шохи шаҷар ҷунбид,
На он абрӯи чун боли парасту
дар назар ҷунбид,
Дилам навмед шуд,
дар қабзи ишқи пуршарар ҷунбид.
Ҳунар дар дидаам тарзи дигар ҷунбид —
Ҳунар дониста будам ишқи покамро,
Шарори сӯзи қалби чок-чокамро,
Валекин роҳи дил роҳи дигар будаст,
Дар ин ҷода ҳунар ҳам беҳунар будаст...
Ҳунар буд ишқи ман, оре ҳунар буд.
Ҳунар буду ҳунарро хор кардам
Ба назди остони ту,
Ба чашми посбони ту,

Ҳунарро хор кардам, дар гулистони ту афкандам,
Ки дар поят халад,
бигзор, бо нафрин
Маро боре
Ба ёд орӣ!..
Хаёлам мебарад,
Худро ба назди остонат зор мебинам,
Зи нав бар хеш меоям,
Ки мебинам чу бар қасдам
Китоби туст дар дастам!

## ҚИССАИ ГУНҶИШКИ БАЛАНДПАРВОЗ

Дар фазо чун абрҳои даргузар
Паҳн шуд байни уқобон ин хабар:
«Дар замин дар пардабоми хонае
Бас аҷиб гунҷишк дорад лонае.

Нӯлу думу почаку болаш аҷиб,
Дона-дона дар қанот холаш аҷиб,
Дар гулӯ марҷони хушрангаш аҷиб,
Чашмакони зираки тангаш аҷиб.

Дар фазо парвоз карданҳош хуб,
Дар замин бо пой ҷастанҳош хуб.
Боз ин гунҷишкаки зебоякак
Он чунон будаст ҳам донoякак.

Кӣ чӣ сон бозе, ки орад хонааш,
Бо ҳамон оҳанги гунҷишконааш
Савти шӯх эҷод мекардаст, он
Бозҳоро шод мекардаст он...

Бозро гар ғам асар мекардааст,
Зуд чумчуқро хабар мекардааст,
То ки бо он савти шӯхаш бозро
Аз ғами ҷонкоҳ бинмояд раҳо...

Қисса кӯтаҳ дар миёни чумчуқон
Ғамбарори пурҳунар будаст он...»
Ин хабарро бар уқобон як пагоҳ
Бурд уқобе, ки аз ин гунҷишки мо

Як кафак арзан зиёфат дида буд
Ҳам зиёда иззу ҳурмат дида буд,
Чун шунид шоҳи уқобон ин хабар,
Гуфт: Рав, наздам биёраш зудтар.

То ки дар дамҳои ғампарварди мо
Созад аз чанголи ғам моро раҳо.
Дар ҷаҳон дигар дами беғам занем.
Коҳи ғамро аз бунаш барҳам занем...

Зуд ин фармон ба ҷо оварда шуд,
Резасанге бар ҳаво оварда шуд.
Буд он гунҷишк ҳамчун резасанг,
Дар фазо маҳфуз уқоберо ба чанг...

Бахти гунҷишк ин тариқа боз шуд,
Чун уқоби кӯҳ дар парвоз шуд,
Муддате гунҷишк аз ин бахти баланд
Ҳеҷ бозеро намекардӣ писанд...

Ногаҳон рӯзе шамоли сахт хест,
Риштаи пайванди гунҷишкак гусист.
Чун набуд болаш ба парвози баланд
Аз баландӣ бод он сонаш фиканд —

Зад ба нӯки шохаву якмарг шуд,
Пас зи шох он канда ҳамчун барг шуд...

## X X X

Хиради хеш бар ин қисса давон,
Эй ки бигрифта чунин номи баланд,
Чун лаби боми баланд аст ин ном,
Хавфнок аст лаби боми баланд.
Бол соз аз хираду дониши хеш,
Ки ба парвози баландат орад,
Ана, он вақт туро чун писараш
Моми айём ба каф бардорад!

## ТУРО МАН ЁФТАМ, ЭЙ ГУЛ

Туро дар соҳили гулзори дарё дида будам ман,
Ба ранги буттаи садбарги танҳо дида будам ман,

Зи байни дилбарон, болобаландон,
тозарухсорон
Туро зебою боло дида будам ман!

Ту механдидиву аз хок гул сӯи ту сар мезад,
Ба саҳро лола бо ёди ту доғе дар ҷигар мезад,
Сарпо чашм будам бар тамошоят,
дили зорам
Ба уммеди висолат болупар мезад.

Зи мавҷи хандаат ҳар мавҷ бар соҳил хурӯшон буд,
Дилат аз давлати ҳусну ҷавонӣ рӯди ҷӯшон буд.
Само рангинкамон месохт ҳамчун ҳалқаи гӯшат,
Замин чун растаҳои гулфурӯшон буд...

Ба худ то омадам, якбора аз чашмам, ниҳон гаштӣ,
Магар моҳӣ шудӣ, дар об рафтӣ, ноаён гаштӣ,
Ва ё кабки дарӣ будӣ,
ки баъди обхӯрданҳо
Сабукпарвоз сӯи ошён гаштӣ!..

Туро чун марҳами реши дилам мекофтам, эй гул,
Ба ёдат ҳар тараф дому дарак партофтам, эй гул,
Пас аз умре такопӯҳо туро дар домани субҳе
Чу хуршеди мунаввар ёфтам, эй гул!

Фидои ҳалқаи чашми сиёҳи пурхаёли ту,
Фидои абрувони доимо ҳамчун ҳилоли ту,

Фидои орази монанди себи сурхи хубонӣ,
Фидои хоки пои ту, ҷамоли ту.

Марав дигар, азизи ман, нишин чун дил
ба паҳлӯям,
Нишин то зулфи ҷонбахши туро ман сертар бӯям.
Зи лаълат ганҷ бардорам, зи чашмат
бода ошомам,
Зи дастони муҳаббат ҳарфи нав гӯям.
Дигар ҳамчун шарики умр доим дар канорам бош,
Ба ҳар сурат маломат кун, валекин
ғамгусорам бош.

Туро бахшидаам ҷону диламро, ихтиёрамро,
Биё ҳамчун нафас дар ихтиёрам бош!

## БИДЕҲ, ЭЙ МАВҶ, ДАСТАШРО...

Сафои офтобу оби нарми баҳр чун марҳам
Ҳаловат медиҳад танро, навозиш мекунад ҷонро.
Парӯ хуфта баробар марду зан осуда, беташвиш,
Ғанимат ёфта аз абр берун меҳри тобонро...

Ба дарё мавҷ мекӯшад, ба соҳил халқ меҷӯшад,
Канори баҳр орузору орухонаро монад,
Ба ҳам омехта танҳо бараҳна мардумон ҳар сӯ,
Ғиреви обу одам олами афсонаро монад!

Паранди обро дасте ба соҳил мекашад гӯё —
«Тани урёни зан пӯшида беҳтар аз нигоҳи халқ»,
Талоши мавҷҳо уммед бахшад баҳри танҳоро,
Амонёб аст ҳар танҳо,
ки бошад дар паноҳи халқ!

Бурун аз баҳр, ғарқи баҳри нопайдоканори фикр,
Нишаста сарфиканда марди бедастеву бепое,
Намедонам чиҳо мехонад аз хатти ҷабини баҳр,
Гаҳе пинҳон шавад дар хеш, гоҳ аз хеш пайдое.

Фишор оварда гӯё бар сари ӯ бори вазнине,
Хамида чун дарахти зери харсанге сари дӯшаш...
Бидеҳ, эй мавҷ, дасташро, барор, эй баҳр,
пояшро,
Ки ишқи оббозӣ метапад чун дил дар оғӯшаш.

Ҷароҳат ҷӯяҳо дорад ба ҳарду рӯю пешониш,
Танаш як пора кишти ҳар тараф садчоку
барчок аст,
Нигоҳи кӯдакон ҳайрону чашми осмон ҳайрон,
Ки ӯ ҳам хокзода ё ки ҷаври зодаи хок аст?

Нигоҳаш аз нигоҳи мардуми бедард мелағзад,
Ба бар сепояаш чун гунги модарзод ҳайрон аст.
Ба болои сараш хуршед ҳамчун қатраашке пок
Зи мижгони сиёҳи абр ларзону авезон аст.

Насим аз раҳм бар мӯи сафедаш мезанад шона,
Суруди бахр ӯро мебарад бар ёди ҷонбозеш...
Ба чашмам мавҷ ҳамчун
танки душман мекунад ҳамла...
Дигар чизе надорад ёд, ҷуз вақти сарафрозеш...

Варо рӯзи зафар бардошта ёраш миёни халқ
Ба ин сурат ба ҷони зиндааш шукрона меовард,
Мисоли кӯзаи бишкаста гӯё аз лаби дарё,
Раҳорах об резонда ба сӯи хона меовард!..

Баромад офтоб аз абр ҳамчун оразй ёраш,
Ба фарқаш аз нахи меҳру садоқат нур мересад,
Забонро бо навозиш мебарорад бахр сӯи ӯ
Паи захми ду рони муттаашро пок мелесад...

❁ ❁ ❁

Дасти наққоши табиатро нигар,
Кӯҳро гӯё ки ҳайкал сохтаст,
Дар канори деҳаи хушманзара
Қоматаш афрохтаст.
Барф чун мӯи сафеде бар сараш,
Деҳаи гулзор чун домони ӯ,
Дар сари кӯҳ аст тобон чашмае,
Ҳамчунон чашмони ӯ.
Дар бари худ рӯди кӯҳиро чу рӯд
Доштасту нағмасозӣ мекунад,
Дар ҳавояш сабзаҳои гирди рӯд
Рақсу бозӣ мекунад.

❁ ❁ ❁

Шеърест дилам, ки гуфтанӣ нест,
Ҳам зӯри варо нуҳуфтанӣ нест.
Аз роҳ чи сон гузар намоям,
Ин дидаи боз хуфтанӣ нест!

Хомӯш даруни синаи ман
Фарёди ҳазорсола дорад.
Ҳар лаҳза барои гуфтани хеш
Аз домани ман кашола дорад.

Аз гуфтани он ҳарос дорам,
Ногуфтани он?! Маро чи ҳаддест!
Андар сари ин хаёл чун баҳр,
Дар сина ҳамеша ҷазру маддест!

То чанд ба ҳар куҷо зи дасташ
Аз хеш ҳамеша мегурезам?!
То чанд ба ёди гуфтани ӯ
Ман бо дили хеш меситезам?!

Ин субҳ варо ба мисли пайкон
Гуфтам — зи камон раҳо намоям.
Дидам,
ки гиреҳи укдаамро
Ҳоло ба ҳунар намекушоям:

Аз нав ба раҳи хаёл рафтам —
Ё ғунчаи ман шукуфтанӣ нест?
Ё худ зи азал,
                    ба қисмати ман
Шеърест дилам, ки гуфтанӣ нест!

✿ ✿ ✿

Даъвои шеъру шоирӣ ҳаргиз накардаам,
Аммо ба кори ин амал чандон нишастаам —
Бархостан зи ёди ман гӯё, ки рафтааст,
Пайванди шуғли ғайр ҳам аз дил гусастаам.

З-он ҷо, ки шеър гуфтаву дигар ба зиндагӣ
Не дона коштам ману не хона сохтам,
Ҷуз ранҷи шабнишинию ҷуз дилшикастагӣ,
Дигар ҳар он чи буд, дар ин бозӣ бохтам.

Дигар ба ҷуз таронаи дилҳои размсоз
Аз киштзори умри ман бори дигар махоҳ.
Ҷавлонгаҳам намонда ба ҷуз сайдгоҳи шеър,
Аз ман шикоргоҳу шикори дигар махоҳ!

Дигар ҷаҳон, ба чашми ман,
                    ҷуз минбари сухан
Сайронгаҳе ба сурати як боғ беш нест.
Бо ёди шеър рафтаам аз ёди дӯстон,
Бегонатар барои ман дигар зи хеш нест...

Аммо арӯси шеър аз он бар сало диҳад,
То бигзарам зи обу ба ӯ ҳамсарӣ кунам.
Дарёст пурталотуму дур аст соҳилаш,
Бо мавҷхези ҳодиса чун ҳамбарӣ кунам!

Чун меҳри ӯст дар дилам бо ёди васли ӯ
Худро ба мавҷи баҳр чу киштӣ раҳо диҳам.
Ё мерасам ба соҳилаш ё ғарқ мешавам,
Аз бурду бохт оқибат рӯзе садо диҳам!

* * *

Имшабам боз дарди бехобӣ
Бистари нармро чу сандон кард,
Дафтари рӯзҳои гумшударо
Дил ба ёдат саҳифагардон кард...

Боз худро дар интизори ту
Мисли мӯ дар аловдон дидам.
Моҳи навро чу завраќи холӣ
Рӯи дарёи осмон дидам.

Ҳама ҳар сӯ ба майлу матлаби худ
Аз пасу пеши ман гузар мекард.
Ҳар касе мегузашт, дар назарам,
Лаҳзаҳоро дароздар мекард.

Такя дода ба нахли гӯшаи роҳ
Бо ҳама чашм роҳпо будам.
Дар замину замон ба савдоят
Аз замину замон ҷудо будам.

Омадӣ, омадию дар чашмам
Осмону замин дигаргун тофт.
Сангу чӯб аз садоқатат мегуфт,
Моҳи нав пур шуду зи гардун тофт.

Омадӣ мисли ҷони рафтаи ман,
Атласи шомханд-пераҳанат.
Сурати сад чаман ба домонат,
Накҳати сад баҳор дар баданат!

Бахт аз чашмҳои хандонат
Сӯи ман хандаи аён мекард...
Ман чи донам ба шоҳроҳи ҳаёт
Боз ишқат чи имтиҳон мекард...

Кош донам, чи имтиҳоне буд,
Гарчи ҳаргиз аз он намегузарам...
Ҳайфи айёми ишқварзиҳо,
Ҳайфи он киштҳои бесамарам...

Мо ҷудоем мисли ду соҳил,
Рӯди Вақт аз миёна мегузарад...
Ошиқи дигаре ба навбати худ
Бо суруду тарона мегузарад!

❁ ❁ ❁

Бигзашт, ҳар он чи буд, бигзашт,
Сурху сияҳу кабуд бигзашт.
Ҳар оҳ, ки буд дар дили мо
Аз мӯрии дил чу дуд бигзашт.

Баҳ-баҳ чӣ замони хуррам омад,
Осоиши ҷони одам омад.
Урдуи ситам ба он сафи беш
Пеши сафи Сулҳ бас кам омад.

Дунё дили нокасон набудаст,
Дарё амали хасон набудаст.
Осоиши зиндагии инсон
Дар серии обу дон набудаст.

Одам ба навозиш оз будаст,
Бо ёди ҳамин намоз будаст.
Бешу ками умри одамизод
Аз дасти каму дароз будаст!

Ёрон, ба замона соз гиред,
Шаҳроҳи талаб дароз гиред.
Дар ҷустани дил ниёз оред,
Дигар ҳама бе ниёз гиред.

Нӯшед, Ватан чу «нӯш» гӯяд,
Кӯшед, агар ки кӯш гӯяд.

Ҷӯшед дар оташи замона
То умр: — дигар «хамӯш» гӯяд!

Хезед, ки вақти ҳушёрист,
Айёми ба дӯст ҷонсупорист.
Нӯшидану хӯрдану ғунудан
Бе шӯру шааф чӣ хору зорист!

✿ ✿ ✿

Салои обшорон чун садои даъвати модар
Маро пайваста бар кӯҳсор мехонад,
Вале андешае чун дӯст ё душман намедонам,
Ҳамеша дар миён девор мемонад...

Сарамро гираму берун кашам аз шаҳр рахтамро,
Ҳавои ҷойгардонӣ чӣ сон созад дарахтамро?!
Дар ин мизони савдо мениҳам доим
Сари чун санг сахтамро.

Чӣ хоҳад шуд?
Чӣ мегӯянд? —
Агар рӯзе равам дар кӯҳсорон
пайраҳи кори дигар гирам,
Ба мисли қуллаҳо бедор хобам,
то ки аввалбор
Ба каф оҳордода домани поки саҳар гирам.

Уқобонро сано гӯям —
Ки аз парвозгоҳи худ
фуруд асло намеоянд,
Ба даври ошёни хеш месӯзанду месозанд,
Ба ҷаври осмони хеш чун кӯҳсор мепоянд.
Ба рӯи сангҳо мисли ғизолон бехалал хобам,
Нишоти умрро аз обшори хушнаво ёбам.
Барои духтари кӯҳӣ суруди тозае бандам,
Зи қаъри чашмасорони ҷарангосӣ
Барои мелааш санги сафеди мӯйкаш кобам...

Худоро, ман чи мехоҳам, чӣ мегӯям,
Ва ё аз хоки умр аз нав ба мисли сабза мерӯям?!
Ва ё фарзанди кӯҳам ман, ба ёди зодгоҳи хеш
Ҳамеша дар такопӯям?!
Ва ё ёди падар,
Ёди ягона модари пирам,
Ду мирзои қаламрон аввалин дар лавҳи тақдирам,
Маро аз худ бадар бурданд то ранги дигар
бигрифт.
Варақ аз килки тасвирам?!
Салои обшорон чун садои даъвати модар
Маро пайваста бар кӯҳсор мехонад,
Вале андешае чун дӯст ё душман, намедонам,
Ҳамеша дар миён девор мемонад!

# МАН ҒАМ ХӮРАМ ОН ДАМ...

*«Бeғамӣ айби бузургест, ки дур аз мо бод!»*
***(Жола)***

Ғам нест ҳар он ғам,
ки зи суду тамае хост,
Ғам нест ҳар он ғам, ки на
дар роҳи нишот аст.
Ғам мехурадаш, он ки надорад каси ғамхор,
Ғамхор набудан ба ҷаҳон марги ҳаёт аст.

Ман ғам нахӯрам, аз паи дунёю бисоташ,
Дунёю бисоташ, ки баробар ба ғаме нест.
Ман ғам хӯрам он дам,
ки ҳама беғаму дарданд,
Дар сина маро зӯртар аз ин аламе нест.

Ман ғам хӯрам он лаҳза бубинам, ки ҳунарро
Сарриштаи қисмат ба кафи беҳунарон аст.
Парво накунад гар писаре аз падари хеш,
Худ қиблаи дил гарчи мазори падарон аст.

Ман ғам хӯрам он лаҳза бубинам, ки бузурге
Бе ҳеҷ бузургӣ ба сари кори бузург аст.
Дар сурати чӯпон бикунад ҷилвафурӯшӣ
Дар кору амал нусхаи якрангаи гург аст.

Ман ғам хӯрам он дам ки ба кӯҳсор бубинам
Як санг шавад ҷар, бикашад санги дигарро.
Фарзанд агар, бо дили худ, нохалафӣ кард,
Пурдоғ кунанд аз ҳама ҷо номи падарро.

Ман ғам нахӯрам з-он ки маро нест паноҳе
Ман ғам нахӯрам з-он ки надорам пули бисёр.
Ман ғам хӯрам аз беғамии мардуми беғам,
Ман ғам хӯрам аз беғамии мардуми беор!

❁ ❁ ❁

Як ҷуфт нигоҳи ошиқона
Ногоҳ ба духтаре шарар зад.
Ларзид танаш чунон ки сарве
Дар роҳи шамол болу пар зад.

Духтар ба тамоми орзуҳо
Аз ишқ ба сина сохт хона.
Он сон, ки ба шохи буттаи гул
Булбул бигузошт ошёна.

Обе ки равона буд ҳамвор,
Туғён бигирифту шӯру шар кард.
Чашме ки асири хоб мешуд,
Ахтар шуду шомро саҳар кард...

Бархост зи бистар аз сари субҳ
Бикшод тирезаро ба рӯяш.
Он ҷуфти нигоҳи пок, шояд,
Аз боғ расад ба ҷустуҷӯяш.

Бикшод тирезаро калонтар,
Ёзонд сару қаду назар кард.
Барчид нигаҳ зи боғ бо тарс
Андеша зи сулфаи падар кард...

Ӯро паси дар ду чашми муштоқ
Бесабру қарор интизор аст.
Гулғунчаи тозарас ба уммед
Рӯ ҷониби аввалин баҳор аст.

Эй ҷуфти кабӯтарони навбол,
Якбома шаведу якзабона...
Минқори кабӯтари дубома
Чандон нарасад ба обу дона...

Хоҳам, ки ба сӯи хонаи ту
Ҳаргиз ғаму дард раҳ наёбад,
Бому дари ту ба тораки сар
Ҷуз шамсу қамар кулаҳ наёбад.

Аммо чи кунам, ки зиндагонӣ
Ҳар лаҳза ҳазор ранг гирад.
Дасте ки туро навохт рӯзе,
Рӯзе бишавад, ки санг гирад.

З-ин рӯй ҳамеша буд бояд
Омодаи базму разми тақдир...
Дар базм мисоли дастагул бош,
Дар разм — камону тиру шамшер...

❁ ❁ ❁

Писарам, шамъи шабам, Хуршедам,
Гарчи худ дар талаби андарзам,
Чанд андарз бигир аз падарат,
То ки нодода намонад қарзам.

Даври ту бар асари тинҷии худ
Аҳди афзудани одам шудааст.
Иддае гарчи ҳамеандешанд,
Одамият чи басо кам шудааст.

Зумрае бофтаанд афсона,
Ки ҷавонон ҳама расво шудаанд.
Ба сафи ҷамъияту дар дили хеш
Бесару бераҳу танҳо шудаанд.

Серию пурӣ асар карда чунон,
Написанданд замони беҳиро.
Одамӣ қобили фарбеҳӣ нест,
Меш танҳо бикашад фарбеҳиро...

Нек бингар ба ҳама, ҷони падар,
Ин ҳама бофтаю сохтааст.
Дон ки дар селаи мурғони баҳор
Сочи бадкор ва ҳам фохта аст.

Дон ки наврӯз ба он атторӣ
Дар бағал бӯинаке ҳам дорад.
Гоҳ аз абри гуҳаррези баҳор
Жолаи пурзараре мебораад.

Дон ки аз насл ба насл одамизод
Ба ҳалолу ба ҳаром омадааст.
Нотамом аст гаҳе дар идрок,
Чунки бе умри тамом омадааст.

Ҳама ҷо дар сифати деҳқон бош,
Ҳамаро чош намо, посира кун.
Хасу хошок ба ҳолаш бисупор,
Гандуми нуқл, писарҷон, сара кун!

✿ ✿ ✿

Шаби тӯи дилафрӯзи арӯсӣ
Ману ту ҳар ду танҳо менишастем.
Қадаҳҳо мешикастанду зи дидор
Ману ту ҳарду армон мешикастем.

Зи чашми тӯйбозон, тӯйдорон
Ману ту хешро дуздида будем.

Аз он шаб ҳарчи гуфтанду шуниданд,
Ману ту як сухан нашнида будем.

Сурохӣ нима гашту ҷом холӣ,
Дили мо аз фараҳ лабрезтар шуд.
Дилат ҷавлонгаҳе озодтар хост,
Нигоҳи ту гурезон сӯи дар шуд.

Бадар рафтем мо аз тӯйхона,
Касе огаҳ нашуд аз тӯйдорон.
...Ду гулро гар рабуданд аз баҳоре,
Накоҳад рангу ҳусни навбаҳорон.

Замин зери ҳарири барф хуфта,
Ҳазорон нақшу пай дар ӯ нуҳуфта.
Зи гулҳои ҷаҳон он шаб дар олам
Гули рӯи ту буд танҳо шукуфта.

Равон дар роҳ дӯшодӯш будем,
Гаҳе истода ҳамогӯш будем.
Канори роҳ дар паҳлуи нахле
Сарат рӯи дилам, хомӯш будем.

Намонд аз нахлу атрофаш нишоне,
Биное шуд, дар он ҷо манзили ман,
Зи умри рафта, бинам, монда барҷо
Ҳамон нахлу ҳамон шаб дар дили ман!

❁ ❁ ❁

Ташнаи рӯди ҳаётам, ки равон аст, равон...
Ҳар саҳар кӯзаи худ бар лаби он бигзорам,
Ҳар сафар аз дили ман мегузарад мавҷи хаёл,
Кӯза то кай зи лаби об саломат орам?!

Ҳар қадам пойзану кӯзашикан санг бувад,
Гарчӣ омӯхта бо санг кафи пои ман аст,
Лек азбаски дар ин роҳ гаҳе танҳоям,
Душмани ҳамсафарам дар тани танҳои ман аст.

Ҳар саҳар кӯза пур аз об кунам,
баргардам,
Сари ҳар санг дусад бор тааммул бикунам,
Гарчи дар роҳ басе хор ба по мехаладам,
Чеҳра дигар накунам, ханда кунам, гул бикунам!

Гарчи бигрифта камин монеаву ҳодисаҳо,
Ман ба тадбири хирад монеаҳоро шиканам.
Бо ҷадал пеш равам,
панд ба оянда барам,
Ки ман ин дарс биомӯхтаам аз Ватанам!

Гарчи гӯянд ҳама шодиву ғам бар сари ту
Аз азал номаи тасдиқи қазову қадар аст,
Нест анҷум, ки битобад ба сарат, балки бувад
Сангборони фалак, ки ҳама шаб пурхатар аст.

Гарчи гӯянд дар айёми фалакпарвозӣ
Дар замин умри заминию замин кӯтоҳ аст.
Аз фалак ҳодисае мерасад охир, ки ҳанӯз
Аз ниҳонхонаи худ рафта бурун,
дар роҳ аст...

Одамизод ситода ба сари роҳи хатар,
Мешавад сард дигар гармии ҳар бозораш,
Ин замин кӯҳнабиноест, бар он такя макун,
«Бохабар бош, ки сар мешиканад девораш»...

Ин ҳама мисли ҳубобест ба дарёи ҳаёт,
Ин ҳама бори хаёли назари кӯтоҳ аст,
Ман аминам, ки дусад моҳ барояд ба шабе,
Шаби кӯтаҳназару тирадилон бемоҳ аст.

Ман аминам, ки башар гарчӣ барӣ нест зи шарр,
Хайрро байраҷи болои сари хеш кунад.
Ҳамадам дар талаби сулҳу сафо буд башар,
Ҳамаҷо хукм ба нобуди бадандеш кунад.

Хокдон тирасароест ба ҳар тирадиле
Осмон танг ба чашму дили кӯтаҳназарон.
Ман, чу дилбохтаи сабзаи домони замин,
Ташнаи рӯди ҳаётам, ки равон аст, равон...

# ҒАЗАЛҲО

❁ ❁ ❁

Зиндагӣ аз неку бад ҳар дам паёме доштаст,
Субҳдам хамёзаи ҳасрат зи шоме доштаст.
Аз бари вайронаҳо гар бигзарӣ, оҳиста бош,
Як замон ин гӯша ҳам девору боме доштаст.
Чашмро пӯшида магзар аз сари лавҳи мазор,
Хомӯшиҳои азизон бас каломе доштаст.
Нестам ҳаргиз малӯл аз гиряи абри баҳор,
Чун зи лабханди ҳазорон гул пайме доштаст.
Пухтамағзон сохтанд аз марг бомби нейтрон,
Пухтагиҳо оқибат бингар чӣ хомӣ доштаст.
Шуд замин аз нохалафтифлон басе хоку туроб,
То ҳанӯз ин мом фарзанди ҳаромӣ доштаст.
Ҳарчи аз дил коштанд аз гил ҳамон бардоштанд,
Хок ҳам дар сина пинҳон интиқоме доштаст.
Матлаб аз назм аст моро кор дар назми ҷаҳон,
Бо ҳама печидагӣ шоир низоме доштаст.

❁ ❁ ❁

Меҳрӯрад бар санг аз дарёдилӣ сарҳои мо
Гарчи камтар нест гавҳар дар дили дарёи мо.

Синаи мо реш мегардад зи ҳар кас пештар,
Шеване хезад агар аз гӯшаи дунёи мо.
Бар ғариқон аз сухан созем киштии наҷот,
Нест боке, гар надорад ҳеҷ кас парвои мо!
Дӯши мо гар хам шавад аз бори тақдири замин,
Ғайри сарборӣ чи бошад осмон болои мо?!
Фитрати мардони нобиғ то намегардад асо,
Пой дар як нуқта кӯбад асри нобинои мо.
Байзаи хуршед чун шуд зери боли осмон,
Мешавад моро муайян ҷӯҷаи фардои мо.
Чашми дил дорему илми ғайбдонӣ мекунем,
Варна ду чашмаст танҳо дар сари танҳои мо...
Гар хаёли тирае равшан нагардад аз сухан
Баста беҳтар ин дукону ин сару савдои мо!

✿ ✿ ✿

Рӯдаму баҳри дамонам орзӯст,
Деҳае хурдам, ҷаҳонам орзуст.
Гар ниҳоли навбарам дар бӯстон,
Лутфи чашми боғбонам орзуст.
Чун шавам ҳампанҷаи бозуи ишқ
Кудрати шери жаёнам орзуст,
Зиндагонӣ лаҳзае гар беш нест,
Лаҳзае ороми ҷонам орзуст.
Дар ҷаҳон аз содагиҳои ҷаҳон
Содагиҳои баёнам орзуст.
Марди роҳам, тӯшаи роҳи сафар,
Дар камар теғи забонам орзуст.

Гул нарӯяд дар Замин аз оби чашм,
Оби чашми осмонам орзуст.
То кушоям чашм бар хоки Ватан,
Зиракии посбонам орзуст.
Меҳрубониҳои ёрам мекушад,
Дилбари номеҳрубонам орзуст.
Нашнавам, гар паст мегӯӣ сухан,
Ҳиммати гӯши гаронам орзуст,
Заррае дар зиндагӣ навмед нест,
Ончи дар ман нест, онам орзуст.

❁ ❁ ❁

Эй Замчруд, рӯдаки чун замч поки ман,
Сарве зи ишқ дар барат сар зад зи хоки ман.
Гулдухтаре, ки бӯсае нокарда модараш,
Бо ғамза чок зад ба дили чок-чоки ман.
Ӯ масти хусну бехабар аз он ки рӯзу шаб
Дунболи ӯ ҳамедавад ҷони ҳалоки ман.
Танпарварон баишратанд аз хӯрду хобҳо,
Ман ошиқам, муҳаббат аст обу хуроки ман.
Чун навда дар чинори раҳаш рустаам, ки ӯ
Шояд гаҳи гузар нигарад бар ситоки ман.
Ӯ бениёз бигзарад, ҳар сӯ, ки меравад,
Афзуда дарди синаи бас дардноки ман.
Ишқаш ба ҷонам ончунон пайванд гаштааст,
З-ин пас ба ғайри ишқ насабзад зи токи ман.
Баъд аз вафот бишкуфам дар боғи зиндагӣ,
Ин гул агар гуле ниҳад рӯи мағоки ман.

❁ ❁ ❁

Осмон чашми фитнабоз афтод,
Хокдон дар раҳи ниёз афтод.
То ба манзил расем ё нарасем,
Риштаи роҳи мо дароз афтод.
Дарки ҳақ дар замона душвор аст,
Ақли мо тифли хокбоз афтод.
Ҳар кӣ худро насохт қиблаи худ,
Ҷониби қибла бо намоз афтод.
Расанандоз дар расан печад,
Аз сари дор дорбоз афтод.
Гашт ранги кумош душмани ӯ,
Ҳар куҷо дар даҳони гоз афтод!
«Ҳиндухоле» ду шаҳри моро бурд,
Хуни мо мавҷи турктоз афтод!
Зиндагӣ бешаест пурдаду дом,
Беш дар дом домсоз афтод.
Вой бар ҳоли оҳуе ташна
К-аз паи об бо гуроз афтод!
Ростдилро кулоҳ гарчи каҷ аст,
Аз раҳи каҷ ба эҳтироз афтод!

❁ ❁ ❁

Сафои чашми дилам шуд сафои хонаи рӯд,
Садои рӯҳнавозам бувад таронаи рӯд.
Ҷаҳон фусуну фасон аст, ман намегирам
Ҳама фасонаи дунё ба як фасонаи рӯд.

Ситорагон чу арӯсон ситора мебинанд,
Ба сад карашма дар оинаи шабонаи рӯд.
Чаро кунам ҳаваси тахти остони баланд,
Ки тахти ман шуда ҳар санги остонаи рӯд.
Барои рӯд ба таъзим ҳамида шохи дарахт,
Ки баргу бор гирифт ӯ зи обу донаи рӯд.
Ниҳолаке битавонад дарид синаи шах
Ки машқ медиҳадаш азми Рустамонаи рӯд!
Фиғони об ба гӯши дилам ҳамегӯяд —
Раҳи гарон гарон намуда бори шонаи рӯд.
Ба рони санг заданҳои обшор ба зарб
Ба ҷилва орадам аз аспу тозиёнаи рӯд!
Нишони рӯҳи равон дар равонии рӯд аст,
Равони тоза бихоҳӣ, бигир нишонаи рӯд!
Ба сангу хоки Ватан дарси ошиқӣ гиред
Зи хокбӯсии ҳамвори ошиқонаи рӯд!

❁ ❁ ❁

То риштаи наззора бар он зулф бубастем,
Сад тавба, ки буд баста ба як дид шикастем.
Шабҳо ҳадиси чашми ту дар маҳфили анҷум
Гуфтему шунуфтему нахуфтему нишастем.
То банди сари зулфи ту шуд гардани дилҳо,
Мо риштаи фикри дигар аз пой гусастем.
То соят, эй сарв, биафтад ба сари мо,
Бас ҷону дили хаста дар ин бодия ҳастем.
Дар баҳри ту бишкаст дилу бештар аз пеш,
Уммед бар ин заврақи бишкаста бубастем.

Як дам зи рухи поки ту мо чашм напӯшем,
Дар роҳи вафо тавъами хуршедпарастем.
Чун ҷазру мади баҳри ҳаёт арчи ба айём
Гаҳ авҷ гирифтему гаҳе паст нишастем.
Чун сарви қадат ростӣ кардем, ки аз рост
Як риштаи раҳ бар дари Хуршед бубастем.

✿ ✿ ✿

Мастам аз ҷоми нигоҳат бидеҳам ҷоми дигар,
Дили он нест, ки бинам шавад он коми дигар.
Хандақи наргиси ваҳшии ту ҷон аст маро,
Маргам он рӯз, ки он оҳу шавад роми дигар.
Гуфта будӣ, ки дигар ёд зи номат накунам,
Чӣ кунам ман, ки наёмӯхтаам номи дигар.
Мурғи дил дид магар лаззати он донаи хол,
Ки надорад назаре сӯи лаби боми дигар.
Пухтаи оташи ишқат нашудам, то нашудам
Огаҳ аз ҳоли дили сӯхтаи хоми дигар.
Аз ҳамон рӯз, ки номат ба дилам нақш гузошт,
Шуста шуд дафтари мо аз ҳамаи номи дигар.
Дар раҳи ишқ вафодортар аз Маҷнунем,
Қайси моро бигузоред дигар номи дигар.
Метавон ёфт ба шамъи рухи ту роҳи мурод,
Лек ин риштаи мо гум шуда дар шоми дигар.
То фитодем ба домат зи паи донаи васл,
Мо куҷову сару савдои раҳи доми дигар!

❁ ❁ ❁

Бедод будӣ гарчи ту, бедод накардам,
Ин коҳи куҳан пеши касе бод накардам.

Афтода ба саҳрои ғам аз дасти итобат,
Сайде шудаму шиква зи сайёд накардам.

Бо амри ту ҷӯ канда зи кӯҳсор ба мижгон,
Аммо талаб аз тешаи Фарҳод накардам.

Вассофи бутон гаштаму дар маҳфили аҳбоб
Ҷуз васфи ту, эй ҳусни худодод, накардам.

Чун ҳалқаи нозеб маро гарчи фикандӣ,
Занге зада ҷуз гӯши туро ёд накардам.

З-ин ҷабри дигар нест, ки дар давраи озод
Дилро зи ғамат як нафас озод накардам.

Имрӯз дар ин хона, биё, нури фараҳ шав,
Аз ғайри ту ин ғамкада бунёд накардам.

❁ ❁ ❁

Ман аз мурдан наметарсам,
ман аз мурдор метарсам,
Аз он сарве, ки сабзад дар ҳавои дор,
метарсам.

Матои ҷон ба бозори амонӣ додаам, аммо
Ҷаҳон бозори ҷанҷолист, аз ин бозор метарсам.

Зи фарёди Хатин бар гӯши дилҳо мерасад озор,
Зи озори нави дилҳои пурозор метарсам.

Ҷаҳонро мехӯранд, аммо зи вазъаш
чашм мепӯшанд,
Аз ин чашмони зоҳирхуфтаи бедор метарсам.

Расанбозон наметарсанд аз дори баланд, аммо
Ман аз дори замин аз ҷодаи ҳамвор метарсам.

Ба дӯшам бори рангорангу сангин мондааст айём,
Ман аз вазнаш наметарсам, зи ранги
бор метарсам.

Ба девори хирад оё ҷаҳолат рахна хоҳад зад?
Надорам муттакое ғайри ин девор, метарсам!

✿ ✿ ✿

Навмед агарчи кардаӣ, уммед мекунам,
Поёни шоми торро испед мекунам.

Афтодаам ба роҳи ту, дастам бигир, ман,
Азми сафар ба хонаи хуршед мекунам.

Афтад агар ба хонаам ногаҳ гузори ту,
То умр ҳаст дар ҷаҳон ман ид мекунам.

Гар дасти илтифот даме бар сарам ниҳӣ,
Ман зери по шаҳомати Ҷамшед мекунам.

Чун роҳи ман ба манзили уммед мебарад,
Навмед агарчи кардаӣ, уммед мекунам.

❁ ❁ ❁

Имшаб аз дасти хаёлат хоб аз чашмам гурехт,
Зулмати шаб буду ман, маҳтоб аз чашмам гурехт.
Номаҳоятро варақгардон намудам боб-боб,
Об дар чашмам нишасту боб аз чашмам гурехт.
Дарди дилро хостам бо нағмае созам сабук,
Пешбанд омад рухат, мизроб аз чашмам гурехт.
Шиша ҷустам, то шароб аз ҳуш беҳушам кунад,
Шиша афтоду шароби ноб аз чашмам гурехт.
Сурататро кофтам ҳамчун нишони охирин,
Он ягона гавҳари ноёб аз чашмам гурехт,
Ҳар куҷо бошӣ, саломат бошу аз ман ёд кун,
Дил ба ёдат об гашту об аз чашмам гурехт.

❁ ❁ ❁

Бандагӣ кардем ё нобандагӣ кардем мо,
Бо мароми хеш боре зиндагӣ кардем мо!

Ташна гаштему наҷустем об аз чашми фалак,
Баҳри дил аз чашми дил борандагӣ кардем мо!

Гарчи мо рафтем берун аз ҳама паргорҳо,
Некро некӣ, бадонро гандагӣ кардем мо!

Пеши мо яксон бувад пасту баланди кӯҳсор,
Ҳар кӣ сар афканд, сарафкандагӣ кардем мо.

Мӯи худ кандем дар марги азизони Ватан,
Ҷон гиреҳ дар тори мӯи кандагӣ кардем мо!

То ҷаҳони дил биёбем, аз ҷаҳон рӯ тофтем,
Дар ҷаҳони беҷаҳон ҷӯяндагӣ кардем мо!

Ошиқӣ, гӯянд, аз фарзонагон шармандагист,
Обрӯ дидем, то шармандагӣ кардем мо!

Аз матои шеъри мо то ёр тан оро диҳад,
Мӯ ба мӯ чун шоназан бофандагӣ кардем мо!

✿ ✿ ✿

Аз ҳамон дам, ки ҷаҳон тофт ба пеши назарам,
То кунун дар сафарам, шоҳиди бас баҳру барам.
Набувад боки ман аз ин раҳи пуршебу фароз,
Чун шавам бераҳа, имдод кунад ҳамсафарам.
Бокам он аст, надонам, ки шабе ё саҳаре
Ногаҳон воқеае сахт биёяд ба сарам.
Ҳеҷ як дӯсти ҷонӣ нарасонад мададе,
Гарчи бошанд ҷигаргӯша ва ё худ ҷигарам.
Асри бистум ба ҳама сеҳри ҳунар мот шавад,
Накунад низ мадад рӯҳи азизи падарам.

✿ ✿ ✿

Гарчи шеъру шоирӣ табъи худононода нест,
Лек ин ҷавҳар насиби шоирони сода нест.

Заҳрро чун шаҳд бояд хӯрд дар кори сухан,
Ҳар балое мевазад бар мо, ба ҷуз шаббода нест!

Бар ҷамоли духтари поки сухан дил додаем,
Нест соҳибдил ҳар он ошиқ, ки ӯ дилдода нест.

Дар раҳи дилдори мо бисёрҳо афтодаанд,
Тайи ин раҳ то ба манзил кори ҳар афтода нест.

Метавон сармаст шуд аз як нигоҳаш то абад,
Бо хаёли чашми ӯ моро хаёли бода нест.

То ба қайди ёри худ ҳастем, озодем мо,
Ҳар ки озодӣ талаб кард аз ғамаш, озода нест.

Рӯй агар бикшода бошад, оламе гул мекунад,
В-арна дар боғи ҷаҳон як ғунчаи бикшода нест.

Дар нигоҳи мо раҳи мақсуд дар бероҳагист,
Роҳ агар ҳамвор бошад, дар шумори ҷода нест.

Ҳар ситора чун нигоҳи кӯдакон пок аст, лек
Осмонӣ ҳеҷ гаҳ монанди модарзода нест.

Шоири озод аз дунёву дунёдидае
Дидаам бисёр, аммо мисли Турсунзода нест!

✿ ✿ ✿

Ошиқӣ аз назора пайдо шуд,
Аз ситора ситора пайдо шуд.

Ёр чун буд аз қадим дилсанг,
Ҳар куҷо санги хора пайдо шуд.

Санг ҳам ошиқ аст, варна чаро
То ба ҳам зад, шарора пайдо шуд?

То бигирад барор кори диле,
Аз ду дил як ишора пайдо шуд.

Гулхане то шавад ҷаҳонафрӯз,
Шӯълаи пора-пора пайдо шуд.

Аз дили кӯҳ то расад рӯде,
Қатра аз ҳар канора пайдо шуд.

Дил макон хоҳад аз баногӯшаш
Аз куҷо гӯшвора пайдо шуд?!

Ошиқон, чораи канор кунед,
Ишқ аз баҳри чора пайдо шуд.

# РУБОИЁТ

Имрӯз само мисли замин хонаи мост,
Чун хонаи мост, пур зи афсонаи мост,
Дар байни замину осмон пул шудаем,
Бар бори гарон раҳ аз сари шонаи мост!

Дар боғи хирад аҷаб нӯму омадааст, —
Оинаи моҳ рӯ ба рӯ омадааст.
Эй умр, бигӯй, мо магар мебинем
Он дам, ки Зуҳал ба гуфтугӯ омадааст?

Аз кӯҳ ба дашт шиква н-овардастем,
Не бар сари дашт моҷаро кардастем.
Дар пасту баланди зиндагӣ хандонем,
Оре, ба худо, ки мо гули мардастем.

Ҳар қадр, ки беш дил ба дарё додем,
Мо ташна будем, ташнатар афтодем.
Ҷону дили хеш сӯхта дар лаби об,
Бар киштинишастагон лабе накшодем.

То ҳарфи ҳақе зи боби ман мегӯем,
Ҳар як ба талош мову ман мегӯем.
Садпора чу об гашта, аз нав бирасем,
Зеро ки ба номи як Ватан мегӯем.

Дар асри навин ба фикри нав омадаем,
Бо моҳу ситора дар гарав омадаем,
Аз хок баланд рафта аз фикри баланд,
Баргашта ба хок чун қирав омадаем!

Ҳарчанд, ки роз гуфтанам нохуб аст,
Сар дар бари ту ниҳоданам матлуб аст!
Дар ҳукми дарахти тоқаам, худ донӣ
Дур аз бари ҷӯй ҳар дарахте чӯб аст.

Бар «чархи фалак» шинам, ҳаво паймоям,
Аз худ чу хаёл меравам, меоям.
То ман наравам баланд ё паст зи чарх
Ҳаргиз ту намерасидаӣ бар ҷоям!

Эй рӯди Душанбе, эй суруди дили ман,
Эй чатри кабуд бар сари манзили ман,
Он рӯз, ки дур аз барат хок шавам,
Бо ёди ту сарв қад кашад аз гили ман!

Аз васли ту ҳеҷ лофи матлабназанам,
Лабро ба лабат монда ба кас гап назанам.
Пӯшидани рози туст худ мансаби ман,
Худро ба ҷуз ин ба ҳеҷ мансаб назанам!

Рӯзе, ки туро муждаи шавҳар доданд,
Худ мурда будам, марг муқаррар доданд.
Ин зинда ба маргро чӣ номе бидиҳанд,
Чун ном ба мурғаке самандар доданд?!

З-он дам, ки ба халқ ҷонсипар гардидем,
То кушта шудем, зиндатар гардидем!
Олам шаби тор буд то навбати мо,
Дар домани шом мо саҳар гардидем!

Ман рӯи ту лолазор гӯям, чӣ аҷаб,
Домони туро баҳор гӯям, чӣ аҷаб,
Ман дар лаби чашма ташна мирам аҷаб аст,
Чашмони ту чашмасор гӯям, чӣ аҷаб?

Эй абр, агарчи дурфишон омадаӣ,
Чун пардаи рамзи осмон омадаӣ —
Оё ту зи ишқи нобарори мани зор
Чун порина боз бар забон омадаӣ?!

Аз рӯзи азал зи сарнавиштам ронданд,
Деҳқон, ки набудаам, зи киштам ронданд,
Бо донаи гандуме ба даст афтодам,
Варна ба чи кор аз биҳиштам ронданд?!

Аз умри ба бод рафта, афсӯс-афсӯс,
Аз ёри зиёд рафта, афсӯс, афсӯс,
Аз он, ки тамоми умр аз ин дори фано
Ғамгин буда, шод рафта, афсӯс, афсӯс!

Аз ғунчаи баста чун ҳазори айём
Олуғда шудам зи гиру дори айём,
Осуда шудам чу инчунин бишнидам
Аз нутқи пиёдаву савори айём.

Дарёяму ду тараф ду соҳил дорам,
Аммо ба сафар як раҳу як дил дорам,
Берун наям аз қайди замон, чун Норак
Дар синаи худ ҳазор қандил дорам!

Деҳқони баҳор гулфишонӣ дорад,
Ин пирҷаҳон майли ҷавонӣ дорад.
Аз минбари сарв бар арӯсони чаман
Булбул сари шавқ шеърхонӣ дорад.

Аз майхурӣ арчи ном шуд Мастонам,
Ёрони баҳуш гашта ҳамдастонам,
Май мехӯраму мехӯраму соғари хеш
З-он ҷо, ки гирифтаам, ба ҷояш монам.

Хомон чӣ сари субҳ чӣ дар шом хӯранд,
Ҳамвора таоми пухта дар ном хӯранд,
Аз сӯзиши шоир ар нагиранд оташ,
Сӯзанд дусад беша, вале хом хӯранд.

Онон, ки ба ақли одамӣ пар доданд,
Шоҳини ҳунар ба сӯи маҳ сар доданд,
Посух чӣ диҳанд, агар суоле хезад —
«Оё ба замин ҳавои дигар доданд?!»

Як чашмаи нав чу кӯдаки навзоде
Омад ба ҷаҳон ба шевану фарёде,
То рӯд расиду дошт аз домани он —
«То баҳри дамон маро бикун имдоде»!

Мастию аластӣ гоҳ-гаҳ бояд кард,
Дар гардиши чарх кори маҳ бояд кард,
Яъне чу баланд меравӣ аз бода,
Баргашта ба хокдон нигаҳ бояд кард.

Маҳтоб, ки дар фикри ибод аст имрӯз,
Чун ҳарфи шинос рӯ кушодаст имрӯз.
Хонем зи боби осмон ҳарф ба ҳарф,
Гардун чу Алифбои савод аст имрӯз.

Дар миллати Бӯалӣ талош афтодаст,
Ҳар қавм чу пашшагон ба ош афтодаст.
Тоҷик, ки бори хоки худ медонад,
Аз нав ба замин ба фикри пош афтодаст.

Дунё ба умед, аҳли дунё ба умед,
Дар пои ниҳол оби дарё ба умед.
Ҳарчанд зи кӯтаҳӣ ба шохат нарасем,
Кӯтоҳии мо нест, ки мо ҳам ба умед!

Аз сарви қадат ниҳол меҷӯям ман,
Аз залфи каҷат шамол меҷӯям ман!
Аз нуқтаи холу абрӯи хамзадаат
Аз қисмати худ суол меҷӯям ман!

Э кош суруди бардавоме бошам,
Доим ба забони хосу оме бошам.
Як умр зи бахт гар паёмам надиҳанд,
Аз бахт ба мардумон паёме бошам.

Бихрӯш, дило, баҳори танноз омад,
Дар сурати духтарони Дарвоз омад.
Ошиқ ба раҳаш магар, ки қолин андохт,
Ё ӯ бари ёр қолинандоз омад?

Ҷонона, ки азми роҳи саҳро дорад,
Оё хабар аз дарди дили мо дорад?
Мо гушнаи рӯи аз латофат сераш,
Сер аз гами гушнагон чӣ парво дорад?

Ин духтараконе гулбаданро бинед,
Гулҳои шукуфтаи ҷаманро бинед,
Наззора ба он мӯи парешон чи кунед,
Дил дода, парешонии манро бинед.

Ҷонона ба лаб ғунча, ба рӯ гул дорад,
Даври сари худ ҳазор булбул дорад.
То дар раҳи ишқ бар хато по нанихад,
Андар сари ҳар қадам таммул дорад.

Нақши қалами қоши ту дорад қаламам,
В-ин нақш зиёда менамояд аламам.
Ёдам бирасад, ки беғамӣ аз ғами ман,
Сад кӯҳи дигар зи ғам фазояд ба ғамам.

Як тозагуле зи дасти нокас афтод,
Афтоду бирафт ҳамчу хас ҳамраҳи бод.
Ҳангоми видоъ гул ба ҳасрат мегуфт:
«Гул бар кафи гулпараст мебояд дод».

Аз баҳр яке қатра ба соҳил афтод,
Як қатраи хун зи соғари дил афтод.
Хушкид ба мисли он ки аз хоки Ватан
Берун шудаву ба ғайрманзил афтод.

Ҷонона гузашту мо тамошо дорем,
Лаззат зи хироми сарви боло дорем.
Бигзашту хаёли ошиқон беҷо кард,
— Оё ба дилаш кадоми мо ҷо дорем?!

Дӣ аз бари рӯи ту гузар мекардам,
Наззора ба себи сурхи тар мекардам.
Нақши рухи ту ба лавҳи дил мебастам,
Пироҳани ишқи ту ба бар мекардам.

Гуфтам: Чӣ кунам, ки бо манат соз оӣ,
Гуфто: Чу бубиниям, ба парвоз оӣ.
Гуфтам: Санамо, агар набошад болам?
Гуфто: Ба сарат тавон ки дар тоз оӣ!

Ҳамвора зи кӯи ту гузар хоҳам кард,
Танҳо ба ҷамоли ту назар хоҳам кард,
Ё ҷон ба ғамат зи тан бадар хоҳам кард,
Ё хилъати васли ту ба бар хоҳам кард?

Дилдор зи нав ба пахтачинӣ сар кард,
Мӯҳои дароз даври сар чанбар кард,
Бо бахти баланди хеш аз роҳи ҷадал
Кӯҳои баланди пахтаро ҳамсар кард.

Эй дида, бубин моҳи сари саҳроро,
Эй гӯш, шунав савти ҳазороворо.
Эй дил, ки ҳавои ёри меҳнат дорӣ,
Зинҳор, чу меравӣ, ба худ бар моро.

Дил майл ба дилбарони саҳро дорад,
Чун ташна, ки раҳ ба сӯи дарё дорад.
То зинда бувад, бурун аз ин раҳ нашавад,
Ин гавҳари софро мубарро дорад.

Эй сарв, маноз бо қади раъноят,
Эй моҳ, мафахр бо рухи зебоят.
Дар меҳнати ёри пахтачинам хуснест,
К-ин ҳусни шумо ба назди ӯ паст ояд.

Дилдор зи тиреза маро мепояд,
Гулғунча раҳи боди сабо мепояд.
Ин саҳнаи пинҳони ману ёри маро
Мафтун шуда моҳ аз само мепояд.

Ёр аз паи кори пахтазор омадааст,
Гӯё ба канори корзор омадааст.
Дилҳо ҳама сайди чашми шаҳбозаш шуд.
Ё раб, магар ӯ баҳри шикор омадааст?!

То рӯт бурун зи парда тобанда нашуд,
Ҷӯёи ҳунарҳои ту ёбанда нашуд,
То аз рухи ту нарехт чун ашк арақ,
Ҳар пахтаи саҳрои ту дар ханда нашуд.

Меҳнат, ки туро ба обутоб овардаст,
Рӯи ту зи ҳусн офтоб овардаст,
Онро, ки саволу шубҳа бар корат дошт,
Фатҳи ту кунун ҷавоби боб овардаст.

Сарви қади ту ба пахтаҳо хам задааст,
Меҳнат ба гули рӯи ту шабнам задааст.
Дил моили рухсори тару тозаи туст,
К-ӯ олами ҳусни хушк барҳам задааст.

Паймони ту аз сидқ чу бо кор бубаст,
Ҳар пахтаи сабзондаи ту бор бубаст.
Ин дил, ки асири банди занҷир набуд,
Мӯи ту гирифташу ба як тор бубаст.

Бо он, ки зиёда хубу гулрухсорӣ,
Дар кишвари ҳусн мекунӣ сардорӣ,
Азми ту, ки ҳаст доимо кори Ватан,
Бар ҳар сари мӯи ту бувад хушдоре!

Аз ишқи ту дил ҳамеша огаҳ дорам,
Бо ёди рухат ду дида дар раҳ дорам.
Бархезу биёву машъали роҳам шав,
К-аз рӯи ту дар пеши раҳам маҳ дорам.

Гар хандаи ту ба хандаи гул монад,
Шӯри дили ман ба шӯри булбул монад.
Дур аз ту агарчи дил надорад ором,
Дар назди ту лек дар таҳаммул монад.

Пеш аз дами субҳ рӯи ҷонон хандад,
Хуршед ба шавқи дидани он хандад,
Чун рӯи баҳор пахтазорон хандад,
Рухсораи ёр аз он дучандон хандад.

Гар аз бари пахтаҳо гузар карда равӣ,
Зинҳор ба ёри мо назар карда равӣ,
Дилро зи фараҳ ба моҳ бардорӣ, агар
Аз равнақи кори ӯ хабар карда равӣ.

Ин лаҳза сухан зи ту нагуфтан айб аст,
Тавсифи туро ба дил нуҳуфтан айб аст.
Аз равнақи кори ту ҳаводори туро
Ҳаққо, ки чу ғунча ношукуфтан айб аст.

Чун нест зи ҳар чи ҳаст ҷуз бод ба даст,
Чун ҳаст зи ҳарчи ҳаст нуқсону шикаст,
Ангор, ки ҳаст ҳарчи дар олам нест,
Пиндор, ки нест ҳарчи дар олам ҳаст!

Ҳарчанд талоши рӯи соҳил дорам,
Мавҷам, ба канори баҳр манзил дорам.
Худро ба канораш аз канор андозам,
Чун меҳри варо ҳамеша дар дил дорам.

Аз фитрати халқ илму фан ёфтаем,
Аз чеҳраи бишкуфта чаман ёфтаем.
Мо хоки Ватан ба дида хоҳем кашид,
Аз гарди сари миҷҷа Ватан ёфтаем.

Бо неку бади замона хӯ бояд кард,
Аз хоки гузаштагон сабӯ бояд кард.
Аз хоб чу офтоб мебояд хест,
Дар чашмаи субҳ шустушӯ бояд кард.

Аз гуфтани ҳақ нишони бас тирам ман,
Маҷрӯҳи ҳазор теғу шамшерам ман.
Модар, ки чунин зодаву парвард маро,
Ҳақ гуфтаву ҳақ зиста мемирам ман.

Дарёи замон аҷаб дамон мегузарад,
Бо мавҷи сабукпою гарон мегузарад.
Як лаҳзаи осуда ҷаҳоне дорад,
Дарёб ҷаҳонро, ки ҷаҳон мегузарад.

Бишин ба лаби чашма, дили об бубин,
Дар косаи чашма нони маҳтоб бубин.
Бо ёди нигори дури худ хоб бикун,
Чун моҳ дар об рӯи ӯ хоб бубин!

Биншаста бар ин чашма чу мо бисёре,
Бишкаста ҳазор шишам хамморе.
Бас шиша шикасту э бас армон нашикаст,
Дар синаи доғдида аз дилдоре.

Рӯ дид нигори мо дар оинаи об,
Бикшод сари сина сари синаи об.
Обаш ба канор гарчи печонд басе
Бекинаварӣ раҳо шуд аз кинаи об.

То бонафасӣ, ҳамнафасӣ бояд кард,
Бо додталаб додрасӣ бояд кард.
Озодии худ бубин ба озодии кас,
Андеша зи мурғи қафасӣ бояд кард.

Лаб бар лаби чашма бурдам аз гояти оз,
Кӯтоҳ намуд ба гӯшам ин нақли дароз:
Аз чашмаи Ишқ агар чунин об хӯрӣ,
Ҳамвор намоядат ҳама шебу фароз.

Моем ситораи дурахшони саҳар,
Бебок гирифта аз гиребони саҳар.
Бошад ки барояд аз танӯри гардун
Хуршед ба хоки гушна чун нони саҳар.

Бигзаштани умр бедимоғам дорад,
Боде ба назар қасди чароғам дорад.
Шарманда шавад аҷал, чу бинад шеърам
Чун умри дуборае суроғам дорад.

Ҳар банда ба мулки худ худое будаст,
Дар киштии хеш нохудое будаст.
Дар зери самои хештан бо ҳама хеш
Ҳар зарра чу хуршеди самое будаст.

Инсону саодаташ бувад давлати ман,
Яксони ҳаёт сурату сирати ман.
Охир чу замин мехӯрадам мисли ҳама,
Пас аҳли замин бародару миллати ман.

Аз ранҷу итоби ёр оганда дилам,
Маҷрӯҳ дилам, ранҷа дилам, ганда дилам.
Ӯ мегузарад аз бари ман бепарво,
Чун мӯи пареши ӯ пароканда дилам!

Рӯдаш, ки ба сар мавҷи дигар ёфтааст,
То баҳр басе кӯҳу камар кофтааст.
Бе ному нишон дигар нагардад ҷорӣ,
Ҳар риштаи раҳ сӯи нишон тофтааст.

То сабр набуд ғунчае боз набуд,
Шавқе зи диле баландпарвоз набуд.
То оғуши дил пур набуд аз фаёзи умед,
Оғӯши чаманзор тарабсоз набуд.

То дасти ҳунар баланду поён нашавад,
Ҳар парда чу як нағма намоён нашавад.
Дар ҳукми рубобам, эй навозанда, бикӯш,
Ҷӯрам ғаҳи гӯштоб вайрон нашавад.

Эй дӯст, чӣ ҳосил аз чарову чуни мо,
Охир чу канад дасти аҷал аз буни мо.
Ҳоло, ки ҳаётем, биё, дур кунем
Он арбада, ки расида чун нохуни мо.

Оре, ба сиришт обу аз гил моем,
Дарёи бачӯши ишқу соҳил моем.
Эй дил ба касе надода бедил шудагон,
Дарюза кунед пеши мо, дил моем!

Умрест маризаму даво кофтаам,
Аз нуқлу маю шароб рӯ тофтаам.
Ин турфа бубин — зи бӯсаи кунҷи лабат,
Парҳез шикаставу шифо ёфтаам.

Аз кунҷи лабат асал хурам, қанд хурам,
Аз оrazи ту себи Самарқанд хурам.
Ду чашми ту сӯи ман ду савганди вафост,
Дар додани ҷон ба ин ду савганд хурам.

Аз одами гулдаст чаман мемонад,
Аз шоири дилзинда сухан мемонад.
Аз машъали ҷовидон аён бишнидам,
Аз рафтани қаҳрамон Ватан мемонад!

Ин маҳ чӣ маҳе, ки боз хандон шудааст,
Бар рӯи Ватан дучанд тобон шудааст?
Ин моҳи Ватан, гузашта аз ҳафт фалак,
Чун қосиди мо ба меҳр меҳмон шудааст!

Хушбахттарин дар ин ҷаҳон кас моем,
Гулҳои чунин баҳори бехас моем.
Раҳ то ба сарои моҳи гардун бурдем,
Фирӯз дар ин роҳи муқаддас моем!

Ҳар қадр ситора дар фазо кам бошад,
Чун дидаи тар саҳоб пурнам бошад.
Бадбахттарин касе, ки ӯ дар ҳама умр
Хушбахт зи бадбахтии одам бошад.

Беҳоли туем, пурсиши ҳол макун,
Ҳангоми вафо дақиқаро сол макун!
Аз сабзаи навруста магар нашнидӣ:
— Гар сила намекунӣ, ту помол макун!

# ДУБАЙТИҲО

Баҳор омад, баҳори ман, куҷоӣ?
Саропо лолазори ман, куҷоӣ?
Ба роҳат роҳҳоро хӯрда карданд
Ду чашми интизори ман, куҷоӣ?!

Дили ман, эй дили ман, эй дили ман,
Гули ман, хори ман дар манзили ман.
Замони кӯчатат бигзашт, бигзашт,
Дигар омез бо обу гили ман.

Гаҳе созиву гоҳе сӯзӣ, эй дил,
Матои орзу медӯзӣ, эй дил.
Зи ҳабси хона мехоҳӣ барой,
Валекин то абад маҳбусӣ, эй дил.

Чу охир об хоҳад шуд дили ман,
Гиёҳу сабза рӯяд аз гили ман.
Биё, ҳоло ки дорам ҷӯшу туғён
Нишин, эй нозанин, дар соҳили ман!

Биё, эй ёр, ҳамтақдир бошем,
Паи сайде камону тир бошем.
Чу манзил дуру раҳ аз бешазор аст,
Дар ин бероҳа манзилгир бошем.

Аё дарё, магӯ мушти гиластам,
Чу дил дар сина дорам, муқбил астам,
Зи шавқе чун ту мечӯшад, дили ман,
Ки ман як шоири дарёдил астам!

Аё дарё, инонат шуд ба дастам
Ҳама суду зиёнат шуд ба дастам.
Барор аз сина ҳар ганҷе ки дорӣ
Ки пайдову ниҳонат шуд ба дастам!

Нигоҳат ҳалқаи доми кӣ бошад?
Ҷамолат моҳ дар шоми кӣ бошад?
Ҳамепурсам ман аз мирзои тақдир
Ки номат ҳампари номи кӣ бошад?

Барои ҷон бари ҷонона рафтам,
Чу мурғи гушна сӯи дона рафтам.
Чу раҳгум зад дилам дар роҳи қисмат,
Ба ёдаш ҷовидон майхона рафтам.

Чу хуршеде ки бо анҷум нагардад,
Асири ишқ гирди хум нагардад.
Зи гулханди ту мастам, кош умре
Табассум аз лабонат гум нагардад.

Асири дилбари тоторӣ, эй дил,
Гаҳе масту гаҳе ҳушёри, эй дил.
Гаҳе сӯзиву гоҳе созӣ бо ӯ,
Аламдору аламбардорӣ, эё дил!

Аё модар, биҳишти ман туӣ, ту,
Китоби сарнавишти ман туӣ, ту,
Биное аз сухан гар сохтам ман
Нахустин пояхишти ман туӣ, ту!

Ба ҳукми оҳанем, эй ҳушмандон,
Замину осмон чун путку сандон.
Зи мо шамшер месозанд ё дос
Ба ҳар қисмат бубояд буд хандон.

Аҷал мурғе ки оҳанге надорад,
Зи мо дурӣ ба фарсанге надорад.
Паёпай хуни одам мехӯрад, лек
Ба минқораш зи хун ранге надорад!

Баҳори гулфишон омад, гули ман,
Кабуду арғувон омад, гули ман.
Ҷаҳони пир дар рамзи ману ту
Ҷавон омад, ҷавон омад, гули ман!

Зи ҷонам бахри ҷононе гузаштам,
Зи ҳарчи хост алъонӣ гузаштам.
«Мусулмонӣ надорӣ, — гуфт, — гуфтам:
— Бароят аз мусулмонӣ гузаштам!

Дареғ аз шеърҳои носуруда,
Дареғ аз бӯсаҳои норабуда.
Дареғ аз мазраи нокиштаи мо,
Дареғ аз киштаҳои нодуруда.

Яке бому яке номе парастад,
Яке субҳу яке шоме парастад.
Дили дар сина доим ташнаи ман
Ҳамеша рӯди илҳоме парастад!

Ба шохи гул, ки булбул лона дорад,
Дилам дар банди зулфат хона дорад.
Агар мӯро бурӣ, дилро нигаҳ дор,
Ки ин мискин дигар ҷо ҷо надорад!

Туро то ҳаққи хидмат мегузорам,
Ман аз ту, модари ҷон, қарздорам.
Агар бошам, ба рамзи санги мармар
Диламро бар мазорат мегузорам!

Агар мастам, на масти бода астам,
Хуморӣ бар рухони сода астам.
На дунёдор, не дунёпарастам,
Фақат як шоири дилдода астам.

Накӯмардон, ки хурсанданд бо зан,
Ҳамегӯянду механданд бо зан.
Вале номардҳо аз нобарорӣ
Чӣ тӯҳматҳо, ки мебанданд бо зан.

Зи мардум ҳарчи байте самъ кардам,
Аз он дар сина дилро шамъ кардам.
Ҳар он чи реза-реза халқ гуфтанд,
Манаш ҳамчун дубайтӣ ҷамъ кардам!

Ба ҳар сӯ гарчи раҳ дорад дили ман,
Ба як нуқта нигаҳ дорад дили ман.
Муқими шаҳри пурғавғову доим
Хаёли зодгаҳ дорад дили ман.

Аҷаб муштоқи ёрӣ, эй дил, эй дил,
Зи пушташ раҳсупорӣ, эй дил, эй дил.
Ҳаё кун, аз ҷиҳил, охир, гузаштӣ
Ваё шарме надорӣ, эй дил, эй дил!

Ба роҳи ишқ дил поянда дорам,
Умеди ҳозиру оянда дорам.
Ҳазорон орзуи мурдаамро
Даруни синаи худ зинда дорам!

Дурахшон рӯзи умрам он шабе буд,
Ки дар оғӯши ман шаккарлабе буд.
Дигар ҳар он чи дидам ё надидам,
Саробеву хаёлеву гапе буд.

Дилам овораи саҳрои ишқ аст,
Сарам савдоии савдои ишқ аст.
Зи қайди ҳарчи озодам, ки ҷонам
Асири панҷаи гирои ишқ аст.

Хушобу нарму хушрангест дастат,
Чу ревоҷи тагисангист дастат.
Чӣ бошад даст бар дастам гузорӣ,
Ки дил чангиву хуш чангест дастат!

Канори об бар санге нишастам,
Барои сайди моҳӣ кор бастам.
Зи умрам рӯзи бисёре чунин раст,
Ки н-омад моҳие дар чанги шастам.

Муборак бод Наврӯзат, гули ман,
Баробар шуд шабу рӯзат, гули ман.
Бигӯ то кай баробар аз ҷудоӣ
Дили мову ту месӯзад, гули ман?!

Ту худро паҳлавон мехондӣ, эй дил,
Зи кудрат ҳукмро мерондӣ, эй дил.
Чу кардӣ панҷа андар панҷаи ишқ,
Шудӣ бечораю дармондӣ, эй дил!

Ҷаҳони мо чӣ рангин асту дилҷӯст,
Ба андомаш ҳазорон нақши некӯст,
Вале дилҷӯтару хушрангубӯтар
Ҷаҳони ҳар касе дар синаи ӯст.

Дилам сармолаи дарду алам шуд,
Ки чанде беқалам «соҳибқалам» шуд.
Киро гӯям, кадомин дар бикӯбам —
Сафи шоир фузуду шеър кам шуд!

Гаҳе корӣ, гаҳе бардорӣ, эй дил,
Гаҳе чун хоки навшудгорӣ, эй дил.
Ба як сурат надорӣ ҳеҷ ором,
Магар авзои гардун дорӣ, эй дил!

Ба дасти туст, эй дил, рӯзгорам,
Ҳама буду набудам, бурду борам.
Ҳиёнат гар кунӣ чун шоҳи Эрон
Яқин дон — ҳукми қатлат мебарорам.

Ба ҳар зулфе мадав чун шона, эй дил,
Ба ҳар шамъе машав парвона, эй дил.
Сари шохе ки сабз аз ишқ бошад
Гузор он ҷо муқимӣ лона, эй дил.

Агар хунӣ, дило, хунёгарӣ кун,
Ба созат аҳли дилро раҳбарӣ кун.
Ба талхиҳои ин дунёи шашдар,
Шакарпошӣ ба алфози дарӣ кун!

Чи ғоратҳо ба мо кардӣ ту, ёро,
Тиҳӣ шуд ганҷдони сина моро.
Дили моро ба мисли «турки шероз»
Ситондӣ чун Самарқанду Бухоро!

Зи ҷабри ёр макдурӣ ту, эй дил,
Чаро бо ман ҳамешӯрӣ ту, эй дил?!
Зи худюинӣ набинӣ ҳоли манро,
Худоро тавба ё курӣ ту, эй дил?!

Зи ман якбора кандӣ, эй дил, эй дил,
Ба ёди ёр бандӣ, эй дил, эй дил.
Насиҳат карданат суде надорад,
Насиҳатнописандӣ, эй дил, эй дил!

Дили мо зори дидори ману туст,
Хаёли мо харидори ману туст.
Матои ишқи мо бисёру афсӯс
Ба ҳар ҷо баста бозори ману туст!

Бирав, э дил, ба назди дилбари ман,
Саломе гӯй аз чашми тари ман.
Расонаш то даме сӯям набинад,
Натобад ҳеҷ гоҳе ахтари ман!

Хаёли мо наояд норасида,
Ниҳоли мо ба гардун саркашида.
Замину осмон ду мисраи мост,
Замини шеъри мо шудгордида.

Агар зан нест дунё нотамом аст,
Ҳаёту зиндагӣ танҳо ба ном аст.
Зи меҳри зан дамад хуршед ҳар субҳ,
Зи қаҳри зан само тору ғамом аст.

Чу хандад зан, гуле аз хок хезад,
Чу гиряд, об аз афлок резад.
Нигаҳ доред поси ҳурматашро,
Ки ранҷад, оламе шӯрад, ситезад!

Фидои кӯҳсори тоҷиконам,
Ки бо сангаш шарори маҳфиле дид,
Надорад дар бағал дарёву лекин
Басе шоир, басе дарёдиле дид!

Таманно доштам бо навниҳоле
Фалак аз ман рабудаш бо шамоле.
Диламро, оразамро, дидаамро
Ғаме доду наме доду хаёле.

Мабин гардуна, ҳарчанде баландӣ,
Ки кардун бартар аз худ моҳ дорад,
Зи болоӣ фақат болоназар бош,
Сари ҳар як баландӣ роҳ дорад!

Зи мансаб худписандиҳо нашояд,
Ки ҳаргиз бар наорад худписандӣ,
Сари ин шох чун фаввораи об
Ба пастӣ моил охир аз баландӣ.

Дар ин гулшан, ки номаш зиндагонист,
Агар як ғунчаи накшода бинам.
Талоши булбулони нағмазанро
Ба ҳангоми баҳорон сода бинам!

Баҳор омад, бишуд як соли умрам,
Паре рангин фитод аз боли умрам.
Дареғо заррабин чашмам набинад,
Ки сайёдест аз дунболи умрам!

# ҚИТЪАҲО

Эй чашмаи навдамида аз хок,
Бингар ба ситорагони афлок...
Монанди ту беғаму ҳамида
Онҳо ҳама чун ту нафхурӯшанд
Дар ҷодаи хештан биҷӯшанд —
Бошад, ки раҳе супурда бошанд,
Худро ба ҳаёт бурда бошанд...

❁ ❁ ❁

Эй мурғаки навпару навоҳанг,
Бингар ба уқоби тораи санг —
Наззоракунон ба дур, бебок
Бар арш паридани аз хок.
Ингуна ту низ дар ҳаво шав,
Аз танги муҳити худ ҷудо шав.
Парвоз бикун ба ҳарчи болест,
Парвозгаҳат ҳамеша холист!..

❁ ❁ ❁

Эй ғунчаи наврасида, во шав,
Бингар ба чаман, зи худ ҷудо шав.
Ҳар гул ба мисоли рӯи хандон
Хандад ба дили ниёзмандон.
Аз баҳри дилам ту ханда омӯз,
Гулхандаи ғамбаранда омӯз!

❁ ❁ ❁

Эй тозаниҳоли наврасида,
Гулғунча ба тори сар надида.
Навмед машав, баҳори дигар,
Гӯянд, бувад барори дигар.
Ҳар шохаи ту шавад пур аз гул
Ояд ба фиғон ҳазор булбул.

❁ ❁ ❁

Эй дил, сабақ аз ҳаёт баргир —
Зӣ дар бари обу лек даргир.
Аз по манишин ба ноумедӣ
Дар тирашабон биҷӯ сафедӣ.
Олам чу қиморхона сард аст,
Он кас бубарад, ки гармсард аст!

# АНДЕШАҲО

Дӯстон, дар ҳалқаи андешаам,
Байни ин девор то чанд истам...
Мисли рӯде дар ҳисори кӯҳҳо
Ман ба худ печида, оё кистам...

Гаҳ асо гаштам ба дасти оҷизе,
Гаҳ фикандам санги роҳи раҳгузар,
Гаҳ ба хайли шом, шоми ҷаҳлҳо
Ҷанг кардам, ҷанг ҳамроҳи саҳар,
Лек з-он, ки корбастанҳои ман
Гоҳ-гоҳ дар раҳ саодатёр нест.
Ин матои хунидилранги маро
Муштарӣ дар ҳеҷ як бозор нест.

Фикр дорам, ман ки аз боғи мурод
То ба ҳоло як гуле нашкастаам,
Не гуле бишкаста, ин пурсӯзтар
Не ба шохе навдае пайвастаам,
Не чу марди чусту чолокам ҳанӯз,
Не чу фарди суст, сусту хастаам,
Як замонам гар табар донистанӣ,
Гӯшае хобидаам, бедастаам.

Кистам, баргӯй охир кистам?
Кистам — бо хеш дар ҷангам ҳанӯз?
Ранг мехонӣ, ки вақте меравад,
Ранг бошам, ку хати рангам ҳанӯз!

Ё ба ҳукми тор медонӣ маро?
Ман ки чун тори нави сози дарӣ
Дар сари ҳар парда дорам сози нав,
Шӯрбахши маҷлиси хунёгарӣ.

Дафтари ашъор агар хонӣ маро,
Боз кун, то чист дар ашъори ман,
Бар сари ҳар як матоям зеҳн мон,
Бин, чӣ равнақ дорад ин бозори ман!

Кистам ман?
Ҳарфи ноҷоям магар
Дар миёни ҷумлаҳои суфтае?
Ахтари бедор ё моҳи мунир
Дар бари домони шоми хуфтае?

Ҳар чи мехонӣ, бихонам, лек ман
Шоирам, андеша анбози ман аст.
Розпӯши роздорон нестам,
Фошгӯӣ панди устози ман аст!

# АНДАРЗҲО

Дар сӯҳбате ба ҳалқаи пирони рӯзгор
Пире нишаст сурати огоҳи зиндагӣ.
Роҳаш тамом гаштаву ӯ роҳ мекашид,
Аз роҳҳои дидааш дар роҳи зиндагӣ.

Мегуфт: ман саодати бисёр дидаам
Бо ҳиммату талоши худ аз бахт розиям.
Дар дӯстӣ хиёнате аз ман нарафтааст,
То ҳол байни дӯстон шоли намозиям.

Вақте ғубори шубҳае аз дӯстон расид,
Худро зи ёру ошно бегона ёфтам.
Дурӣ гузидам аз ҳама, хилватнишин шудам,
Осудагӣ, ба фикри худ, аз хона ёфтам.

Шабҳо надими сӯҳбати девони шоирон,
Рӯзона рӯду соҳилу фарёди обҳо.
Худро ба об мезадам то рустар шавам
Чун моҳтоб дар хаму печи саҳобҳо.

Танҳо нишаст кардаму танҳо равон шудам,
Аз ҳалқаи ҷамоати ёрон гусехтам.

Ҳар кас ба ҷустуҷӯи ман афтад, намерасид,
Ҳамчун зи ёру ошно азхуд гурехтам.

Чанде гузашт инчунин ногоҳ хешро
Дидам, ки аҳли зиндагӣ аз ёд бурдааст.
Чанде гузашт инчунин худро чу оҳане
Дидам, ки бо мурури замон занг хӯрдааст.

Инсон ба ҳукми оҳан аст, оҳан ба оҳане
Ҳар рӯз то намерасад, сайқал намебарад.
Ҳар рӯз то намерасад, бесозу беҷилост,
Онро касе ба ҷониби манқал намебарад...

То одам асту оламе, одам ба одам аст,
Одам барои одаму олам барои худ.
То зиндаед, дасти ҳам гиред дар ҳаёт,
Огаҳ кунед оламеро аз садои худ...

Бо чунин зиндагӣ, ки ман дорам,
Аз сухан дони ишқ мекорам.
Ҳосили умрро чу бардорам,
Боз дилро чу беҳтарин тӯҳфа,
Дар қадамгоҳи ёр бигзорам.

Ошиқӣ ҳеҷ гаҳ намемирад,
Зиндагӣ мурдаро намегирад.
Эй дилам, нек бод тадбират,
Ишқро хону боз аз бар кун,
Чун каломи Шарифи тақдират.

Дар раҳи умр ҳарчи пеш равам,
Бо дили ёрҷӯи хеш равам...
Ман аз ин ҷода пас намегардам,
Гарчи бо қалби реш-реш равам.

Ҳар қадам хандаи нигаҳбинам,
Ёрро ҳамнишини маҳ бинам,
Дар кафи фотеҳон қадаҳ бинам,
Боз уммедвори дидораш
Хешро дар канори раҳ бинам.

Бигзарам аз канори раҳгузарон,
Бингарам ошиқони бас нигарон,
Ишқ мероси пок аз падарон...
Сарвари дигаре чӣ меҷӯед,
Эй, шумо ҷоҳилону бехабарон!

Рӯд бар дашти бекарон ошиқ,
Ҳар ситора бар осмон ошиқ.
Сабза бар абри дурфишон ошиқ
Бар гили поки ҳар ҷаҳонгире,
Дар ҳама асрҳо ҷаҳон ошиқ.

Ошиқӣ пир кай шудаст, эй дӯст?
Бӯса дилгир кай шудаст, эй дӯст?
Ҳусн бе тир кай шудаст, эй дӯст?
Куштаи ишқи ёр хоҳам шуд,
Зинда ҳамчун баҳор хоҳам шуд!

# МУНДАРИҶА

Сухани ёдгор..........................................3

Шеърҳо..................................................9

Ғазалҳо ............................................... 148

Рубоиёт............................................... 160

Дубайтиҳо ........................................... 175

Қитъаҳо .............................................. 184

Андешаҳо ............................................ 186

Андарзҳо ............................................ 188

**МАСТОН ШЕРАЛӢ**

# МЕРОСИ ДИЛ

*(Маҷмӯаи ашъор)*


| | |
|---|---|
| Мусаввир | ***У. Ашӯров*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***С. Шералӣ*** |
| Муҳаррири ороиш | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳфабандӣ | ***М. Саидова*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |

Ба матбаа 15.02.2005 дода шуд. Ба чопаш 15.03.2005 имзо шуд. Андозаи 70х108[1]/[32]. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфаш адабӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,0. Адади нашр 700 нусха. Супориши №15/05.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти ***«ЭҶОД»*** чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.